**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

***ТКБ:*** 65.5+ 65.9 (2 тоҷик) +74.03(2 тоҷик)+65.9 (2)
261.3+67.99(2) 2
***ТДУ*** 336+339+336:34+37 тоҷик +378+336/74
***М – 48***

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАҲМАРИЗОЗОДА БАДРИДДИН МАҲМАРИЗО**

# ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисод аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.и., дотсент
Султонов З.С.

**ДУШАНБЕ - 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО** ........................................................................ 3
**МУҚАДДИМА** ........................................................................................ 4
**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ АНДОЗБАНДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**........................................................................ 15
1.1. Ташаккули низоми андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистон........ 15
1.2. Асосҳои методии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир........................................................ 30
1.3. Мушкилоти танзим ва механизми андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ................................................................ 44
**БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲЛИЛИ АНДОЗБАНДИИ ОНҲО**........................................................................ 62
2.1. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ................................................................ 62
2.2. Омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ................................................................ 82
2.3. Таҷрибаи хориҷии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ........................................................................................ 97
**БОБИ 3. САМТҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ**........................................................................ 112
**3.1.** Самтҳои асосии такмилдиҳии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ............................................ 112
**3.2.** Имтиёзҳои андозбандӣ ҳангоми татбиқи такмили механизми он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ................................ 125
**3.3.** Мувофиққунонии (оптималикунонии) низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ........................................ 138
**ХУЛОСА** ........................................................................................ 153
**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**................ 156
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........................................................................ 158
**Рӯхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**...................... 168
**ЗАМИМАҲО** ........................................................................ 170

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда

КАҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

КАФР - Кодекси андози Федератсияи Росия

МТОК – Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

МТҒ – Муассисаи таълимии ғайрибуҷетӣ

СМРҶТ- 2030 - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030

ТИК - таҳсилоти ибтидоии касбӣ

ТМК - таҳсилоти миёнаи касбӣ

ТОК - таҳсилоти олии касбӣ

ТКМОТ - таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

ТИ - таҳсилоти иловагӣ

ТМ - таҳсилоти махсус

ТХИ - Талафоти хусусияти иҷтимоидошта

ДДТТ - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

ДИС ДДТТ - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

ДДҲБСТ - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

МТҒДТИТ – Муассисаи таълимии ғайрибуҷетии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир рушди пайвастаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тамоюл ба инноватсияи иҷтимоӣ дорад, вусъатбахшии иқтидори рақобатпазирӣ ва афзоиши афзалиятҳои муқоисавии онро дар илм, маориф ва технологияи сатҳи баланд тавъам намудан аҳамияти хоса дорад. Дар ин замина сиёсати маориф ба яке аз воситаҳои муҳимми рушд, таҳкимбахши инноватсионӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти ҷумҳурӣ равона мегардад.

«...Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад» [6]. Дар воқеъ, рушду вусъатёбии соҳаи илму маориф ҳамеша дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Боиси ифтихор аст, ки барои амалисозии ин раванд дастгирии соҳаи мазкурро ҳамасола бештар намуда, таваҷҷуҳро ба сатҳи некуаҳволии кормандон ва сохтаву муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои таълимии нав сафарбар менамоянд.

Ба андешаи мо, рақобатпазирии системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути татбиқи стратегияҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ, самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва паст намудани хароҷотҳои талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ ба даст овардан мумкин аст. Зеро, иқтисоди рақобатпазири муосир – ин иқтисоди ба таҳсилот ва дониш асосёфта буда, фаъолияти таълимӣ муҳимтарин унсури инфрасохтори иқтисодиёт аст, ки соҳаҳои гуногунро бо кадрҳои баландихтисос таъмин намуда, ба рушди истеҳсолоти моддӣ ва ҳам соҳаи хизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Бинобар ин, дар раванди мукаммалгардонии хароҷоти хизматрасониҳои таълимӣ, махсусан дар самти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба инобатгирии ҳаҷми маблағи андоз мавқеи намоён ва назаррас дорад.

Дар ин асос ва ба андешаи мо, чунин хусусиятҳои фарқкунанда механизми андозбандии муассисаҳои таълимиро муайян мекунанд. Аз як тараф, ҳар як субъекти хоҷагидор, андозсупоранда эътироф гардида, дар ғанигардонии буҷети давлатӣ саҳмгузоранд. Аз тарафи дигар бошад, аҳамияти муҳими иқтисодиву иҷтимоии ин соҳа давлатро водор сохтааст, ки ба муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти онҳо ва роҳ надодан ба афзоиши нархҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, имтиёзҳои андозбандиро пешниҳод намояд. Илова бар ин, муқаррар намудан ва ситонидани маҳз андоз аз арзиши иловашуда аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушкилот ва муаммоҳои бештареро рӯйи кор меорад ва танзими илман асосноку самаранокро талаб менамояд.

Бо ин мақсад муайян намудани ҷанбаҳои муфид ва манфиатовари андозбандии ин соҳа, ки  сарчашмаи ғанигардонии буҷаи давлат ба ҳисоб меравад, дар ин замина ба татбиқи барномаву стратегияҳои кишвар асос мегузорад. Дар замони ҳозира яке аз масъалаҳои ниҳоятан мубрам дар ҷаҳони муосир ва хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои илмию назариявии такмили низоми андоз ва ҷанбаҳои алоҳидаи онро иқтисоддонҳои зерини мактаби классикӣ ва неоклассикӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додаанд: А. Смит [26], Д. Рикардо [45], К. Маркс [35], Ф. Энгелс [35], Д.М. Кейнс [13], Сакс Ҷ, [48], У. Петти  [43],  Н.Д.  Эриашвили  [62]  ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додаанд.

Дар ҳаллу фасли мавзуи мавриди назар саҳми муҳаққиқони рус: Н. Адамов [64],  Н.С. Милоголов [39], О.А. Миронова [42], М.В.Мишустин [99], М.И. Мигунова [39], О.Г.  Боков [28], А.А. Голдина [72], Н.Б.  Грибкова [73], О.В. Конева [39],  А.Ю. Рыманов [46], В.М. Родионова [56], Л.А. Дробозина [55], Д.Г. Черника [41], Т.Ф. Юткин [63], В.А. Хочуев [57], М.Р  Юркова [130], Е.С. Вылкова [29], А.Э. Сердюков [108]  ва дигарон назаррас мебошад.

Омӯзишу таҳқиқи мавзуи андоз ва масоили андозбандӣ то даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, аз тарафи муҳаққиқони барҷастаи тоҷик Н. Тусӣ [100], С. Айнӣ [32], Б. Ғафуров [30] омӯхта шуда, зарурати бештари ҳамаҷонибаи таҳқиқу омӯзиши он баъди солҳои 1991 ба миён омадааст ва дар ин самт саҳми назарраси олимони ватании зерин мушоҳида мегардад: Ҳ.Н. Фақеров [58], А.Р. Қурбонов [34], Ғ.Д. Ашуров [69], Ш.М. Гулов [74], Л.Ҳ. Саидмуродзода [105], С. Ш. Қаюмов [87], А. Мирсаидов, [97] С.С. Ҳабибов [58], Ҳ.М. Саидова [124], Ф. Мирзоахмедов [95], Х.Р. Улуғхоҷаева [52], Р.К. Раҷабов [102], С.Х. Хамидова [128], А.М. Солеҳзода [109], О.М. Алиев [65], Р.Т. Ҷабборов [77], Х.Қ. Ҷумъабоев [60], Д.Г. Гулмирзоев [31], А.М. Маъмуров [116], Ю.М. Салимова [106], У. Воҳидов [97], Т.С. Исломов [32], Ф.К. Убайдуллоев [51] С.Халифазода [127], Б.Б.Рахматов [103], Ш.Қ. Хайрзода [126], И.Р. Иброхимов [123], А. Ф. Исматов [32], Т.Р. Ризокулов [104], Н. Юсупова [118], У.С. Ҳусейнов [114], Ф.Ҷ. Касирова [81] ва дигарон мушоҳида мегардад.

Ҷанбаҳои пардохти андозҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ, баҳодиҳӣ, танзим ва такмили он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муҳаққиқони болозикр дар асарҳои илмии худ ба қадри зарурӣ арзёбӣ накардаанд, балки чанде ишораҳо ё ба паҳлуҳои дигари он ки ҳадафи кори асосиашон будааст, дахл кардаанд. Ин ҳам яке аз далелҳои мубрамӣ ва муҳиммияти интихоби мавзуи мавриди назар ҳисобида мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мазмуну мундариҷа ва муқаррароти асосии диссертатсия дар татбиқи амалии ҳадафҳои «Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (банди 220) », «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили назариявию методӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ва тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ** дар асоси таҳқиқ муайян гардидааст:

1. Омӯзиши асосҳои назариявию амалӣ ва таҳқиқи асосҳои методии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
2. Баррасии мушкилоту муаммоҳои механизми андозбандӣ ва истифодаи таҷрибаи муфиди мамлакатҳои хориҷӣт дар рушди фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
3. Таҳлил ва баҳодии ҳолати воқеии раванди андозсупорӣ бо дар назардошти омилҳои таъсиррасон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
4. Таҳияи амсилаи иқтисодию математикӣ ва оптималикунонии низоми андозбандӣ, инчунин муайян сохтани самтҳои асосии такмилдиҳии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Объекти таҳқиқот** раванди андозбандӣ ва танзими он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян шудааст.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие мебошад, ки махсусияти андозсупорӣ ва танзими онро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бар гирифтааст.

**Фарзияи таҳқиқот** дар таҳкурсии муқаррароте асос ёфтааст, ки ҳангоми тақвият додан ва такмил додани раванди андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муносибатҳои нави андозӣ ба вуҷуд омада, вазъи молиявии андозсупорандагон беҳтар мегардад ва дар маҷмуъ ба кам гардидани вазни сарбории маблағи таҳсили донишҷӯён мусоидат мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқӣ** аз андешаҳои ҷолиби муҳаққиқони маъруфи хориҷӣ ва ватанӣ дар самти муносибатҳои танзиму такмили низоми идоракунии андозбандӣ, масоили андозбандии муассисаҳои таълимӣ, инчунин, Стратегияҳо, Қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромаду

суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самти мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои марбутаи андозу андозбандии соҳаи маориф иборат мебошанд, дар бар гирифтааст. Барои дар ҳадди зарурӣ амалӣ гардидани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз усулҳои гуногуни илмӣ, яъне оморӣ, системавӣ, сабабу натиҷа, таҳлили нишондиҳандаҳо, баҳодиҳии коршиносон, арзёбии иқтисодию математикӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ ва ғайра истифода гардидааст.

**Сарчашмаҳои маълумоти диссертатсияро** асарҳои илмии олимони хориҷию ватании соҳавӣ, маводи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва нашрияҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи расмии созмонҳои байналмилалӣ, маводҳои шабакаи «Интернет» ва инчунин мушоҳидаву таҳқиқоти худи муаллиф, мусоҳиба бо мутахассисони касбии соҳавӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмии мазкур дар кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон давоми солҳои 2017 - 2024 иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Асоснок намудани заминаҳои назариявию методологӣ ва методӣ оид ба мазмуну мундариҷаи таҳлили ҳолотҳои андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, вазъи онҳо, инчунин коркарди як қатор тавсияҳои амалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои нави андоз, ки дар натиҷа вазъи молиявии андозсупорандагон беҳтар мегардад ва ба кам гардидани вазни сарбории маблағи таҳсили донишҷӯён мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, натиҷаи назарраси назариявию методӣ, методологию амалии таҳқиқот, ки аз унсурҳои навгонии илмии зерин иборатанд, ба ҳимоя

пешниҳод карда мешаванд:

1. Моҳияти андоз ҳамчун категорияи иқтисодию иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, идоракунии танзими он дар соҳаи маориф муайян ва аниқ карда шудааст. Дар ҳамин замина аз ҷиҳати илмӣ дар асоси омӯзиши ақидаҳои мухталифи олимон мафҳумҳои «андоз», «низоми андоз», асоснок гардида, нуқтаи назари муаллиф пешниҳод шудааст: андозҳо ҳамчун пардохтҳои ҳатмӣ ва зарурӣ аз ҷониби аъзоёни ҷамъият барои таъминоти молиявии хароҷотҳои давлатӣ амал менамоянд ва дорои манбаъҳою меъёрҳои қонунан муқарраргардида мебошанд.Усулҳо ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити имрӯза нишон дода шудааст, ки он ба такмили муносибатҳои нави андозӣ, беҳтар намудани сатҳ ва сифати андозсупории муассисаҳои таълимӣ, паст намудани гаронии андоз ва хавфи андозӣ мусоидат менамояд.

2. Дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки андозбандии соҳаи маориф вобаста ба зинаҳои таҳсилот гурӯҳбандӣ карда шавад, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фасли (боби) алоҳида таҳия гардад, дар он сурат ба сатҳу сифати андозбандии соҳаи мазкур мусоидат намуда, барои баҳисобгирии он заминаи мусоид фароҳам месозад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бештари он худмаблағгузор ҳастанд, мувофиқи банди дуюми моддаи 264 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба микдори 5% андоз аз арзиши иловашуда месупоранд. Дар аксари кишварҳои дунё ба муассисаҳои таълимӣ имтиёзҳои андозӣ дода мешаванд, ки ин ба рушди соҳаи ҳаётан зарури маориф боис гаштааст. Ба андешаи мо, дар ин самт низ бояд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо имтиёзи андозӣ дода шавад, зеро маориф соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад.

3. Дар асоси таҳқиқоти низоми андозбандии кишварҳои тараққикардаи хориҷӣ ва бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоӣ, татбиқи озод намудани

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз андоз аз арзиши иловашуда зарурати ҳамаҷониба дорад. Ин омил имкон медиҳад, ки танзими боадолатонаи (адолатмандонаи) муносибатҳои андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз мушкилоти андозбандии иловагӣ озод намояд, азнавтақсимкунии хароҷоти маблағи таҳсилро ба низом дарорад, сатҳи самаранокии дохилшавӣ ба гурӯҳҳои шартномавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро афзун гардонад ва муҳимтар аз ин, вазъи молиявию некӯаҳволии шаҳрвандонро таъмин намояд. Вазъи воқеии раванди фаъолияти МТОК, аллахусус нишондиҳандаҳои асосӣ, вазъи андозбандии фаъолияти онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, танзиму такмилидиҳии низоми андозбандӣ, асоснок намудани имтиёзҳои андозӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо, мушкилоту омилҳои таъсиррасон ба он баҳодиҳию натиҷагирӣ карда шудааст.

4. Дар раванди амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ таъсири муайяни омилҳо ошкор карда шуда, дар чаҳорчӯбаи он тавсияҳои илмии низоми андозбандии МТОК пешниҳод гардидааст. Бо истифода аз амсилаи оптимизатсионии таҳияшудаи мо, ташкили муассисаи таҳсилоти олии худмаблағгузор ва оптималикунонии низоми андозбандии он ба манфиати давлат мебошад. Ҳангоми таҳқиқот самтҳои асосии такмили механизми андозбандии МТОК муайян гардида, раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия**

- нуктаи назари муаллиф дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони соҳавӣ оид ба мафҳумҳои «андоз», «танзими андоз» баён гардида, моҳияти иқтисодиву иҷтимоии андозҳо, низоми андозӣ, мазмуни андозситонӣ, усулҳо, вазифаҳои асосии ташаккул ва танзими низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асоснок карда шудааст;
- омӯзиш ва истифодаи ҳамаҷонибаи давлатҳои пешоҳанг, ки дар онҳо низоми маориф махсусан, фаъолияти МТОК афзалияти аввалиндараҷа

дорад ва дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарзу усулҳои таҳлили иқтисодӣ-риёзӣ, муқоисавӣ, миқдорию сифатӣ гузаронида шуда, барои рушди соҳаи мазкур пешниҳодҳои илман асоснок тавсия шудаанд;

- баҳодиҳӣ ба вазъи воқеии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин асос таҳия ва татбиқи амсилаи иқтисодию математикӣ барои ҳамоҳангсозии омилҳои асосии таъсиррасон ба низоми андозбандии МТОК ва самтҳои такмилу танзими он.

- дар заминаи таҳқиқот муайян кардани самтҳои асосии такмили механизми андозбандии МТОК, раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба афзалиятҳову самаранокии иқтисодию иҷтимоии он мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушд ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳаи мазкур бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Қисмати назариявии кори диссертатсиониро метавон ҳангоми қироати дарсҳои лексионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дар ҳамин самт фаъолияткунанда алалхусус, дар такмили савияи дониши донишҷӯёни ихтисоси андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз фанҳои назарияи андоз ва андозбандӣ, таърихи андозситонӣ ва низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд. Инчунин, бандҳои алоҳидаи хулосаю пешниҳодҳои муаллиф дар таҳия ва такмили санадҳои меъёрӣ ва ташаккули заминаи илмӣ-таълимии соҳаи андоз, танзими оқилонаи хароҷоти андозбандии

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳамчунин дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи назариявӣ, нишондиҳандаҳои дақиқи оморӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқгардида, мутобиқати интишороти муаллиф дар самти мавзуи таҳқиқ ва хониши лексияҳо аз тарафи муаллиф дар гурӯҳҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии риштаи иқтисодӣ тасдиқ мегардад.

Натиҷаҳои илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асоснокии такмили раванди андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия гардидаанд, арзёбии куллии сатҳи самаранокии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сифати хизматрасонии онҳоро фаро гирифта, баъзе аз онҳо дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ 03.02.2025 №2379/11,1) ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (санади татбиқ 14.01.2025№398/1) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯйӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосииислоҳоти системаи андозӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои интихоби мавзуи илмӣ, нақшаи кори диссертатсионӣ, дарёфти сарчашмаҳои илмӣ, таҳлилӣ, асосноксозӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он, таҳия ва асоснокгардонии навгониҳои илмӣ муайян мегардад.

Тавсияҳои дар кори илмӣ пешниҳодгардида метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати андозӣ, инчунин дар оянда бо мақсади такмили қонунгузории андоз, махсусан дар самти андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон дар таҳияи лексияҳо барои донишомӯзони риштаи иқтисод мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** бо мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ҳангоми омӯзиши афкори назариявии классикӣ ва назарияҳои муосир дар самти танзими андозбандии низоми маориф муайян мегардад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар фаъолияти минбаъдаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан он донишгоҳу донишкадаҳое, ки дар онҳо гурӯҳҳои шартномавӣ амал мекунанд ва ин амал мавриди андозбандии ААИ қарор дорад, мавриди истифода қарор дода мешавад. Бандҳои алоҳидаи қисмати назариявии кори диссертатсионӣ дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифта, дар маводҳои конфронсҳои байналмилалӣ дар мавзуъҳои: «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» (2021), «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ»(2018), «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир»(2019) ва конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир» (2023), маъруза ва дарҷ гардидаанд. Муқарраротӣ асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дар дигар маҷмуаҳои илмӣ аз соли 2017 то 2024 нашр гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10- тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб,

хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 173 саҳифа оварда шудааст, ки он 6 диаграмма 16 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 130 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ АНДОЗБАНДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Ташаккули низоми андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистон

Андоз ва андозбандӣ ҳамчун рукни муҳими иқтисодӣ, дар даврони гузашта ва дар шароити имрӯзаи тамаддуни ҷаҳонӣ баҳри ташаккули молияи давлатӣ нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозад. Ин истилоҳ ҳамчун раванди ситонидани як қисми даромадҳои пулӣ ва молии аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидор ва дигар шахсон, ки дар ҳудуди давлати алоҳида кор ва фаъолият мекунанд, ба ҳисоб меравад. Ташкили муносибатҳои андоз ва андозбандӣ яке аз шартҳои асосии эъмори давлату давлатдорӣ эътироф гардида, зарурати маҷбуран ситонидани андоз ба вуҷуд омада, давлат ҳамаи андозсупорандагонро водор менамояд, ки ҳангоми дар онҳо мавҷуд будани манбаъҳои қонунан муқарраршудаи андозбандӣ, андозҳоро дар муҳлатҳои муайянгашта пардохт намоянд.

Сарчашмаҳои бештари адабиёти илмӣ таърихи пайдоиши андозҳоро бо ташаккули аввалин давлатҳо мансуб дониста, онҳоро ҳамчун фишанги муҳим ва шарти зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба ин, дигаргунии шакли сохтори давлатдорӣ бояд ба дигаргунии низоми андозӣ мусоидат намояд ва он дар асоси сиёсати пешгирифтаи давлат мукаммал гардонида мешавад.

Дар ин бора, муҳаққиқи риштаи илми иқтисод Т.С. Исломов қайд менамояд, ки: «...андоз ва андозбандӣ бо баробари пайдоиши давлат ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст. Дар асрҳои XIII- XII (то мелод) оид ба андози сарикасӣ дар шаҳри Вавилон маълумот дода мешавад. Тақрибан ба ҳамин давра маълумоти аввалин оид ба андозбандии умумӣ дар Чин ва қаламрави Эрон низ рост меояд» [32].

Сарчашмаҳо аз адабиёти бахши молиёт ва иқтисод аз он шаҳодат медиҳанд, ки пайдоиши андозҳо аслан аз андозбандии инфиродӣ сарчашма мегиранд. Вобаста ба ин, Т.С. Исломов чунин ақида доранд, ки: «...Таърихи давраҳои ташаккул ва рушди миллати тоҷик нишон медиҳад, ки дар таҷриба ва таърихи андоз ду шакли андозситонӣ – маҳалбайъ ва инфиродӣ вуҷуд дорад» [79].

Шакли маҳалбайъи андозситонӣ дар замони ғуломдорӣ ва феодализм, маконе, ки мақомоти мутараққии андозситонӣ вуҷуд надошт, паҳн гашта буд. Ҳангоми истифодаи ин шакл маблағи андоз аз тарафи давлат барои музофотҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва деҳаҳои мамлакат муқаррар карда мешуд.

Дар аксари маврид тақсимотро амалдорони маҳал мегузаронидaнд ва одатан онҳо ба беадолатӣ роҳ дода, андозҳоро бештар бар дӯши деҳқонон ва косибони камбизоат вогузор мекарданд. «...Заминдорон ва соҳибкорони бой бо роҳҳои гуногун, амсоли ришвадиҳӣ, истифода аз алоқаҳои шахсӣ, шиносбозӣ, хешутаборӣ ва ғайраҳо аз андозсупорӣ озод карда мешуданд ё аз эшон назар ба дигарон камтар андоз ситонида мешуд»[30].

Шакли дигари андоз, яъне андозситонии инфиродӣ таърихан шакли нави андоз буда, дар замони муосир амал мекунад. Мувофиқи ин шакл маблағи андоз барои ҳар як андозсупоранда алоҳида, вобаста ба муқаррароти қонунгузории андозӣ муайян карда мешавад ва онро андозсупоранда ҳисоб карда ба буҷети давлатӣ месупорад. Баъзе андозҳо аз манбаи пардохт нигоҳ дошта мешаванд.

Барои он ки маблағи андоз ба ҳар як андозсупоранда дуруст ҳисоб карда шавад, бояд баҳои объекти андозбандӣ муайян карда шавад. Ин нукта маънои онро дорад, яъне муайян кардани шарту шароите, ки маблағи ниҳоӣ аз он вобаста аст, зарур мебошад.

Дар замонҳои пеш, ки мақомоти махсуси касбии андозситонӣ ва техникаи ҳозиразамони ҳисоббарорӣ вуҷуд надошт, баҳои объекти андозбандӣ аз рӯйи нишонаҳои зоҳирӣ - масоҳати замин, саршумори чорво, шумораи дастгоҳҳои косибӣ ва ғайра муайян карда мешуд.

Ҳатто дар Британиёи Кабир мавриди андозбандии хонаҳо ба онҳо аз рӯйи миқдори дарҳо, тирезаҳо ё дудбораҳо баҳо дода мешуд. «...Инро ба ҳисоб гирифта қисми бештари мардум то ҳадди имкон миқдори дару тирезаҳои хонаҳоро то ҳанӯз камтар мемонанд» [12].

Дар ҳолатҳои дигар ситонидани андоз дар шакли натуралӣ татбиқ мегардид, ки одатан ба меъёрҳои шариатӣ оид ба закот мутобиқ гардонида шуда буд: «...Мавридҳое низ буданд, ки зиёд гардидани ин меъёр ба зарари аҳолӣ боиси ошӯбҳои оммавӣ мегашт. Масалан, муаллифон дар мавриди ошӯби соли 1903 дар Вахони Помир бамиёномада, ки дар натиҷаи гирифтани аз 10/1 ва ҳатто аз 7/1 сар бузу гӯсфанди аҳолӣ (тибқи меъёрҳои шариат аз 40/1 сар муайян карда шуда буд) сар зада буд, ёдовар мешаванд»[33].

Вобаста ба он, ки дар даврони давлатдории қадимаи тоҷикон чӣ гуна шахсони воқеӣ навъҳои гуногуни андозҳоро маҷбуран месупориданд, асарҳои барҷастатарини олимони намоёни тоҷик ба монанди: Насриддини Тусӣ ва Садриддин Айнӣ  асос мегузоранд.

Сарчашмаҳои адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки: «...дар асрҳои IX дар Мовароуннаҳру Хуросон дар посбонгоҳҳои махсус, гузаргоҳҳои дарёҳои назди шаҳрҳои азим ё сарҳадҳои қаламрави корвонгузар боҷи савдо рӯёнида мешуд. Дар гузаргоҳҳои Амударё ҳатто аз савораҳои асп боҷ меситониданд. Дар Осиёи Миёна дар давраҳои то феодализм ва феодализм чунин намудҳои андоз ситонида мешуданд, ба монанди: закоти замин, ушр, андози мерос, андози хона, тарозуҳаққӣ, рентаи замин, уҳдадориҳои корҳои хоҷагӣ ва ҳашар ва ғайра.» [100]

Масалан, дар асари худ «...Дар бораи молия» Насриддини Тусӣ низоми молиявию андозро дар замони давлатдории Сомониён пурра тавсиф намуда, намудҳои андозҳоро чунин шарҳ додааст: андоз аз заминдорон – «хироҷ»; андоз аз савдогарон – «тамъ»; андоз аз чорводорӣ – «марал»; андози «мерос»; андози сарикасӣ – «копчур»; андози фавқулода – «авариз»; андоз аз ҳосил – «ушр»; андоз аз замин ва ашёҳои озод – «ҳур»; андоз аз ҳар як дарахти мевадиҳанда – «саридарахтӣ»; даромадҳои тасодуфӣ –«тайёрат»; пардохт аз ашёи мутааллиқ ба шахси мурда – «исқот»; пардохтҳо ба фоидаи ҷамъовардагони андозҳо – «муҳассилин»; супоридани ҳаққи тарозугӣ ва андозбандии ҷой (иморат); иҷозатнома барои ҳунармандӣ; боҷ аз роҳҳо ва

киштиҳо; инчунин, саршумор – андози сарикасӣ, закот, исқот, идрор, хумс, амвол, танобпулӣ, кавсан ва ғайраҳо» [100].

Таърихи халқҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ дар давраҳои дунёи қадим ва асри миёна ба мо нишон медиҳад, ки: «...андозҳо дар ин давлатҳо ҳанӯз барвақт ба вуҷуд омаданд. Масалан, чуноне дар аввал қайд намудем, қаблан андозҳо дар шакли натуралӣ дар намуди инъом, андози сарона, уҳдадории меҳнатӣ ва меҳнати бемузди деҳқонон ба манфиати мулкдор амал мекарданд» [30]

Бояд зикр намуд, ки: «...дар давраҳои қадим дар марҳилаи инкишофёбии заминдории қабилагӣ андозҳои молиро ба сардорони қабила месупориданд ва давлат бошад аз сардорони қабила хироҷ меситонид. Бояд қайд кард, ки рентаи замин (хироҷ) ба давлат вобаста аз шакли моликият аз рӯйи меъёрҳои муайянгардида ситонида мешуданд. Масалан, аз заминҳои давлатӣ – 3/10 ҳиссаи ҳосил, аз заминҳои масҷидҳо - 1/10, аз заминҳои шахсӣ – 2/10 ҳиссаи ҳосил пардохта мешуданд. Рентаи заминро ба ғайр аз феодалону заминдорон ва деҳқонон, инчунин руҳониёни мусулмон месупориданд. Ба воситаи андозҳо ва иҷораҳаққӣ деҳқонон истисмор мешуданд ва бевоситаи зиндагӣ мемонданд, чунки дар намуди ин пардохтҳои ҳатмӣ тамоми маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ситонида мешуданд» [30].

Дар осори С. Айнӣ (охири асри XIX – ибтидои асри XX) зиёда аз 100 намуди андози давраи аморати Бухоро тасвир шуда, қайд карда мешавад, ки: «...дар низоми андоз ҷойи асосиро закот ишғол мекард (андози ҳатмии солона ба фоидаи камбағалон, ниёзмандон, инчунин барои таҳияи лоиҳаҳое, ки ба густариши ислом ва дониши ҳақиқӣ дар бораи он мусоидат мекунанд, закот - яке аз панҷ рукни ислом), андози чарогоҳ, андози «дуд» (андоз аз рӯйи нақшаи содакардашуда дар шакли «андози дуд», аз ҳар як хонавода ҳамон андоза гирифта мешуд), танобона (яке аз навъҳои андозбандӣ аз ҳар як таноби замин), сарона (андози овоздиҳӣ), сарухона (андози оилавӣ), мирабон (андози аз обёрӣ гирифташуда), кушпулӣ (андоз аз ҳайвоноти корӣ), як сарӣ (андози чорво) ва

ғайра. Бо ин қадар шаклу навъҳои андоз, С. Айнӣ қайд мекунад, деҳқонон ҳангоми додани андоз тамоман муфлис шуда, маҷбур мешуданд, ки заминҳои худро бо нархи арзон ба одамони сарватманд фурӯшанд, баъзеҳо бошанд, барои пардохти андоз чорвои корӣ ё чорвои хонагии худро мефурӯхтанд» [33].

Дар пайравӣ аз Абуюсуф дар асрҳои миёна то давраи Насируддини Тӯсӣ зиёда аз 20 рисолаи роҷеъ ба андоз ва маъмурикунонии он иншо шудааст. Ҳамин тариқ, оид ба низоми иқтисодии давраҳои баъдина, мутафаккирони замони феодализм – Яҳё ибни Одам, Тоҳир ибни Ҳусайн, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Абуҳомиди Ғаззолӣ, Насируддини Тӯсӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, асари машҳури академик Б. Ғафуров «Тоҷикон», навиштаҳои иқтисодшиносони рус Б.Ф. Поршнев, Н.И. Конрад, Ф.Я. Полянский, Л.С. Василев, Ю.В. Качановский, С.П. Толстов, Р.М. Нуреев, осори таърихнигорону (Б.И. Искандаров, Н.Неъматов ва ғ.) иқтисодшиносони тоҷик (Л.Ҳ. Саидмуродов, С.И. Исломов ва дигарон) маълумот додаанд» [127]
.

Ҳамин тавр, аз давраҳои қадим бо пайдоиши аввалин давлатҳо муносибатҳои андозӣ ташаккул ёфта, марҳилаи дигари он ба давлати қадимаи славяниҳо пайваст мегардад.

Муносибатҳои андозӣ дар даврони Ҳокимияти Шуравӣ (1917-1930) бо ташкил ёфтани мақомоти марказии Комиссариати Халқии Молия 8-уми ноябри соли 1917 равиши навро соҳиб гардида, ислоҳоти куллӣ дар соҳаи молия ба миён омад. Қарор «Дар бораи ситонидани андозҳои мустақим» аз ҷумла, оид ба фоидаи корхонаҳои тиҷоратию саноатӣ, даромад аз савдои шахсӣ қабул гардид, ки муҳлатҳои қатъии пардохти андоз, муҷозот барои саривақт напардохтан ё саркашӣ аз пардохти андоз то ҳадди «ҳукми қатл» пешбинӣ шуда буд. Дар баробари ин, андозҳои нав ба монанди: андози ягонаи натуралӣ, андоз аз кишоварзӣ, даромад аз молу мулк, андоз аз фоидаи зиёдатӣ, андоз барои эҳтиёҷоти манзил ва сохтмони маданӣ-маишӣ ҷорӣ карда шуданд.

Мувофиқи Қарори Комитети Иҷроияи Марказӣ ва Шуравӣ Комиссариати Халқии СССР аз 2 сентябри соли 1930 дар СССР ислоҳоти куллии андоз гузаронда шуд. Дар рафти ин ислоҳот низоми аксизҳо комилан барҳам дода шуда, ҳамаи пардохтҳои андозии корхонаҳо (тақрибан 60 адад) ба ду пардохти асосӣ - андози муомилот ва тарҳҳои фоида муттаҳид карда шуданд. Дар ин раванд бештари андозҳои марбут ба шахсони воқеӣ муттаҳид ва аксарияти он бекор карда шуданд.

Олими иқтисодшинос Ғ.Д.Ашуров чунин мепиндорад, ки: «...ҳанӯз соли 1924 тибқи Қарори Ҳукумати инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон) Комиссариати Халқии Молия таъсис ёфт ва дар сохтори он идораи андоз низ ташкил шуда буд» [120].

Мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ барои истифодаи механизмҳои бозорӣ дар иқтисодиёт ва механизми андозӣ дар низоми молиявӣ омодагии худро дар сатҳи гуногунҷабҳа ва номуайян қарор дода буданд ва бинобар ин, дар солҳои аввали инкишофи муносибатҳои бозорӣ соҳаи андоз ба ислоҳоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз ин ҷост, ки сароғоз низоми миллии андоз ба заминаҳои ташкилию меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи ҶШС Тоҷикистон сарчашма гирифтааст. Сипас дар ин замина соли 1992 сохтори Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Ҳамин тавр, пайдоиш ва раванди андозу муносибатҳои андозиро аз давраҳои қадим то расидан ба даврони соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, ба моҳияту мазмуни илмии истилоҳи андоз шуруъ намуда, дар қисати дуюми саволи номбурда оид ба низоми андозбандӣ маълумоти мушаххас дарҷ менамоем.

Аз нигоҳи мо, агар ба моҳияту мазмун ва нақши андозу андозситонӣ хосатан аҳамият диҳем, ин ҷо пеш аз ҳама, мактаби классикони иқтисоди

сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ (У. Петти (1623- 1987), А. Смит (1723-1790), Д. Рикардо (1772- 1823), Ж.Б. Сэй (1762-1832) мақоми махсуси худро дорад.

Асари илмии яке аз аввалин асосгузорони мактаби номбурда У. Петти «...Рисола оид ба андоз ва боҷҳо» нахустин кори илмии барҷаста оид ба хароҷотҳои умумии давлат, сабабҳои зиёдшавӣ ва гурӯҳбандии онҳо, муносибатҳои андозу андозбандӣ буда, дар он моҳият ва мазмуни андозҳо ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ инъикос шудааст» [43].

У. Петти аввалин шуда арзиши меҳнатро вобаста аз захираҳои масрафшуда, фарқияти нархи соф ва арзиши бозорӣ, рентаи замин ва ба амсоли ин гуна мафҳумҳоро таҳқиқ намуда, илман асоснок намудааст. Далелҳои Петти дар бораи моҳияти андози аксизӣ, мутаносибии андоз вобаста ба истеъмол, ҷарима ва боҷҳои гумрукӣ, инчунин сабабҳои норозигии аҳолӣ аз андоз то ба имрӯз моҳияту аҳамияти худро гум накардаанд. Масалан, оид ба андози аксизӣ қайд мекунад, ки: «...пардохти андоз барои шахсе, ки аз молу маводҳои зарурӣ барои зиндагӣ қаноатманд аст, хело осон аст; андоз сарфаю сариштакориро ташвиқ мекунад, ки ин роҳи табиии сарватмандии халқ мебошад; ҳеҷ кас барои як чиз ду маротиба пул намедиҳад, зеро чизеро аз як маротиба зиёд истеъмол кардан мумкин нест» [44].

Аз нигоҳи файласуф ва иқтисоддони шотландӣ Адам Смит: «...бештари хароҷотҳои давлат сифати ғайриистеҳсолӣ доранд, аммо андозҳо баҳои ҳаққонӣ нисбати хизматрасонии давлат мебошанд» [26].

Зиёд шудани ҳаҷми даромад, дар ниҳоят ба низоми андозбандӣ замина мегузорад. Андешаи А.Смит хеле ҷолиб аст: «...Пардохти андозҳоро ба хароҷоти соҳибмулкону заҳматкашон асоснок намуда, онҳоро андозҳои мустақим номидааст» [26].

Дар мавриди дигар Адам Смит қайд мекунад ки: «… андозҳо барои шахсоне, ки онҳоро мепардозанд, хусусияти ғуломӣ не, хусусияти озод буданро маънидод мекунанд» [26].

Адам Смит инчунин, барои исботи ақидаи хеш у чаҳор қоида ва ё шарти классикии андозбандиро муқаррар намудааст, ки инҳо:

1. Одилона ё боинсофона ситонидани андоз. Яъне, андоз бояд мувофиқи ҳаҷми даромади пулии андозсупоранда ситонида шавад;

2. Меъёр ва муҳлати пардохти андоз бояд пешакӣ ва мушаххас муайян бошад;

3. Аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок будани андоз. Меъёри андоз дар ҳадди ақал бошад, то боиси ғорат ва норозигии аҳолӣ набошад;

4. Ҳангоми андозситонӣ худсарӣ ва қонуншиканӣ ҷоиз нест ва он бояд ҳамеша таҳти мудирияти кормандони мақомоти андоз бошад.

Чунон ки Д. Рикардо навишта буд, «...ҳар як андози нав ба мушкилии истеҳсолот табдил ёфта, боиси афзоиши нархи табиии мол мегардад. Дар ин сурат як қисми маҳсули меҳнати андозсупоранда тавассути системаи андоз ба дасти давлат меафтад. Хушбахтона, дар ягон кишвари озод андозбандӣ то ба дараҷае нарасидааст, ки сармояи худро сол то сол кам кунад» [45].

Ҳамин тавр, хулосаи намояндагони мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ чунин аст, ки: «...ҳама намуд андозҳо, бояд тавре ситонида шавад, ки ба халқ бори гаронро набиёранд» [45].

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқотҳои худ яке аз иқтисодшиносони машҳур Д.М. Кейнс нисбати андоз ақидаи ҷолиб дорад. Ба андешаи муҳақиқ, андозҳо дар низоми иқтисодӣ: «...механизмҳои дохилии фаъолро ба миён меоранд. Низоми андозбандиҳо барои шаклгирии буҷет нақши муҳим доранд ва паст намудани меъёри онҳо бошад даромади буҷетро кам намуда, бесуботии иқтисодиро тезу тунд мегардонад. Андозҳо омили аслии танзими иқтисодиёт ба шумор мераванд ва ба рушди он мусоидат мекунанд, чунки пасандозҳои иловагиро, ки ба рушди иқтисодӣ монеа мешаванд, мусодира мекунанд» [122].

Дар асарҳои классикони марксизм-ленинизм системаи мавҷудаи андоз таҳлил шуда, ташаккули он дар баробари тараққиёти давлат нишон дода

шудааст. Ба ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари иқтисоддони маъруфи олмонӣ К. Маркс «...андозҳо дар баробари ба синфҳо тақсим шудани ҷамъият ва пайдоиши давлат ба вуҷуд меоянд. Пойдевории иқтисодии давлат дар андозҳо таҷассум меёбад ва ё «андоз – пистони модар аст, ки давлатро сер мекунад» [35].

Дорандаи ҷоизаи нобелӣ Пол Самуэлсон (1915-2009) оид ба таҳқиқи андоз ва сиёсати андозӣ чунин иброз медорад, ки: «Андоз ва сиёсати андозӣ ҳамчун фишанги муҳимми танзими иқтисод баромад намуда, бо ёрии андозҳо рушди макроиқтисодӣ муътадил гардида, сатҳи бекорӣ ва таваррум коҳиш ёфта, маҷмуан ба рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад» [70].

Аз нигоҳи муҳақиқони рус В.М. Родионова, Ю.Я. Вавилов, Л.И. Гончаренко «...аз ҷиҳати асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ – андоз ин пардохти ҳатмӣ, ки дар ҳаҷм ва муҳлати муқаррар намудани қонунгузорӣ ба фонди буҷетӣ ворид мегардад » [56].

Л.А. Дробозина дар асари илмии худ «Молия, гардиши пул қарз» мафҳуми андозро чунин шарҳ медиҳад «...Андозҳо як қисми даромади миллиро ташкил медиҳанд, ки ба тамоми қисмҳои системаи буҷет сафарбар карда шуда, пардохтҳои ҳатмии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат дар ҳаҷми пешакӣ ва дар муҳлатҳои муайян гирифта мешаванд» [55].

Т.Ф. Юткина дар асари худ «... Андоз ва андозбандӣ андозҳоро ҳамчун мафҳуми дугона (ва ё сегона), яъне, категорияи фалсафӣ ва иқтисодӣ ва дар айни замон шакли мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст ва ҳангоми пур кардани хазинаи (буҷети) давлат бо даромадҳо ба вуҷуд меоянд, қайд намудааст. Андозҳо пардохтҳои пулии ҳатмӣ мебошанд, ки аз воқеияти заминаи иқтисодӣ муқаррар шудаанд»[63].

Тавре ки маълум аст ва сарчашмаву махзанҳои илмӣ исбот менамоянд, ки: «...мафҳуми «андоз» ба маънои таърихӣ – фалсафиаш аз мафҳуми «давлат» қадимтар аст. Якҷоя бо ташаккули нахустин давлатҳо шаклҳои андоз

аз ҳолати парокандагӣ ва тасодуфӣ тадриҷан баромада, ҷавобан ба тақозои ин ё он ҳокимият, ба низоми муайян даромаданд» [60].

Д.Г. Черник қайд менамояд, ки «...моҳияти андозҳо дар ба манфиати ҷомеа гирифтани як қисми муайяни арзиши маҳсулоти дохила дар шакли ҳаққи ҳатмӣ  муайян мегардад» [41].

Дар баробари муҳаққиқони хориҷии болозикр саҳми илмии олимони ватанӣ низ пурарзиш буда, ақидаҳои онҳо оид ба андозу муносибатҳои андозӣ, низоми андоз ва намуду шаклҳои ситонидани он фазои муосири илми иқтисодиро боз ҳам ғанитар мегардонанд.

Дар ҳамин радиф олимон ва  таҳқиқотгарони ватанӣ низ дар бобати моҳият, аҳамият ва хусусияти андоз ва андозбандӣ ақидаҳои худро иброз намуданд, ки барои боз ҳам муайян намудани ҷанбаҳои илмӣ-назариявии масъалаи мазкур метавонад сабаб гардад.

Ба ақидаи д.и.и., профессор Улуғхоҷаева Х. Р. андозҳо ин: «...ҷузъи муносибатҳои молиявие мебошанд, ки бо ташаккули фондҳои мутамаркази давлатӣ, яъне фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ алоқаманданд. Андоз - пардохти ҳатмиест, ки давлат аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузорӣ барои аз ҷиҳати молиявӣ таъмин намудани фаъолияти ҳукуматҳои давлатӣ ва маҳаллӣ меситонад» [52]

Аз нигоҳи Гулмирзоев Д.Г. «...Механизми ҳисоббаробарнамоии андозҳо имконият медиҳад, ки онҳо ба арзиши маҳсулот ҳамеша мутаносиб бошад ва аз миқдори корхонаҳое, ки дар истеҳсол намудани маҳсулот ширкат меварзанд, вобаста набошад». Ин раванд имконият медиҳад, ки ҳангоми ситонидани андозҳо манбаи даромади давлатро афзоиш диҳад»  [31].

Иқтисоддон Оймаҳмадов Г.Г. чунин мепиндорад, ки: «...Андоз унсури муҳими фишангу механизми молиявиро ташкил карда, дар танзими иқтисодиёт бо меъёрҳои дақиқкардашудаю муҳлати вақти пардохташон ба буҷет, имтиёзҳои пешбинишуда, тарзи бурдани баҳисобгирии андозҳои пардохтшуда бо истифодабариашон дар минтақаҳои озод, ҷудошавиашон ба

мустақиму ғайримустақим, умумидавлатию маҳаллӣ бо меъёрҳо ба ихтиёри буҷети маҳал вогузоршавиашон, бо иштирок дар ҷудонамоии фоида барои пардохт ба буҷет ва ташкили фоидаи соф ва бо функсияи тақсиму азнавтақсим ва назорати молиявӣ дар танзими иқтисодиёт иштирок карда, аз як тараф муносибатҳои рушдро таъмин намояд, аз тарафи дигар, воситаи рафъи таъсири ногувори бухронҳо ба иқтисодиёт, ба ғайр аз ин воситаи пешгирикунандаи таъсири ногувори хатарҳои молиявӣ ва мусоидатнамоянда ба рушд мавриди истифода мебошад. Пардохти андозҳои баҳодиҳандаи сатҳи устувори молиявии корхона ва таъминоти молҳои буҷетикунонӣ дар корхонаҳо мебошад» [101].

Профессорон С.Ҳ. Ҳабибов ва М. Ҷамшедов ақидаи худро роҷеъ ба мафҳуми андоз чунин баён менамоянд: «...Андоз пардохти ҳатмӣ мебошад, ки онро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ворид менамоянд. Моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии андоз ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро тариқи марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила хазинаи давлатро ғанӣ мегардонад» [59].

Аз нуқтаи назари муҳаққиқ Ф. Шомуродов: «...андоз пардохти маҷмуи маблағҳое мебошад, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон ба давлат месупоранд. Ин маблағҳо бо мақсади ташкили захираи молиявии давлат (хазинаи давлат) ҷамъ оварда мешаванд. Захираҳои молиявиро давлат барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зимааш дорад, сарф менамояд» [61].

Ба ақидаи А.Р. Қурбонов андоз ин: «...пардохтест, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба буҷети давлатӣ (умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) гузаронида шуда, асоси даромадҳои онро ташкил менамояд. Андоз - аз қадим ҷузъи ҳаёти моддии ҷамъиятӣ буда, нахуст афкори марбут ба он дар рисолаҳои фалсафии мутафаккирони антиқа во мехурад» [34].

Ҳамзамон дар асоси моддаи 23- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: «...Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамуда ба буҷет мебошад, ки ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад (ба истисноии андози иҷтимоӣ)» [16][34].

Мутобиқи ақидаҳои муҳаққиқони муосир ва классикӣ хулоса намудан бомаврид аст, ки андоз категорияи молиявию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ аввалан шакли молиро соҳиб буда, сипас ба шакли пулӣ ифода ёфта, хусусияти ҳатмии бебозгашт дошта, даромадҳои давлатро ташкил намуда, аз ҷониби аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ пардохт карда мешавад.

Ҳамин тавр, ақидаҳои муҳаққиқони болозикрро ба инобат гирифта, андешаи худро чунин асоснок баён мекунем.

Ба андешаи мо таърифи андоз дар муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи аломатҳои моҳиятнокӣ асос ёфтааст. Аз аломати «пардохти ҳатмии қонунӣ» бармеояд, ки андозситонӣ ба маҷбурияти давлатӣ нигаронида шудааст, яъне фарқи куллии қонуни андоз аз қонунҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва меҳнатӣ, ки ба ихтиёрӣ асос ёфтаанд, дар ҳамин аст. Мазмунан чунин аст, ки одамон ихтиёран ақди никоҳ мекунанд, ташкилотҳо ихтиёран бо ҳамдигар шартнома мебанданд, корманд бо хохиши худ бо корфармо муносибатҳои меҳнатӣ мебандад.

Маълум аст, ки бархе аз андозсупорандагон ихтиёран андоз намесупоранд. Давлат бо муқаррар намудани қонунҳои андоз андозсупорандагони алоҳидаро маҷбур мекунад, ки андоз супоранд ва маблағҳои бадастомадаро ба манфиати тамоми ҷамъият тақсим намояд. Напардохтани андоз боиси ҷаримабандии андозсупоранда мегардад. Аз ин рӯ, муносибатҳои андозӣ муносибатҳои махсуси қонунӣ муқарраршуда мебошанд.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо андоз мафҳуми таърихии молиявию ҳуқуқӣ мебошад. Азбаски бо ёрии андоз даромади миллӣ аз нав тақсим карда шуда,

фондҳои мутамарказ ва ғайримарказӣ ташаккул меёбанд, андозҳоро ба таври ҳаққонӣ мафҳуми арзишноки молиявӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Аз ин хотир, ба андешаи мо андозҳо ҳамчун пардохтҳои ҳатмӣ ва зарури аз ҷониби аъзоёни ҷамъият барои таъминоти молиявии хароҷотҳои давлатӣ амал менамоянд ва дорои манбаъҳою меъёрҳои қонунан муқарраргардида мебошанд.

Андозбандӣ ё андозситонӣ бошад ин низоми тақсимоти даромадҳо байни шахсони ҳуқуқиву воқеӣ бо давлат мебошад.

Муносибатҳои андозӣ дар доираи низоми андозӣ, ки бо тарзу усулҳои давлатдорӣ бунёд мегардад, баррасӣ мегарданд.

Низоми андоз – ин низоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим гардида, ба шартҳои муайян асос ёфта, вобаста ба муқаррар намудан ва ситонидани андозу пардохтҳо ташаккул меёбад.

Тавре ки маълум аст, низоми андоз ва қонунгузории самти андози ҳар як кишвари алоҳида аз ҳамдигар бо шумораи андозҳо, меъёрҳои андозӣ, тартиби андозситонӣ ва ғайраҳо тафовут доранд. Шартҳои андозбандӣ ба монанди: адолатнокӣ, муайянӣ, мувофиқат ва самаранокии он ба талаботҳои давлат, ҷомеа ва андозсупорандагон ҷавобгӯй бошанд ва риояву иҷрои онҳо имконият ва шароити мусоидро барои ба амал татбиқ шудани он устувор ва самаранок мегардонад.

Низоми андоз ҳамчун механизми асосии молиявӣ-қарзии танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунад ва он маҷмуи андозҳои ба ҳам алоқаманд, усулҳои андозбандӣ, ҷамъоварӣ ва истифодаи андозҳо, инчунин мақомоти андозиро дар бар мегирад.

Бо ёрии андоз равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ танзим карда шуда, рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт таъмин мегардад ва дараҷаи шуғлнокии аҳолӣ нигоҳ дошта мешавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо ва дар асоси омӯзишу таҳқиқи низоми андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ маълум мегардад, ки он тадриҷан марҳила ба марҳила мукаммал гардида истодааст.

Ба ақидаи бархе аз олимон ва мо ҳамчун муҳақиқ, дар замони муосир асоси даромадҳои буҷетҳои давлатиро андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ ташкил менамояд ва давлат муаззаф аст, ки барои онҳо шароити мусоиди фаъолиятро фароҳам орад.

Вобаста ба ин ақидаҳо, аз нигоҳи мо дар марҳилаи кунунии рушди иқтисод хароҷотҳои бесамари давлатиро кам намуда, барои соҳибкорӣ меъёри андозҳоро паст намуд. Ва ин омил метавонад ба васеъгардонии истеҳсолот мусоидат намояд.

Ба ақидаи мо, низоми кунунии андоз дар Тоҷикистон ба ташаккули гурӯҳи андозсупорандагоне мусоидат менамояд, ки аз андозбандӣ даргурезанд ва манбаъҳои худро ба бахши иқтисоди пинҳонӣ нигоҳ медоранд. Бинобар ин, содагардонии идоракунии андозбандӣ ба коҳиши сарбории андозҳои фаъолияти соҳибкорӣ, рушди фаъолият тавассути беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва тадриҷан баромадан аз иқтисоди пинҳонӣ ба қонунӣ заминасозӣ намуда, дар навбати худ яке аз воситаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешаванд.

Хулосаи умумии саволи матраҳшуда чунин аст.

Андозу андозбандӣ дар оғози пайдоиш характери натуралӣ дошта, дар даврони имрӯза бо ченаки арзиш, маблағ ситонида мешавад, ки онро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намудем. Инҳо андозҳои воқеӣ ва шахсӣ. Чуноне ки қайд гардид, андозҳои воқеӣ андози замин, хона, андози косибӣ ва андози сармоя ба ҳисоб рафта, дар ин тарзи андозситонӣ манфиатҳои иқтисодии андозсупор ба инобат гирифта намешаванд. Андозҳои шахсӣ бошанд, андозҳо аз даромад, ё амволи шахсони воқеӣ мебошад, ки сарчашмаи даромад аз рӯйи эъломия рӯёнида мешавад ва манфиатҳои иқтисодии супорандагон ба инобат гирифта мешаванд. Дар таҳкурсии баёнияи философӣ-иқтисодӣ – андоз ҳамчун яке аз

равандҳои ҳаётан таъминкунандаи ҷомеа бо манбаъҳои пулии соҳаи махсуси илми иқтисодӣ рушд намуда , илм оид ба андозситониро таҳаввул намуд.

Дар ҳама давру замон давлат бе сарчашмаи даромаду хароҷот пойдор нест. Заминаи пурқуввати пойдевории давлат ин пардохти андозҳои шахсони ҳуқуқиву воқеӣ мебошанд, ки тавассути воридоти онҳо маҳз хазинаи молиявии давлат, нақшаи даромаду хароҷоти солонаи он – буҷети давлатӣ ташаккул ёфта, байни соҳаҳои муҳими иқтисодиёт (махсусан соҳаҳои иҷтимоӣ) тақсим ва аз нав тақсим карда мешавад. Ҳамин аст, ки қисмати бештари даромадҳои буҷетро (67-73%) маҳз андозҳо ташкил медиҳанд.

Ба ҳамин хотир, андозҳо ҳамчун звенои муҳими сиёсати молиявии давлат дар шароити имрӯза баромад мекунанд, ки фаъолияти онҳо бояд дар асоси принсипҳои муайяншуда ба роҳ монда шаванд.

Олмили дигари пешбарандаи иқтисодиёти кишвар, аз нигоҳи мо метавонад гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва пурра гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, васеъгардонии рақамикунии соҳаҳо бошад, зеро дар асоси ин омилҳо ба таври худкор сурат гирифтани пардохти андозҳо амалӣ гардида, озодиҳои иқтисодии андозсупорандагон ташаккул меёбад ва бештар аз ҳама муқовимат бар коррупсия (фасод) дар ин самт тақвият меёбад.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ натиҷаҳои мусбат ва таъсири ислоҳоти иқтисодӣ афзоиши устувории бахши хусусӣ, аз қабили рушди сармояи инсонӣ барои истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми роҳандозии хизматрасонии эъломияҳои электронӣ ва пардохти онлайнии андозҳоро талаб мекунад ва ташаккули аутсорсинги баҳисобгирии андоз бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ба фаъолияти соҳибкориву тиҷорат имкон медиҳад то  ба рушди худ ва азхудкунии имкониятҳои навин дар марҳилаи наздиктарин машғул шаванд.

Барои ҳамин, сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва рушди шахсият ин «... муваффақияти стратегии ҷомеа натанҳо аз ташаккули доираи васеи илмию техникӣ, гуманитарӣ ва нафосати баргузида, балки ноил шудан ба

дастовардҳои сатҳи баланди саводнокӣ ва омодагии касбии тамоми ҷомеа» [82] фаҳмида мешавад.

Дар воқеъ, низоми андозбандӣ давраи таърихӣ ё ба маънои дигар таҳаввулоти худро таҷассум намудааст, ки дар он асосҳои ташаккул ва такмилёбии он нишон дода шудааст.

Пас аз баррасии асосҳои назариявию методии низоми андозбандӣ, дар идома таҳқиқот ба низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст, ки воқеан то имрӯз дар масоилу муаммоҳои ҳалталаби худ танқисӣ доранд. Ин нуқтаи назарро дар зербоби 1.2. шарҳу тавзеҳ хоҳем дод.

## 1.2. Асосҳои методии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир

Дар қисмати муқаддимавии СМР- 2030 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардидааст, ки: «...Мо рушди устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ пешбинӣ намуда, ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ саъю кӯшиш менамоем» [8].

Рушди ҷумҳурии индустриалию инноватсионӣ ва сатҳи рушди индустриалии соҳаҳои бахши иқтисодиёт, пеш аз ҳама аз фаъолияти рушди соҳаи маориф вобастагии зиёд дорад. Чунон ки олими машҳури Русия Капитса С. П. гуфтааст: «...Маориф фаъолиятест, ки ба оянда нигаронида шудааст» [98].

Низоми маориф дар роҳи ташаккули низоми нави муносибатҳо ва татбиқи раванди инноватсионии фаъолиятҳо ҳамчун механизми пешоҳанг муаррифӣ шудааст ва рисолати хешро пайваста такмил медиҳад. Мувофиқ аст, ки рақобатпазирии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи мо,татбиқи стратегияҳои баланд бардоштани сифати хизматрасони таълимӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, эҳтиёҷот ба хизматрасониҳои таълимӣ, дар бозори меҳнат мебошанд. Ба ақидаи олими Русия Юркова М.Р. «...Аз ин рӯ,

омили муайянкунанда дар соҳаи рушди иқтисодӣ дар тули муддати тулонӣ эътирофи нақши пешбаранда дар такмили ихтисоси шахсият маҳсуб меёбад. Бинобар ин, натанҳо маҳорати касбии мутахассис дар шуури ҷомеа бо низоми маориф ҳамбастагӣ дорад, балки дар ин ҷиҳат унсури иҷтимоӣ низ аҳамияти бештареро соҳиб гардидааст. » [130].

Дар ҳамин радиф омилҳое мавҷуданд, ки онҳо метавонанд ба сифати таҳсил дар тамоми сатҳҳои соҳа таъсиргузор бошанд, ба монанди таъминоти кадрӣ, баззаи қавии моддию техникӣ, маблағгузорӣ ва барои муассисаҳои худмаблағгузор вазъи андоз ва андозбандии фаъолияти онҳо.

Андоз ва андозбандии муассисаҳои таълимии худмаблағгузор ба ақидаи мо яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳа маҳсуб меёбад, зеро аз оқилона ва одилона роҳандозӣ намудани он ба афзоиш ёфтани чунин муассисаҳо боис гашта, сарбории буҷети давлатиро барои маблағгузории муассисаҳои таълимии буҷетӣ сабуктар мегардонад.

Андозҳо ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои иқтисодии танзими давлатии манфиатҳои ҳамаи субъектҳои ҷомеа метавонад ё шарти ҳатмӣ ва ё монеаи некуаҳволии кишвар бошад. Бинобар ин ҳар як давлат, махсусан дар давраи ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ бояд ба ташаккули механизми самарабахши танзими андоз — вазифаи асосии сиёсати андоз диққати ҷиддӣ диҳад.

Чунин механизм натанҳо маблағҳои давлатӣ, балки рушди иқтисодиро идора карда, фаъолияти иқтисодии хориҷиро ба танзим медарорад. Илова бар он, ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ва ҳаракати ин ҷараёнҳои сармоягузориро дар самти афзалиятҳои дар ҷомеа интихобшуда таъмин намуда, ба ин васила ба азнавсозии сохтори иқтисодиёт мусоидат менамояд. Дараҷаи андозбандӣ дар ҳама кишварҳо асоси даромади буҷетро инъикос намуда, дараҷаи иштироки давлатро дар равандҳои иқтисодӣ тавсиф мекунад.

Системаи самарабахши андоз, аз як тараф таъмин намудани устувори буҷети давлатӣ ва аз тарафи дигар кам кардани бори андоз ба иқтисодиёт ва амалӣ намудани вазифаи ҳавасмандгардонии андозбандиро нишон медиҳад.

Мушкилоти бузурги иқтисоди ҳар кишвар дар шароити мизони баланди андоз саркашӣ аз андоз, гузаштан ба пардохтҳои нақдӣ байни субъектҳои хоҷагидор ва пинҳон кардани фоида мебошад.

Вазифаи мақомоти андоз аз он иборат аст, ки ҳаҷми тиҷорати сояафканро маҳдуд намуда, аз густариши он ҷилавгирӣ кунанд. Бинобар ин, чунин шаклҳои назоратро корбаст кардан лозим аст, ки ба фактҳои ба муомилоти соя ҷалб намудани корхонаҳо роҳ надиҳанд.

Мақсади асосии ислоҳоти низоми андоз ин ноил шудан ба таносуби манфиатҳои давлат (аз рӯйи ҷамъоварии андоз) ва соҳибкорӣ (аз рӯйи имкониятҳои рушди иқтисодӣ) мебошад.

Ҳамчун самтҳои асосии ислоҳоти низоми андози кишвар мо метавонем ҳалли зина ба зина дар назди намояндагони бахши воқеии иқтисод вазифаҳои зеринро пешниҳод кунем:

- ба ҳадди ақал кам кардан ва баъдан бекор кардани андозҳои аз даромад пардохтшаванда (андозҳои муомилот);
- кам кардани бори андоз ба фонди музди кор;
- кам кардани шумораи пардохтҳо бо роҳи якҷоя кардани якхела ё аз байн бурдани андозҳо ва пардохтҳои хурд бо хароҷоти зиёди идоракунии онҳо;
- аз нав дида баромадани механизми ташаккули заминаи ҳисобкунии андоз аз даромад;
- паст кардани меъёри баъзе намудҳои андозҳо, зеро заминаи ҳисобкунии онҳо васеъ мегардад;
- ҳадди аксар содагардонии андозбандӣ барои соҳибкорони инфиродӣ.



соҳа)

•

•

•

•

**Расми 1.1.** Таснифоти таркиби низоми андозбандӣ (Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши вазъи соҳа)

Мо тасмим гирифтем, ки низоми андозбандиро бо дарназардошти ба инобат гирифтани принсипҳои маъмултарини системаи андозбандии

кишварҳои хориҷӣ, ҳамзамон дар асоси ҳадафҳои танзими давлатии андоз, танзими низоми андозбандӣ ва такмилу ислоҳоти низоми андозбандӣ, ки дар такмили механизми андозбандӣ замина мегузорад, муҳим мепиндорем. (расми1.1.)

Бояд зикр намуд, ки мо дар таҳқиқот такмилдиҳии низоми андозбандиро дар МТОК яке аз ҳадафҳои асосӣ интихоб намуда, пас аз баҳодиҳӣ ё натиҷагирӣ механизми такмилёфтаи андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз нигоҳи илмӣ тахия менамоем.

Ҳамин тариқ, зарурати ба ҳадди аксар расонидани даромадҳои давлат дар асоси ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолот ва маҳдуд будани имкониятҳои субъектҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ тавассути меъёрҳои андоз ва имтиёзҳо бартараф карда мешавад. Маҳз ҳамин гуна тақаллуби абзорҳо ва фишангҳои асосии танзими андоз (ставкаҳо, имтиёзҳо, манбаи андоз) барои ҳарчи зудтар баромадан аз бухрони молиявӣ мусоидат мекунад ва метавонад дар барқароршавии босуръати иқтисодиёт нақши ҳалкунанда бозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи маориф» таҳсилотро дуруст ваояндабинона баҳо дода, чунин тавсир менамояд: - «...раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавиёт, зеҳният, фарҳанг, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст» [3], ки дар маҷмуъ ба рушди шахсият ва давлат мусоидат мекунад.

Асосҳои ташаккул ва рушди соҳаи маорифро як қатор қонунҳои қабулгардида муайян менамоянд, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Дар бораи Парки

технологӣ» ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳсилотро дуруст ва ояндабинона баҳо дода, чунин тавсир менамояд: - раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст.

Ҳамзамон, як қатор Консепсияҳо оид ба таълиму тарбия, барномаҳои давлатӣ бо мақсади рушди соҳавӣ ва дар маҷмуъ беш аз 163 қонун ва санадҳои меъёрӣ, низомномаву дастурамалҳо дар бораи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ таҳия шудааст.

«...Дар асоси моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи маориф» сохтори зерини низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин тартиб муайян гардидааст: таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти умумии асосӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК), таҳсилоти миёнаи касбӣ (ТМК), таҳсилоти олии касбӣ (ТОК), таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (ТКМОТ), таҳсилоти иловагӣ (ТИ), - таҳсилоти махсус (ТМ) ва муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд» [3].

Дар шароити имрӯза ақидаи пешоҳанг он аст, ки сармоягузории даромаднок – ин сармоягузорӣ ба инсоният мебошад, ки ҷавҳари онро сармояи инсонӣ ташкил медиҳад.

Дар суханрониашон ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баромад намуда, аз ҷумла чунин ибрози ақида карда буданд: «... дар солҳои Истиқлоли давлатӣ рушди соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифатнокиву саводнокии мардум, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии сокинони кишвар ҳамаи захираву имкониятҳо сафарбар карда шуданд» [7].

Дар воқеъ, тайи ин солҳо тамоюл ва таҳаввулоти назаррасро дар соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Бо дарназардошти

талаботи давру замон дар тамоми зинаҳои таҳсилоти кишвар стандартҳои нави таълимии давлатӣ таҳия ва татбиқ карда шудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ин марҳалаи таърихӣ маблағгузории соҳаи маориф чандин маротиб афзудааст, аз ҷумла: «...беш аз 3 ҳазор бинои нави таълимӣ барои 1 миллиону 270 ҳазор ҷойи нишаст бунёд ва ба истифода супорида шуд. Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 109 ҳазор нафар хонандагонро ба таҳсил фаро гирифтаанд. Имрӯз дар мамлакат 75 гимназия ва 75 литсей, 9 мактаби президентӣ, 6 литсей барои хонандагони болаёқат ва 63 муассисаи таълимии хусусӣ фаъолият дорад. Ҳамзамон бо ин, дар кишвар 78 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо фарогирии 87 000 нафар донишҷӯй фаъолият дошта, вобаста ба талаботи бозори меҳнат аз рӯйи садҳо ихтисос мутахассис тайёр мекунанд. Агар соли 1991 шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамагӣ 13 ва донишҷӯён 70 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба 41 ва донишҷӯён ба 245 ҳазор нафар расидааст» [24].

Вобаста ба гуфтаҳои Сарвари давлат ва омори расмӣ сатҳи саводнокии аҳолӣ, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ аз рушди соҳаи маориф дар мамлакат дарак медиҳад. Вобаста ба ин, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи муассисаҳои таълимӣ ҳамчун объекти андозбандӣ муҳим ва саривақтӣ аст.

Чуноне дар боло қайд намудем, дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» сохтори низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд зинаи таҳсилот ҷудо шудааст, ки вобаста ба мавзуи мавриди назар мо таҳқиқотро оид ба андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ матраҳ месозем.

Тавре ки маълум аст, МТОК ин: «...муассисаи таълимӣ, таълимии илмӣ, ки барномаи таълимии касбии таҳсилоти олиро аз рӯйи стандарт ва самти муайяни таълим ва маърифату тахассус татбиқ менамояд, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи

меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин мекунад, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро амалӣ мегардонад» [4].

Тавре ки маълум аст, дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шудааст: муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ. Вобаста ба ин, таҳқиқоти анҷомдодаи мо бештар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ равона гардидааст, ки низоми андозбандии онҳо фарогири номгӯйи бештари андозҳо мебошад.

Аз нигоҳи мо, дар робита ба хизматрасонии таълимӣ масъалаи андозбандӣ фарогири якчанд хусусиятҳои муҳим мебошад, ки афзалиятноктарини онҳо чунин матраҳ гардидааст.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорандагони қисмати бештари андозҳо муқаррар карда шудаанд. Яъне, қонунгузории ҷорӣ онҳоро аз пардохти андозҳо пурра озод накардааст. Мувофиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи маориф»: «муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузорӣ андоз месупоранд, аз андоз озод карда мешаванд ва ё дигар имтиёзҳои андозбандӣ доранд» [5].

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст: «...Давлат барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба соҳаи маориф имтиёзҳои андозбандиро пешбинӣ менамояд» [5].

Илова бар ин, дар моддаи 32 банди 6-уми «...Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»омадааст, ки: «номгӯйи соҳаҳои афзалиятноке, ки ба онҳо имтиёзҳои андозбандӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои иловагӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дода мешаванд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад» [20].

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи қонунии муайянкунандаи объектҳои андозбандӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки дар он як қатор имтиёзҳои андозӣ муқаррар гардидаанд.

Вале, аз нуқтаи назари мо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорандагони қисми зиёди номгӯйи андозҳо мебошанд, ки сохтори онҳоро ба тарзи кутоҳ шарҳ медиҳем.

Дар асоси нишондоди моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даромади андозбандишавандаи муассисаҳои таълимӣ 18 фоиз андоз аз даромади шахси ҳуқуқӣ ситонида мешавад.

Мувофиқи моддаи 251 банди 6-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: «...хизматрасонии зерини муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф: а) таҳсилоти томактабӣ; б) таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ; в) таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ; г) таҳсилоти олии касбӣ; ғ) таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ; д) таҳсилоти иловагӣ ва махсус аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд» [18].

Аз мазмуни ҳамин моддаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки агар муассисаи таълимӣ худмаблағгузор бошад, он гоҳ мувофиқи моддаи 264 ба андозаи 5% меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашударо месупорад. Дар ҳолати дигар, агар муассисаи таълимии худмаблағгузор амалиёти воридоти андозбандишавандаро анҷом диҳад, он гоҳ ба меъёри стандартии 14% андоз аз арзиши иловашуда месупорад.

Ғайр аз ин, дар асоси моддаи 332 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи таълимии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ба андозаи 25 % муассисаи таълимии худмаблағгузор ба меъёри 20 % ва кормандони онҳо бо меъёри 1 ва 2 фоиз андози иҷтимоӣ месупоранд.

Муассисаҳои таълимӣ ҳамчун объекти андозбандии андозҳо аз молу мулк эътироф гардидаанд, ки таркиби онро се андоз: - аз объектҳои ғайриманқул, аз замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт ташкил медиҳанд ва инҳо ба андозҳои маҳаллӣ тааллуқ доранд. Оид ба ин андозҳо дар алоҳидагӣ маълумот медиҳем.

1. Андоз аз объектҳои ғайриманқул. Мувофиқи моддаи 347-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон объектҳои ғайриманқули муассисаҳои давлатӣ, ки бевосита барои иҷро намудани вазифаҳои оийнномавии онҳо истифода мешаванд ва фаъолияти онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мегардад, аз ин намуди андоз озод гардидаанд. Яъне, танҳо муассисаҳои таълимии буҷетӣ имтиёзи андозӣ доранд. Муассисаҳои таълимии худмаблағгузор ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ, дар асоси муқаррароти моддаи 348 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёри зерин андозро аз объектҳои ғайриманқул пардохт менамояд:

- то 250 метри мураббаъ – 12 % аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- аз 250 то 500 $м^2$- 15 % аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- зиёда аз 500 $м^2$ – 18 % аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Илова бар ин, дар банди чоруми моддаи мазкур омадааст, ки барои объектҳои ғайриманқуле, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ҷойгир мебошанд, меъёрҳои болозикри андоз ба андозаи дукарата истифода мешаванд. Ин муқаррароти «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»дар ҳолест, ки бештари муассисаҳои таълимии касбӣ маҳз дар ҳамин шаҳрҳои ҷумҳурӣ фаъолияти таълимӣ менамоянд.

2. Андози замин. Мувофиқи моддаи 353 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон замини муассисаҳои давлатӣ, ки барои иҷрои фаъолияти оинномавӣ истифода мешаванд аз андози замин озод гардидаанд. Ҳамчунин дар асоси муқаррароти ҳамин модда масоҳати заминҳое, ки бо мақсади илмӣ ва таълимӣ истифода мешаванд, ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, аз пардохти андози замин озод мебошанд.

3. Андоз аз воситаҳои нақлиёт. Муассисаҳои таълимие, ки дар ихтиёрашон воситаҳои нақлиёт доранд, новобаста аз шакли моликиятдорӣ супорандагони андоз аз воситаҳои нақлиёт ҳисобида мешаванд. Аз ин намуди андоз ҳатто муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ ба монанди кишоварзӣ, тиббӣ, техникӣ ва ғ. барканор нестанд, яъне имтиёзҳои андозӣ

муқаррар нагардидааст. Муассисаҳои таълимӣ мувофиқи муқаррароти моддаи 360 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёри зерин андоз аз воситаҳои нақлиёт месупоранд: барои автомобилҳои сабукрав ба ҳар як қувваи асп – то 250 қ.а – 7,5%, аз 250 то 300 қ.а – 10%, аз 300 то 350 қ.а – 12%, барои автобусҳо то 12 ҷой – 7,5%, аз 13 то 30 ҷой – 8,5 % ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои болозикр номгӯйи андозҳо ва меъёрҳои онҳоро, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, дар шакли ҷадвали 1 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 1.1. – Номгӯйи андозҳо, меъёр ва имтиёзҳои он барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| Номгӯйи андозҳо | Меъёр бо % | Имтиёзҳои андозӣ |
|---|---|---|
| Андоз аз даромад | 18 % | имтиёз надоранд |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 5 % | танҳо ба муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф |
| Андози иҷтимоӣ | 25 % ва 20 % | имтиёз надоранд |
| Андоз аз объектҳои ғайриманқул | то 250 м.м – 12 %;<br>- аз 250 то 500 м.м. – 15 %;<br>- зиёда аз 500 м.м. – 18 % | танҳо муассисаҳои таълимии буҷетӣ имтиёзи андозӣ доранд |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | барои авт. сабукрав ба ҳар як қувваи асп – то 250 қ.а – 7,5%,<br>аз 250 то 300 қ.а – 10%,<br>аз 300 то 350 қ.а – 12%, барои автобусҳо то 12 ҷой – 7,5%,<br>аз 13 то 30 ҷой – 8,5 % | имтиёз надоранд |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси нишондоди Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [ 2, с. 346 - 354 ].

Муассисаҳои таълимӣ, ки фаъолияти хоҷагидориро пеш мебаранд, ҳуқуқ ба моликият доранд, бо мақомоти андоз муносибати иқтисодӣ-молиявӣ доранд. Имтиёзҳои андозии онҳо, чуноне ки дар боло қайд намудем, маҳдуд ҳастанд ва таъмини онҳо ба мазмуни фаъолияти муассисаҳои таълимӣ вобаста аст.

Вобаста ба мавзуи мавриди назар метавон иброз намуд, ки: «...маълумоти олиро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ - донишгоҳҳо ва

донишкадаҳои олии таълимӣ ба даст овард, ки таҳсилоти касбиро пешниҳод ва амалӣ менамоянд» [[3].

Дар моддаи 56-уми Қонуни номбурда (андозбандӣ дар соҳаи маориф) чунин омадааст, ки: «...муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз месупоранд, аз андоз озод карда мешаванд ва ё аз дигар имтиёзҳои андозбандӣ истифода мебаранд. Бо мақсади ҷалби сармояи (инвеститсияи) дохилию хориҷӣ ба соҳаи маориф давлат барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, ки соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро маблағгузорӣ мекунанд, метавонад ҳама гуна имтиёзҳо, аз ҷумла имтиёзҳои андозбандӣ пешбинӣ намояд. Тартиб ва андозаи имтиёзҳои мазкурро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд» [3].

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба андози даромад ҳамчун агенти андоз баромад намуда, аз кормандони худ мувофиқи меъёри муайяннамудаи моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт менамоянд. Омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилотии ҳамаи зинаҳои соҳаи маориф ба фарқ аз хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба андози даромад имтиёзҳо надоранд.

Мувофиқи моддаи 180-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ резидентҳо ва ғайрирезидентҳое, ки объекти андозбандӣ доранд ва барои онҳо даромади умумӣ муқаррар гардидааст, ки бо тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур кам карда мешавад.

Дар моддаи 189-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки муассисаҳои ғайритиҷоратӣ бо истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд, аз андози даромади шахсони ҳуқуқӣ озод ҳастанд. Бинобар ин, имтиёз ва озодкунии махсуси андозӣ нисбати муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ дида намешавад ва дар мавриди ба даст овардани фоида онҳо 18 % андоз пардохт мекунанд.

Аз ин ҷост, ки дар татбиқи қонунгузории андоз нозироти андоз иборабандии « аз рӯйи хароҷоти воқеии сарфшуда»-ро нисбати мактабҳои олӣ истифода мебаранд, то ки маблағҳои воридшуда сарф шаванд ва ё андозбандӣ карда шаванд. Аз ҳамин хотир, маблағҳое, ки донишҷӯёни шартномавӣ дар давраи муайяни таҳсил пардохт мекунанд, манбаи андоз эътироф карда мешавад.

Дар ҳамин маврид бояд нуқтаи назари хешро баён намоем, ки дар бештари қонунгузориҳои мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба соҳаи ниҳоятан афзалиятноки иқтисодиву иҷтимоии кишвар – маориф ва илм бо ибораҳои «муассисаҳои таълимӣ», «...муассисаҳои олии таълимӣ» моддаҳои алоҳида, банду ҳатто фаслҳо таҳия гардидаанд, ки раванди фаъолияти қонунии онҳоро дикиқан муайян менамоянд. Вале, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон  бештари моддаҳо ба шакли умумӣ матраҳ гардидаанд»  [20].

Вобаста ба ин гуфтаҳо, агар андозбандии соҳаи маориф вобаста ба зинаҳои таҳсилот гурӯҳбандӣ гардида, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фасли (боби) алоҳида таҳия гардад, ба сатҳу сифати андозбандии соҳаи мазкур мусоидат намуда, барои баҳисобгирии он роҳ ҳамвора менамояд.

Бисёр ногуворост, вақте  ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки худмаблағгузор ҳастанд, мувофиқи банди дуюми моддаи 264-и «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»  ба андозаи 5% андоз аз арзиши иловашуда месупоранд. Дар ҳалли ин масъала мо чунин андеша дорем, ки маориф сутуни рушди ояндаи кишвар аст, муассисаи таълимӣ бунёдгузор ва  созандаи ҷаҳону ҳаёти рангин ва гуворою осоиштаи ҷомеа аст. Дар аксари кишварҳои пешрафта муассисаҳои таълимӣ баръакс соҳибимтиёзанд, на балки объекти

андозситонӣ. Дар ниҳоят тавсияву хулосаҳоро нисбати таҳқиқи анҷомёфта зикр хоҳем кард.

Ба андешаи мо, дар ин самт низ бояд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо имтиёзи андозӣ дода шавад, зеро маориф соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад. Бисёр манфиатовар мебуд, агар воридот ва истеҳсоли мебел ва дигар лавозимоти соҳаи маориф ва илм аз андози арзиши иловашуда озод бошанд.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари дигар шахсони ҳуқуқӣ супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 5% ба ҳисоб мераванд, зеро ин намуди андоз барои шахсони ҳуқуқие татбиқ мегардад, ки низоми умумии андозбандиро истифода мебаранд ва дорои объекти андозбандӣ мебошанд. «...Дар татбиқи андози номбурда низ намуди хизматрасонӣ ба назар гирифта нашудааст ва ҳангоми баҳисобгирии андозӣ маблағҳои тариқи шартномаҳо воридшуда, корҳои иҷрошудаи таҳқиқотӣ-илмӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд» [77].

Мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ андозҳои маҳаллӣ, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андоз аз молу мулки ғайриманқулро пардохт менамоянд, ки барои онҳо озодкунӣ ва имтиёзҳо татбиқ нагардидааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки воқеияти кор амали дигарро нишон медиҳад. Аз ҷумла, аз ҷиҳати фаъолияти асосии таълимӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз озодкуниву имтиёзҳои андозӣ дур ҳастанд. Ин дар ҳолест, ки қонунгузориҳои ҷории соҳавӣ, махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодагари имтиёзҳои андозӣ дар соҳаи маориф ва илм ҳастанд.

Таҳлили амалияи татбиқи қонунгузории андоз дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои низоми маориф, аз ҷумла барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарурати ворид намудани тағйироту

иловаҳоро ба санадҳои қонунгузорӣ оид ба андозбандӣ бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти таълимӣ, сифати он ва иҷроиши моддаҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро мадди назар гиранд.

Дар хулосаи саволи навбатӣ бояд қайд намоем, ки низоми маориф доимо дар ҳаракат буда, шумораи муассисаҳои таълимӣ, теъдоди толибилмон, инчунин, тақсимоти онҳо аз рӯйи зинаҳои таълим зуд-зуд тағйирёбанда мебошанд. Шумораи бештари муассисаҳои таълимӣ асосан давлатӣ мебошанд, вале дар он бахши ғайридавлатӣ босуръат рушд намуда истодааст ва низоми маорифро фазои тиҷоратикунонӣ фарогир аст.

### 1.3. Мушкилоти танзим ва механизми андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Тавре ки маълум аст, низоми андоз дар ташаккули механизми иҷтимоию иқтисодии давлат нақши муассир дорад. Бинобар ин, сиёсати андозбандӣ бояд бо ҳадафу маром ва стратегияву барномаҳои таҳияшуда тавъам бошад. Аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки то ҳанӯз масоилу мушкилоти ҳалталаб дар ҷараён аст. Ҳалли бомароми онҳо метавонад дар роҳи такмилу таҳкимбахшии низоми андозбандӣ саҳмгузор бошад.

Дар ин асос, ба андешаи мо сиёсати андозбандии миллӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳоест, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ сурат мегирад ва ҳадафи он натанҳо баланд бардоштани аҳамияти вазифаи фискалӣ, балки вазифаи танзимкунандаи андозбандӣ мебошад.

Бинобар ин, дар шароити рушди низоми андозбандӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шудааст, ки низоми миллии андозбандӣ ва таъминоти босуботи фискалии андозбандиро натанҳо дар муддати кӯтоҳ, балки дар марҳилаи дарозмуддат низ таъмин намояд. Дар ҳамин асос муқарраротри СМР-2030 тарҳрезӣ гардидааст.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи матраҳшавандаи мазкур дар асоси тадбирҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки гарчанде механизми танзими андозбандии фаъолияти

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар адабиёти муосири илмӣ таҳия нагардидааст, аммо масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи он дар шароити имрӯза то ҳол актуалӣ боқӣ мондааст.

Ба андешаи мо, механизми танзими андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси андозбандии фаъолияти онҳо бояд ин тавр бошад (расми 1.2.).




**Расми 1.2. - Механизми танзими андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши вазъи соҳа)**

Яке аз масъалаҳои рушди устувори сармояи инсонӣ, ки дар СМР- 2030 ба сифати афзалияти байнисоҳавӣ гузошта шудааст, самтҳои маориф, тандурустӣ, баробарии гендерӣ ва ҳифзи иҷтимоиро фаро мегирад. Дар ин

замина, дастрасии умумӣ ба таҳсилоти босифат (ҳадафҳои рушди устувори 4) ҳамчун афзалият дар маблағгузории давлатӣ ва ислоҳоти соҳавӣ боқӣ мемонад.

Вобаста ба ин ва дар асоси бандҳои алоҳидаи: «...Стратегияи болозикр аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон СМР- 2030 таҳия ва тасдиқ шудааст, ки дар банди 38 он чунин омадааст: дастрасии умумӣ ба таҳсилоти босифат. Ҳадафҳои рушди устувори 4: «таъмини таҳсилоти босифати фарогиру одилона ва ҳавасмандсозии имконияти таҳсилро дар тамоми тули ҳаёт барои ҳама дар бар мегирад» [24].

Ҳамчунин, аз муҳтавои расми 1.2. бармеояд, ки рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бевосита ба танзими самараноки андоз вобаста аст, зеро дар раванди андозбандӣ маблағҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ тақсим ва азнавтақсимкунӣ карда мешаванд. Давлат бо дарназардошти вазъи кунунии самтҳои баррасишаванда, фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро ҳавасманд намуда, мушкилоти иҷтимоиро тавассути тақсимоти маблағҳои буҷетӣ ҳаллу фасл менамояд. Дар ниҳояти кор, танзими андозбандии фаъолияти муассисаҳо ба миён меояд, ки як самти махсуси таъсири давлат дар тағйирёбии гаронии андози муассисаҳоро инъикос хоҳад кард.

Тавре ки маълум аст, яке аз сарчашмаҳои асосии афзоиши иқтидори фискалии андозҳо бо назардошти чаҳорчӯбаи сиёсати андозбандӣ ин тағйир додани қоидаҳои ҳисоб ва пардохти баъзе намуди андозҳо ва зиёд кардани меъёрҳои андоз ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, муътадилгардонии низоми афзалиятҳо ва имтиёзҳои андозбандиро ҳамчун самти алоҳидаи сиёсати андозбандӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Рушди муҳити соҳибкорӣ имконпазир аст, агар фарҳангу маънавиёти соҳибкорӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар байни аҳли ҷомеа роҳандозӣ гардида бошад. Дар натиҷа масъалаи баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон ҳаллу фасли хешро дармеёбад. Ин масъала, яке аз масоили муҳим ва баррасишаванда дар замони муосир буда, пайваста дар Паёмҳо,

маърӯзаҳо ва вохӯриҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорону аҳли зиё дарҷ мегардад. Ҳалли ин масоили муҳим, пеш аз ҳама аз мутахассисони соҳавӣ вобастагии калидӣ дорад.

Ҳамин тавр, мушкилоте, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди андозбандӣ дучор мешаванд ва ба сатҳи хавфҳои андозии фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд, дар расми 1.3 нишон дода шудааст.




**Расми 1.3. Мушкилоти асосии низоми андозбандии МТОК ( Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши вазъи соҳа)**

Тавре ки маълум аст, ҷаҳони имрӯза доимо тағйирёбанда, мураккаб ва идоранашаванда буда, дар он низоми комилан устувори андозбандиро эҳсос намудан имконнопазир шудааст. Бинобар ин, барои фаъолияти судманд як алгоритми муайяни тадбирҳо оид ба ворид намудани тағйироти назаррас ба қонунгузории андоз ва дигар пардохтҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз нигоҳи таҳқиқоти мазкур, тадбирҳои пешакии ворид намудани тағйироту иловаҳоеро таҳия намудан зарур аст, ки ӯҳдадориҳои молиявии иловагии андозсупорандагонро коҳиш медиҳад ва ё умуман аз байн мебардорад. Дар ҳамин асос, пас аз таҳқиқ ва пажуҳиши давомдор мо

омилҳои асосии зерини ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсиррасонро муҳим мешуморем:

Аввалан, дар қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо муқарраротн тафриқавӣ мавҷуд аст, ки ба муассисаҳо нисбат ба унсурҳои муайяни андозбандии фаъолияти онҳо имтиёзҳоро медиҳад;

Дуюм, дараҷаи сарбории андозбандӣ дар муассисаҳо. Таҳлили сарбории андоз барои қабули қарорҳо дар робита ба мувофиқкунонии андозбандии фаъолият, аз ҷумла бо истифода аз имтиёзҳои андоз, ки қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо пешбинӣ кардааст, мусоидат мекунад;

Сеюм, қонунгузории доимӣ оид ба андозу пардохтҳо, инчунин қонунгузорӣ дар дигар соҳаҳои фаъолият вобаста ба андозбандӣ, ки ба муассисаҳо имкон медиҳад, то банақшагирии андозро дурусттар ба роҳ монанд.

Танзими андоз бидуни ташаккули сиёсати оқилонаи давлатии андоз, ки дар низоми дигаргуниҳои стратегии иқтисодӣ номумкин буда, вазифаи он аз баланд бардоштани имкониятҳои таъсири мусбати андозҳо ба рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Азбаски самаранокии танзими андоз бо дараҷаи ноил шудан ба ҳолати оптималии объекти танзим дар муқоиса бо хароҷот ва фоидаҳое, ки барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз ба миён меоянд, чен карда мешавад, модели пешбинишудаи рушди фаъолияти таълимӣ аз нуқтаи назари андозбандӣ бояд раванди андозбандии оптималии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таъмин намуда, дар маҷмуъ ба рушди маорифи кишвар мусоидат намояд.

Дар амалия усулҳои зерини танзими андозбандӣ истифода мешаванд, аз ҷумла:

- меъёрҳои фарқкунандаи андоз;
- ивазшавии имтиёзҳои андоз;
- қисман ва ё пурра озод намудан аз ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо;

- аз эътибор соқит кардани қарзи андозбандӣ;
- ҷаримабандӣ барои сари вақт напардохтани андоз;
- пешниҳоди қарзи андозии сармоягузорӣ ва ғайраҳо.

Дар навбати худ, усулҳои зикршудаи андозбандӣ аз низоми унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошанд. Шартҳои самараноки танзими андозбандӣ аз нуқтаи назари фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Якум, ин афзалияти вазифаи танзимкунандаи андозбандӣ нисбат ба вазифаи фискалии он мебошад. Сабаби аҳамияти аввалиндараҷа доштани ин шарт, пеш аз ҳама самти иҷтимоӣ доштани муассасаҳои мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарордода мебошад, зеро хизматрасонии онҳо барои давлат нақши муҳими иҷтимоӣ дорад.

Шарти дуюм, ин мавҷудияти алоқаи баръакс мебошад, ки аз бастаи маълумотҳои ҷамъгардидаи низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ оид ба пешниҳоди имкониятҳову имтиёзҳо барои муассисаҳои таълимӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ, инчунин назорат оид ба натиҷаи ҳамин раванд бо мақсади ташаккули низоми оптималии андозбандӣ таркиб ёфтааст.

Шарти навбатӣ хусусияти интихобӣ доштани таъсиррасонии андозӣ мебошад. Зарурати ин шарт дар эҳтиёҷи гузаштан аз ҳавасмандгардонии умумӣ ба усули интихобӣ зоҳир мегардад, зеро ин имконият медиҳад, ки хароҷотҳои давлатӣ кам гардида, зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои ҷудошуда ба миён меояд. Таъсиррасонии андозӣ бояд бо нишон додани субъектҳои танзими андоз, масалан дар заминаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ фарқ карда шавад.

Шарти дигари муҳимми танзими самараноки андоз - ин шарти технологӣ (татбиқи назарияи илмӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ) мебошад, ки дар мавҷудияти қоидаҳои сода ва осон татбиқшаванда оид ба истифодаи имтиёзҳои ҳавасмандгардонии муқаррарнамудаи давлат ифода меёбад.

Шарти устуворӣ ва мутаносибии тадбирҳои дар ин самт андешидашуда низ дар танзими муносибатҳои андозӣ нақши калидӣ дорад, зеро субот, устувории мазмуни тадбирҳои андешидашуда ва роҳ надодан ба тағйироти ногаҳонии давлатиро дар назар дорад.

Шарти ниҳоӣ ин ҳамгироии тадбирҳо дар соҳаи танзими андоз ба системаи тадбирҳои самти дигар дар раванди фаъолияти таъсири давлатӣ мебошад. Мазмуну мундариҷаи ин шартро дар ҳамин мавзуи мавриди омӯзиш метавон мушоҳида намуд. Аз ҷумла, мо чунин унсури андозбандиро барои андоз аз даромади шахсони воқеӣ, ба монанди тарҳҳои андози иҷтимоӣ баррасӣ хоҳем кард.

Ҳамин тавр, дар шароити роҳ ба сӯйи раванди навсозии ҳамаҷонибаи самтҳои «...Иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳамоҳангӣ бо муқаррароти СМР- 2030) вазифаи баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии муассисаҳо зарурати ҷустуҷӯйи воситаҳои муассири танзими андозро тақозо мекунад» [24].

Вобаста ба усулҳои таъсири танзими давлатии андоз дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавон ду шакли онро шартан фарқ кард – ин ҳавасмандгардонии андозӣ ва баръакси он мунтазам пардохти андозҳои муқарраргардида бе ҳавасмандсозии андозсупоранда. Дар чунин шакл сурат гирифтани танзими андозбандӣ ин маънои таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт дар маҷмуъ, ба соҳаҳои алоҳидаи он, ба намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва равандҳои иҷтимоӣ- иқтисодии муассисаҳоро дорад.

Агар мантиқан муайян намоем, имтиёзҳои андозбандӣ аз вазифаи ҳавасмандгардонии андозҳо бармеоянд.

Вазифаи ҳавасмандгардонии андозҳо - ин муқаррар намудани тартиби махсуси ситонидани андозро нисбат ба гурӯҳҳои муайяни шаҳрвандон, ки ба ҷамъият хизматҳои арзанда кардаанд (иштирокчиёни ҷанг, Қаҳрамонони Иттиҳоди Шуравӣ, Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони ба

онҳо баробаркардашуда) ва ба шахсони ҳуқуқӣ, ки дар соҳаҳои афзалиятнок фаъолият менамоянд, маҳсуб меёбад.

Моҳияти ҳавасмандгардонии молиявӣ яке аз ҳадафҳои иқтисодиест, ки давлат дар назди худ гузоштааст. Тартиби ҳавасмандгардонии андозбандӣ тавассути низоми имтиёзҳое, ки дар фазои молиявӣ мавҷуданд, ба амал бароварда мешавад.

Ҳавасмандгардоние, ки ба рушди равандҳои муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ нигаронида шудааст, тавассути низоми имтиёзҳо, истисно, озодкуниҳо ва афзалиятҳо амалӣ мегардад. Масалан, объекти андозбандӣ тағйир меёбад, заминаи андозбандӣ кам карда мешавад, меъёри андозбандӣ поён бурда мешавад ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки андозҳо ҳавасмандгардонӣ ё шавқмандиро дар самтҳои зерин тақвият мебахшанд:

- маблағгузории хароҷот барои рушди истеҳсолот;
- рушди шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ;
- шуғли маъюбон ва нафақахӯрон;
- фаъолияти хайриявӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳифзи муҳити зисту табиат.

Ба ҳамин хотир, имтиёзҳои андозӣ дар раванди фаъолияти давлатдорӣ, дастгирии соҳибкорону як қисми субъектҳои хоҷагидорӣ аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ доранд.

Тахфиф ва сабукиҳо ҷараёни андозбандиро коста гардонида, вазъи моддии шахсони воқеиро беҳтар карда метавонад. Дар навбати худ барои соҳибкорон бошад, ин имтиёзҳо боиси рушди раванди истеҳсолот мегарданд. Давлат аз имтиёзҳои андоз ҳамчун василаи асосии дастгоҳи танзимдарории муносибатҳои мониторӣ истифода карда метавонад. Ҳаҷми имтиёзҳо сатҳи даромадҳои андозиро тағйир дода, ба ин васила давлат метавонад ба вазъи иқтисодӣ таъсир расонад.

Дар таҷриба ва амалияи хоҷагидорӣ навъҳои зерини имтиёзӣ дар назарияи андозу андозбандӣ вуҷуд доранд:

- умумӣ - ба тамоми андозсупорандагон бо тафриқаи ягонаю муайян таъин карда шудааст;
- махсус - ба гурӯҳҳои алоҳидаи пардохткунандагон пешниҳод карда шудааст.

Вобаста ба ин, вазифаи танзимкунӣ маънои онро дорад, ки андозҳо ҳамчун омилҳои фаъоли раванди азнавтақсимкунӣ ба истеҳсолот таъсири ҷиддӣ расонида, суръати онро меафзоянд ё бозмедоранд, андӯхти сармояро боқувват ё заиф мегардонанд, имконияти пардохтпазирии аҳолиро васеъ ё маҳдуд месозанд. Зарурати танзими равандҳои иқтисодӣ маҳсули муносибатҳои моддӣ - бозорӣ мебошад. Ин муносибатҳо озодии субъектҳои хоҷагидориро пешниҳод менамоянд.

Нақши андозҳо дар низоми муносибатҳои бозорӣ вусъати ҳуқуқҳои иштирокчиён, инкишофи мустақилияти онҳо ва дар айни замон ҷавобгарии онҳоро ба натиҷаҳои истеҳсолот дар назар дорад.

Ҳадафи ниҳоии андоз ҳамчун василаи асосии танзими давлатии иқтисодиёт дар таъмин намудани мунтазами равандҳои сармоягузорӣ, инкишофи натиҷаҳои молиявӣ ва дар ниҳояти кор афзун кардани фонди умумимиллии маблағҳои пулӣ ифода меёбад.

Батанзимдарории андозӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ аз танзими даромадҳои буҷет фарқ мекунад. Шарти аввалиндараҷа дар интихоби усулҳои танизимдарории андозӣ бояд якто бошад: дахолати қатъӣ ба раванди такрористеҳсол аз ҷиҳати иқтисоди мақсаднок ва санҷидашуда.

Соҳаи асоси зиддиятҳо барқарор намудани баробарии тақсимоти воридоти андоз ба зинаҳои низоми буҷетӣ, инчунин муайян намудани салоҳияти андозию буҷетии марказ, вилоятҳо ва ноҳияҳо мебошад.

Тафовути усулҳои танзимдарории андозӣ аз хусусияти андозҳои мушаххас, инчунин вазифаҳое, ки дар назди тартибдиҳандагони буҷет меистанд, бармеояд. Вобаста аз мақсадҳо усулҳои танзимдарорӣ ба се соҳаи мутақобил тақсим мешаванд:

- низоми имтиёзҳои (сабукиҳои) андоз;
- чораҳои муҷозотӣ;
- усулҳои тавозунии буҷетӣ-андозӣ.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан, усулҳои буҷетӣ- андозии тавозун дар низоми танзимдарории андозӣ истифода мегардад. Тавассути трансфертҳо, ёрии пулӣ, субвенсия, қарзҳои буҷетии ҳукумат ва дигар воситаҳои тавозунӣ даромад ва хароҷоти буҷетҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ ба даст оварда мешавад.

Дар замони муосир як гурӯҳи андозҳо ба зинаҳои муайяни буҷет вобаста шудаанд ва андозҳои вобасташуда ҳисоб мешаванд, гурӯҳи дигар танҳо қисман ба ин ё он буҷет ворид мешаванд (андозҳои танзимкунанда). Бо ин мақсад қонун дар бораи буҷет меъёрҳои (квотаҳои) ҳиссаи андозро аз маблағи андозҳои танзимкунанда муқаррар ё фоизи ҳудудгузории меъёри ягонаи андозро муайян менамояд.

Ҳамин тавр, андоз ҳамчун омили фаъоли равандҳои тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии Маҷмуи маҳсулоти дохила табиист, ки ба худи ҷараёни такрористеҳсол таъсир нарасонида наметавонад ва маҳз дар ин ҷо вазифаи ҳавасмандгардонии андозӣ зоҳир мешавад. Татбиқи амалии он тавассути системаи меъёрҳо ва имтиёзҳои андоз, кам кардан ва қарзи андоз, муҷозоти молиявӣ ва андозӣ, сабукиҳо иҷро мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки давлат дар низоми андозбандии худ метавонад баъзе андозҳоро ҷорӣ ва баъзеашро бекор карда, боиси рушди истеҳсолоти муайяни минтақа ва соҳаҳо гардад ва мутаносибан инкишофи дигар минтақа ё соҳаро боздорад.

Механизми андозбандӣ воситаи таъмини бехатарии иктисодӣ ва ҳамзамон сарчашмаи ба миён омадани хатару хавфҳо барои давлат ва андозсупорандагон маҳсуб мегардад. Ҳамин тавр, сиёсати бесамари андозбандӣ рушди устувории икдисодиётро суст намуда, робитаи байниҳамдигариро заиф мегардонад, байни давлату бахши соҳибкорӣ ихтилоф ба миён меорад, боиси пайдо шудани рақобати ноодилона ва пастшавии сатҳи қобилияти андозсупорандагон мегардад. Дар натиҷа базаи даромади буҷет ба сифати сохтори таъминкунандаи амалкарди давлат суст гардида, ба бехатарии худи давлат хатар меорад. Ҳамин тариқ, ба маънои васеъ хавфҳои андозии давлат бо хатари камшавии даромадҳои андозӣ ба буҷетҳои сатҳҳои марбутаи системаи буҷетӣ вобаста мебошанд.

Имтиёзҳои андозбандӣ шакли асосии ҳавасмандгардонии андоз ҳисобида мешаванд, ки ба таҳияи маҷмуи чораҳо оид ба паст кардани сатҳи гаронии андоз аз фаъолияти таълимӣ ва татбиқи минбаъдаи онҳо нигаронида шудаанд.

«...Имтиёзҳои андозбандӣ афзалияти пешбининамудаи қонунгузории андозро эътироф менамоянд, ки ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон дар муқоиса бо андозсупорандагони дигар, аз ҷумла вобаста ба пардохт накардани андоз ё пардохт кардани онҳо, бо андозаи камтар пешниҳод мегарданд: «...ба таъхир гузоштани (ба муҳлатҳо тақсим кардани) пардохти андоз имтиёзи андозӣ шуда наметавонад ва онҳо хусусияти инфиродӣ надоранд» [2].

Аз ҷониби муаллиф дар расми 1.4. намудҳои имтиёзҳои андоз, ки ба андозбандии МТОК таъсир мерасонанд ё қаблан таъсир расонидаанд, вобаста ба самти таъсири онҳо ба дигар унсурҳои андозбандӣ ба низом даровардa шудааст.



**Расми 1.4. – Таснифоти имтиёзҳои андозӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

**Сарчашма:Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши вазъи соҳа**

Ҳамин тавр, имтиёзҳо яке аз чунин унсурҳои андозбандӣ мебошанд, ки шаклҳои гуногун доранд. Хусусияти имтиёзи андозбандӣ ин қобилияти он дар таркиби унсурҳо ва андозҳои гуногун мавҷуд будан ё набудани он мебошад.

Дар соҳаи маориф имтиёзҳои андозбандӣ манфиати дучанд дорад, зеро ҳавасмандгардони фаъолияти ин соҳа дар рушди тамоми соҳаҳои дигари иқтисодиёт заминасозӣ хоҳад кард.

Таъмини имтиёзҳои андозбандӣ ҳам ба дастгирии рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, алалхусус ба пешрафти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳам кафолати гирифтани пардохтҳои устувори андоз ба давлат дар оянда таъсири мусбат мерасонад. Ин иқдомҳо дар ниҳояти кор рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватаниро дар бозори байналмилалӣ таъмин менамояд.

Дар ин асос, ҳаҷми маблағҳои имтиёзҳои андозӣ дар давраи таҳқиқшаванда дар ҷадвали зер чунин таҳлил карда мешаванд (ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1.2 – Ҳаҷми маблағҳои имтиёзҳои андозӣ дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023**

**(млн. сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **Соли 2023 нисбат ба соли 2019, бо мар.** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| Манбаи андоз | 25919,93 | 29544,10 | 34142,47 | 51257,83 | 58946,5 | 2,27 |
| Маблағи имтиёзҳо | 4435,65 | 4666,89 | 5567,71 | 7104,86 | 8033,01 | 1,81 |
| Ҳиссаи имтиёзҳо дар манбаъҳои андоз (%) | 17,11 | 15,80 | 16,31 | 13,86 | 13,62 | -349 |
| Суръати рушди имтиёзҳо нисбат ба солҳо | 115,6 | 105,2 | 119,3 | 127,6 | 113,06 | -2,54 |

***Сарчашма:*** Таҳия ва ҳисоби муаллиф бо истифода аз махзани электронии: «…URL:. https://andoz.tj/docs/Deytelnost/AzRuiAndozVaBurishSH_N_TJ.pdf. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи муроҷиат: 30.08.2024» [10].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1.2 маълум мегардад, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 манбаъҳои андозбандӣ бо маротиб афзуда, дар давоми панҷ сол ба маблағи 33026,57 сомонӣ ва ё 2,27 маротиба зиёд гардидааст. Ҳамзамон дар баробари афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ маблағи андоз низ зиёд гардида, фарқияти он дар давоми давраи таҳқиқотӣ 3597,36 сомонӣ, ё 1,81 маротибаро ташкил медиҳад. Лекин новобаста аз зиёд гардидани манбаъ ва маблағи андоз ҳиссаи имтиёзҳо дар манбаъҳои андоз ба андозаи 3,49 фоиз кам гардидааст. Аз ин сабаб, суръати рушди имтиёзҳо нисбат ба солҳои таҳқиқшаванда низ кам гардидааст.

Вобаста ба ин, мутобиқи таснифоти болозикр оид ба имтиёзҳои андозӣ, ки нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ муқаррар шудааст, дар расми 1.5. нақшаи алгоритмии ҳисоб кардани андозҳоро бо назардошти татбиқи намуди дахлдори имтиёзҳои андозӣ пешниҳод менамоем.

Истифодаи имтиёзи №1 дар шакли мусодира намудан бо истисно кардани объектҳои алоҳидаи андозбандӣ ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз тавсиф мешавад. Намунаи озодкунии андоз меъёри навтарини қонунгузорӣ дар бораи

андозҳо ва пардохтҳо мебошад, ки амволи манқулро аз андозбандии амволи ташкилотҳо истисно мекунад. Амволи манқули аз андозбандӣ озодшуда бояд ҳамчун воситаи асосӣ ба қайд гирифта шавад.

Илова бар ин, маблағҳои мақсаднок маблағгузоришаванда ва даромадҳои мақсаднок сарфшаванда, ки ба сифати даромад барои мақсадҳои андоз аз даромад ба инобат гирифта намешаванд, чун намунаи мусодираи андозҳо ҳамчун намуди имтиёзҳои андозбандӣ мебошанд.




**Расми 1.5 - Нақшаи алгоритмии ҳисоб кардани андозҳо дар МТОК бо назардошти татбиқи намуди дахлдори имтиёзҳои андозӣ**

Татбиқи имтиёзи № 2 кам кардани меъёри андозро нисбат ба объекти мушаххаси андозбандишаванда дар назар дорад. Тадбир дар шакли паст кардани меъёри андоз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ татбиқ карда мешавад. Мисоли чунин имтиёз меъёри пасткардашудаи ААИ барои хизматрасонии таълимӣ (5%) ҳисобида мешавад.

Илова бар ин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи имтиёзи № 3 - озодкунии пурра аз андозро доранд. Мисоли воқеии чунин имтиёз муқаррароти моддаи 251-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он чунин омадааст: «...хизматрасонии зерини муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф:

а) таҳсилоти томактабӣ; б) таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ; в) таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ; г) таҳсилоти олии касбӣ; ғ) таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ; д) таҳсилоти иловагӣ ва махсус» [18].

Аз муҳтавои моддаи мазкури Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин бармеояд, ки танҳо он хизматрасониҳои таълимие аз ААИ озод карда шудаанд, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар фазои имрӯзаи фаъолияти муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ аксарияти донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар барои озод гардидан аз андоз аз арзиши иловашуда тамоми тадбирҳоро андешида, аз маблағгузории буҷетӣ ҳатто барои як гурӯҳи таълимӣ ва ё як ихтисоси алоҳида фаъолияти худро аз пардохти андози номбурда озод намудаанд.

Вобаста ба ин, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (минбаъд ДДТТ), Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (минбаъд ДИС ДДТТ), Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (минбаъд ДДҲБСТ) ва Муассисаи таълимии ғайридавлатии донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон (минбаъд МТҒ ДТИТ) супорандагони андоз аз арзиши иловашуда эътироф карда шудаанд.

Мусаллам аст, ки дар доираи танзими андозбандӣ нисбат ба якчанд намуди алоҳидаи андозҳо мутобиқи муқаррароти «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои хизматрасонии таълимӣ имтиёзҳо татбиқ мегарданд. Аммо ба андешаи мо, фишанги ҳавасмандгардонии андозбандӣ барои танзими фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимӣ кифоя намебошад.

Ғайр аз ин, он ба системаи тадбирҳои бевоситаи маблағгузории буҷетӣ дар шакли маҳдудиятҳои уҳдадориҳои буҷетӣ (субсидияҳо барои иҷрои супоришҳои давлатӣ ва ё барои мақсадҳои дигар), бурсияҳо, фармоишҳои давлатӣ, сиёсати истеҳлок, инчунин таъсиррасонӣ тавассути тағйирот дар меъёрҳои андоз ташаккул дода шудааст.

Хулоса мушкилоти танзим ва маъмурияти андозро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ намуда, омилҳои таъсиррасон ба раванди андозбандии онро, ки ба паст гардидани сатҳи хавфҳои андозӣ мусоидат менамояд, мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

Хулосаи боби аввал.

Чуноне аз мазмуни саволи аввали боби мазкур бармеояд, андоз ва андозбандӣ яке аз унсурҳои ҳатмии иқтисодиёти даврони гузашта ва муосир маҳсуб дониста мешавад, ки тавассути пардохти он ба буҷети давлатӣ, хароҷотҳои асосии давлат руйпӯш карда мешавад.

Тадқиқоти анҷомдодаи мо вобаста ба ҳамин мавзуи мавриди назар исбот намудааст, ки ҳанӯз дар асрҳои XIII- XII (то мелод) дар шаҳри Вавилон, давлати Чин ва қаламрави Эрон бо баробари пайдоиши аввалин давлатҳо муносибатҳои андозӣ низ пайдо гардиданд ва вобаста ба сохтор ва тарзи давлатдорӣ раванди пардохти андозҳо марҳила ба марҳила мукаммал гардида истодааст.

Андоз ва муносибатҳои андозбандӣ хусусият ва аломати “пардохти ҳатмии қонунӣ” дошта, қонунгузории андоз аз қонунҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва меҳнатӣ, ки характери “ихтиёрӣ” доранд, ба куллӣ фарқ мекунад.

Дар асоси матлаби болозикр, аз нуқтаи назари мо таърифи андоз чунин аст: андоз категорияи молиявию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар давраҳои гуногуни таърихи аввал шакли молиро соҳиб шуда, ҳоло бо шакли пулӣ ифода ёфта, хусусияти ҳатмии бебозгашт дошта, даромадҳои давлатиро ташкил намуда, аз ҷониби аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ ба буҷети давлат пардохт карда мешавад.

Аз ин ҷост, ки муносибатҳои андозбандӣ дар доираи низоми андоз, ки ҳамчун механизми асосии молиявию қарзии танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунад ва он маҷмуи андозҳои ба ҳам алоқаманд, усулҳои андозбандӣ, ҷамъоварӣ ва истифодаи андозҳо, инчунин мақомоти андозро дар бар мегирад, ташаккул ва рушд меёбанд.

Дар муносибатҳои андозбандӣ «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқии ташаккул ва танзими амалиёти андозбандӣ нақш ва мақоми махсус дошта, таъмини пардохти андозҳоро байни шахсони ҳуқуқиву воқеӣ бо буҷети давлатӣ роҳандозӣ менамояд.

Дар ин асос, ба сифати мавзуи таҳқиқоти анҷомдодаи мо муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие баромад мекунанд, ки махсусияти андозсупорӣ ва танзими онро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бар мегиранд.

Ҳамин аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорандагони қисмати бештари андозҳо муқаррар карда шудаанд ва дар шароити имрӯзаи иқтисодиву иҷтимоии кишварамон қариб, ки аз имтиёзҳои андозӣ ва озодкуниҳо бархурдор нестанд. Кодекси андози амалкунанда муқарраароти андозҳо, тартиби пардохт ва амали онҳоро дар шакли умумӣ ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ якранг пешниҳод менамояд, ки тартиби баҳисобгирии онҳо ба душвориҳои бештаре дучор мешавад. Бинобар ин, таҳияи фасли алоҳида дар «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба муассисаҳои таълимӣ ба сатҳу сифати муносибатҳои андозӣ мусоидат менамояд.

Хулоса, ин низоми тадбирҳо имконият медиҳанд, ки ташаккули заминаи молиявӣ барои мукаммалгардонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин гардида, пешниҳоди тарҳҳо ва дигар имтиёзҳо ба шаҳрвандон имконият медиҳанд, ки ҳуқуқи гирифтани таълимро бештар дошта бошанд ва дар мақомоти таълимӣ кафолати молиявӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омада, самаранокии фаъолияти таълим беҳтар гардонида шавад.

Ҳамин тавр, дар зербоби 1.3.- и диссертатсия мушкилоти танзим ва механизми андозбандии МТОК баррасӣ гардида, омилҳои таъсиррасон ба раванди андозбандии он, ки ба паст гардидани сатҳи хавфҳои андозӣ мусоидат менамояд, аз қабили омилҳои: молиявӣ, иқтисодӣ, идоракунӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ошкор гардидаанд.

Дар маҷмуъ пешниҳод менамоем, ки аз сабаби зиёд будани шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сиёсати давлатӣ оид ба кам гардонидани

онҳо тавассути азнавташкилдиҳӣ дар шакли якҷоя кардани баъзе муассисаҳои таълимӣ ба мақсад мувофиқ буда, ҳадафҳои ин сиёсат баланд бардоштани сифати таҳсилоти миллӣ мебошад.

Пас аз баррасии матлаби илмиву назариявии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба омӯзиши вазъу ҳолат, таҳлилу баҳодиҳӣ, муайянкунии мушкилоту муаммоҳо, гузаронидани шаклу усулҳои таҳлил, таҳлили омилҳои таъсиррасон ва дар ин асос амсиласозии иқтисодию математикии такмилдиҳии низоми андозбандӣ аҳамияти хоса дорад. Шарҳу тавзеҳи масоили матраҳшударо дар таркиби сохтори боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ дидан мумкин аст.

# БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲЛИЛИ АНДОЗБАНДИИ ОНҲО

## 2.1. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Соҳаи маориф яке аз соҳаҳои калидии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии тамоми мамлакатҳо маҳсуб шуда, ба баланд гаштани маърифату маънавиёти аҳолӣ санги асос гузошта, дар рушди захираҳои инсонӣ, ки асоси инкишофи ҳар як мамлакатро ташкил менамоянд, заминаи воқеӣ эҷод кардааст. Масъалаи маблағгузории соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол тақвият ёфта, Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳа аз ҳамаи роҳу воситаҳо истифода мебарад. Дар баробари ин, дастгирии давлатӣ бобати рушди муассисаҳои таҳсилотии ғайрибуҷетӣ дар шароити муосир амри воқеӣ буда, барои озод намудани онҳо аз баъзе андозҳо дар вазъи кунунӣ зарурати воқеӣ ба вуҷуд омадааст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари тақвият ёфтани муассисаҳои таҳсилотии ғайрибуҷетӣ тариқи додани имтиёзҳо, сарбории буҷети мамлакат барои соҳаи маориф камтар гашта, маблағҳои озодгашта ба зиёд намудани маоши кормандони муассисаҳои таҳсилотии буҷетӣ метавонад истифода шавад.

Дар асоси таҳлил ва қиёсгирӣ маълум мешавад, ки: «...соли 2024-ум ҳаҷми Маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шудааст. Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил додааст» [6].

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар солҳои охир иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд намуда, заминаи устуворро барои тақвият ёфтани тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими мамлакат мегузорад, ки

он дар асоси сиёсати суботкоронаю бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат ва меҳнати садоқатмандонаи халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки: «...Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад» [7].

Рушду нумуи соҳаи илму маориф ҳамеша дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҷиҳати амалисозии ин раванд пайваста дар баромадҳои худ ёдовар шуда, дастгирии соҳаро бо роҳи ҳамасола бештар намудани маоши кормандони соҳа амалӣ менамоянд.

Афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хусусан буҷети давлатӣ, ба маблағгузории бештари соҳаҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки дар шароити кунунӣ басо муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин, бо маблағҳои зарурӣ таъмин намудани соҳаи маориф басо муҳим арзёбӣ мегардад, ки он солҳои охир рӯй ба афзоиш ниҳода, ба нишондиҳандаҳои миёнаҷаҳонӣ мутобиқ гардонида мешавад.

Дар ҳамин замина, таҳлил ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти соҳаи иҷтимоиро зарур мешуморем, ки дар ҷадвали 2.1. оварда мешавад

**Ҷадвали 2.1. Динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба соли 2019 (+, - бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД дар солҳои гуногун, млн. сомонӣ | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | 165,33 |
| Миқдори аҳолӣ дар охири сол, ҳаз. нафар. | 9313,8 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10288,3 | 110,47 |

*идомаи ҷадвали 2.1.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми ММД ба ҳар як сари аҳолӣ (сомонӣ) | 8580,1 | 8922,2 | 10312,0 | 1138,8 | 12868,8 | 149,98 |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 | 120715,1 | 251,16 |
| Хароҷоти пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 48857,2 | 72555,7 | 91885,0 | 110606,2 | 145634,1 | 298,08 |
| Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 23469,4 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 43903,4 | 187,07 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 23806,6 | 24812,5 | 29342,7 | 35338,9 | 43034,8 | 180,77 |
| Маблағгузории соҳаи маориф, млн. сомонӣ | 4185,3 | 4311,4 | 5229,9 | 6240,8 | 7108,5 | 169,84 |
| Вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбати ММД, бо % | 5,29 | 5,13 | 5,17 | 5,28 | 5,43 | - |
| Вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ, бо % | 17,56 | 17,37 | 17,82 | 17,65 | 16,52 | - |

***Сарчашма:*** Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – АОНПҶТ. 2024. [38].

Тайи солҳои таҳқиқшаванда нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат бо суръат афзоиш дошта, соли 2023 нисбат ба соли 2019 ММД ба андозаи 165,3% баланд гашта, дар ҳамин давра даромадҳои пулии аҳолӣ ва хароҷотҳои он мутаносибан то 2,5 маротиба ва қариб 3 маротиба рӯ ба инкишоф ниҳоданд, ки ин барои пардохти маблағи таҳсили дар зинаҳои гуногуни таҳсилот аз ҷониби аҳолии мамлакат низ метавонад таъсири хуб расонад.

Бояд қайд намуд, ки ҳамасола маблағгузории соҳаи маориф афзоиш ёфта, соли 2023 нисбат ба соли 2019 маблағгузории буҷетии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4185,3 млн сомонӣ то ба 7108,5 млн. сомонӣ дар соли 2023 расидааст, ки суръати афзоиш дар ҳамин давра 169,84% - ро ташкил менамояд, ки ва ҳамин падида дар диаграммаи 2.1. оварда мешавад.

**Диаграммаи 2.1. – Динамикаи маблағгузории соҳаи маориф дар қиёс бо ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023**




__Сарчашма:__ Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ҷадвали 2.1.

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.1. маълум шуд, ки маблағгузории соҳаи маориф сол то сол тақвият ёфта, нишондиҳандаҳои он сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода, суръати афзоиш қариб ба 2 маротиба баробар аст, ки ин метавонад дар солҳои оянда боз ҳам зиёд гашта, ба мутобиқ шудани маблағгузориҳои соҳа ба стандартҳои байналмилалӣ оварда расонад.

Вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбат ба ММД ва хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатро ташкил менамоянд, дар диаграммаи 2.2. оварда шудааст.

**Диаграммаи 2.2. Вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбат ба ММД ва хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Аз диаграммаи 2.2 чунин маълумот бармеояд, ки дар солҳои 2019-2023 вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ аз 16,52 то 17,83%-ро ташкил намуда, вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф дар давраҳои мавриди таҳқиқоти илмӣ қарордошта, нисбат ба ММД аз 5,13% то 5,43%-ро ташкил медиҳад. Соли 2023 вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбат ба ММД 5,43%-ро ташкил намуд, ки он аз ҳама баланд дар панҷ соли охир ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи афзоиши ҳамасолаи маблағгузории буҷетии соҳаи маориф маълум мегардад, дар 5 соли охир он то 1 млрд. сомониро ташкил медиҳад.

Ба ақидаи мо, барои боз ҳам рушд ёфтани соҳаи маориф ва афзоиш додани вазни қиёсии маблағгузории он нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ ва ММД ва ба стандартҳои байналмилалӣ расонидани онҳо, боз ҳам шароиту имкониятҳо мавҷуданд, ки онҳоро дар оянда бояд хубтар истифода бурд.

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки барномаю стратегияҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар солҳои минбаъда афзоиш ёфтани маблағгузории соҳа пешбинӣ карда шудааст, ки метавон итминони комил ҳосил намуд, ки бобаробари ба роҳ мондани шарикии давлату сектори хусусӣ ин нишондиҳандаҳо тақвияти худро пайдо менамоянд.

Аз ташкили шароити мусоид барои кормандони соҳаи маориф пешрафти мамлакат вобастагӣ дошта, дар ин раванд бо ташаббусу дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи июли соли 2023 маоши кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф, 40 % зиёд карда шуда, дар моҳи сентябри соли 2025 боз 30 дарсади дигар афзоиш додани маоши кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф дар назар аст. Инчунин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ қайд карда шуд, ки: «... дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 % зиёд карда шуд» [6].

Албатта, баланд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, алалхусус кормандони соҳаи маориф ба он боис гашт, ки нуфузи омӯзгор дар ҷомеа ҷойи худро гирад ва ҷавонон рӯ ба фаъолияти педагогӣ биёранд. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар оянда барои интихоби касби муаллим ҷавонон зиёдтар шавқ пайдо менамоянд, ки ин барои рафъи мушкилии норасоии кадрҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилотии тамоми зинаҳо метавонад боис гардад.

Оид ба вазъи музди меҳнати кормандони соҳаҳои мухталифи ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2.3. маълумоти оморӣ ҷамъ оварда шудааст, ки чунин мебошад.

**Ҷадвали 2.2. Музди меҳнати миёнаи кормандони соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2019-2023 бо сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба 2019 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи кормандон | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1760,29 | 2013,11 | 150,73 |
| Аз ҷумла; | | | | | | |

*идомаи ҷадвали 2.2.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати истихроҷ | 2597,48 | 2546,65 | 2840,75 | 3395,17 | 3646,93 | 140,40 |
| Кишоварзӣ, шикорчигӣ ва хоҷагии ҷангал | 544,37 | 572,79 | 633,91 | 716,16 | 811,73 | 149,11 |
| сохтмон | 2435,08 | 2403,84 | 2452,67 | 2708,81 | 3004,25 | 123,37 |
| Савдо, хӯроки омма ва дигар соҳаҳои муомилоти мол | 1235,43 | 1246,97 | 1339,88 | 1528,82 | 1672,53 | 135,38 |
| Тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ | 900,00 | 977,22 | 1023,12 | 1141,48 | 1349,74 | 149,97 |
| Муассисаҳои қарзӣ ва суғурта | 3333,05 | 3580,17 | 4296,47 | 5051,87 | 5679,65 | 170,40 |
| Маориф | 1058,55 | 1117,6 | 1247,60 | 1386,36 | 1645,79 | 155,47 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 1253,20 | 1319,92 | 1915,65 | 2215,22 | 2388,00 | 190,55 |

***Сарчашма:*** Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – АОНПҶТ. 2024. [38].

Музди миёнаи меҳнати ҳамаи кормандони ҳамаи соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 2013,11 сомонӣ баробар гашта, музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи маориф ба 1645,79 сомонӣ баробар гаштааст.

Музди меҳнати кормандони соҳаи маориф сол то сол дар ҳоли рушд буда, суръати афзоиши музди миёнаи меҳнати тамоми кормандон дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба 150,73% афзоиш ёфта, мутаносибан суръати нисбатан баланди нишондиҳандаи мазкур ба соҳаи фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ мансуб буда, он 190,55%-ро ташкил менамояд, суръати нисбатан пасти афзоиши музди миёнаи меҳнат бошад, ба соҳаи сохтмон мансуб буда, суръати афзоишаш дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба 123,37% баробар аст.

Дар соҳаи маориф низ музди миёнаи меҳнат тайи солҳои охир тақвият ёфта, рушди он дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба нишондиҳандаи 155,47% баробар шудааст.

Бо дар назардошти дар соли 2024 баланд шудани андозаи музди меҳнати кормандони соҳаи маориф то 40% ва дар соли 2025 афзоиш ёфтани ин нишондиҳанда дар ҳаҷми то 30% суръати рушди он қариб ду маротиба афзоиш меёбад.

Ба ақидаи мо, бо зиёд шудани  муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи маориф метавонад ба рушди музди меҳнати кормандони тамоми соҳа боис гардад. Ин ақида дар он асос меёбад, ки имрӯз муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи маориф дар умум фисади камтарро ташкил намуда, он қариб ба 10% -и ҳаҷми умумии тамоми муассисаҳои соҳаи маориф баробар буда, миёни муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ба 10.4% баробар аст (аз 48 муассисаҳои олии касбӣ ҳамагӣ 5 адади онҳо дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият менамоянд).

Тамоюли рушди соҳаи маориф ба чашм мерасад, аз ҷумла: «...соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48* ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст» [6].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва шумораи донишҷӯён низ афзоиш ёфтааст, дар ин баробар ба сатҳу сифати таълим бояд диққати ҷиддӣ дод, ки ин нуқта ҳангоми ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2024 баррасӣ карда шуд. Аз ҷумла, ба маврид зикр шудааст, ки: «...дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд» [6].

Яъне, баҳри ташкили шароити хуби таълимӣ истифодаи тамоми воситаю имкониятҳои муосири техникиро бояд истифода намуд, ки ба ақидаи мо имрӯз ҳамаи имкониятҳо барои амалӣ намудани талаботи роҳбарияти олии сиёсии кишвар мавҷуд буда, бо роҳи таъмини шароити мусоид баҳри фаъолияти муассисаҳои олии касбии кишвар новобаста аз шакли молиявии онҳо метавонад муяссар гардад.

Дар ҳамин радиф, зиёдтар додани диққат ба дастгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайрибуҷетӣ бобати пардохти андозҳоро чораҳои ногузир мешуморем. Зеро имрӯз онҳо чун ташкилотҳои тиҷоратӣ андоз месупоранд.

Барои дастгирии давлатии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайрибуҷетӣ озод намудани онҳоро аз андозҳои даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз моликияти ғайриманқул, ки ҳамасола афзоиш меёбад, зарур мешуморем.

Ба андешаи мо, бояд қайд намуд, ки баъзе аз муассисаҳои олии касбӣ қисман аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд, аммо низоми андозбандиашон аз муассисаҳои худмаблағгузор фарққунанда мебошад, ки ин асосро барои таснифоти онҳо ҳамчун муассисаҳои таҳсилотии олии касбии буҷетӣ ва муассисаҳои таҳсилотии олии касбии худмаблағгузор фароҳам меоварад.

Дар сурати зиёд гаштани муассисаҳои таҳсилотии дар асоси худтаъминкунӣ фаъолияткунандаи тамоми зинаҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ асосан ба самти муассисаҳои буҷетии таҳсилотӣ равона карда шуда, маблағгузорӣ низ ба маротиб метавонад афзоиш ёбад.

Бо ҳамин мақсад ба омори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ назар меафканем, ки тамоюли зиёдшавии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, теъдоди кормандони онҳо, шумораи донишҷӯёни фарогири таҳсил дар ин самт давоми солҳои таҳқиқшаванда тасдиқи гуфтаҳои боло аст (ҷадвали 2.3.)

**Ҷадвали 2.3. – Динамикаи афзоиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, теъдоди кормандон ва шумораи донишҷӯён давоми солҳои таҳсили 2018-2019 то 2023-2024.**

| Солҳои таҳсил | Шумораи муассисаҳои олии касбӣ | Аз ҷумла ғайрибуҷетӣ (худмаблағгузор) | Теъдоди кормандон | Шумораи донишҷӯён | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ҳамагӣ | буҷетӣ | Шартномавӣ |
| 2018-2019 | 39 | 3 | 10581 | 209768 | 65132 | 144636 |
| 2019-2020 | 40 | 3 | 11681 | 229626 | 67316 | 162310 |
| 2020-2021 | 41 | 4 | 11746 | 245900 | 63564 | 182336 |
| 2021-2022 | 41 | 4 | 12642 | 239539 | 60797 | 178742 |
| 2022-2023 | 46 | 5 | 11762 | 218098 | 55917 | 162181 |
| 2023-2024 | 46 | 6 | 13989 | 214435 | 62648 | 151787 |

***Сарчашма**:* Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 2 . – Душанбе, 2021.. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024. [37] [36].

Аз ҷадвали мазкур хулоса бармеояд, ки теъдоди муассисаҳои олии касбӣ дар соли таҳсили 2023-2024 ба 46 адад баробар буда, ҳамагӣ 5 адад муассисаи олии касбии худмаблағгузор амал менамояд. Ҳол он ки дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои ҳамҷавор ин нишондиҳанда ба маротиб фарқкунанда буда, то ба 50% ва аз ин ҳам зиёд мерасад. Ин ҷо таснифоти муассисаҳои олии касбии ҷумҳуриамонро ҳамчун муассисаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ аз рӯйи маблағгузорӣ шудан ё нашуданашон аз буҷети давлатӣ амалӣ намудем.

Аз ин лиҳоз, тамоюли зиёдшавии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, теъдоди кормандони онҳо, шумораи донишҷӯёни фарогири таҳсил дар ин самт давоми солҳои таҳқиқшаванда тасдиқи гуфтаҳои болозикр аст.

Инчунин, аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.4. ба чунин хулосае омадан лозим аст, ки дар давоми 5 соли охир теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 адад зиёд гардида, бо фоиз суръати афзоиш ба 17,94 % баробар шуда, агар шумораи кормандони онҳо дар соли таҳсили 2018-

2019  10581 нафарро ташкил диҳад, ин теъдод дар соли 2023 ба 13989 нафар расидааст, ки афзоиш 3408 нафарро ташкил менамояд. Лекин шумораи кормандон дар давоми солҳои таҳсили 2021-22 ва 2022-23  якбора 880 нафар кам гардидааст, ки таъсири худро ба рушди соҳавӣ ва сатҳу сифати таълим хоҳад гузошт.

Таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли таҳсили 2023-2024 ба 214435 нафар баробар гардидааст, ки нисбати соли таҳсили 2018-19 мутаносибан 4667 нафар зиёд гардидааст. Аммо, агар нисбат ба соли таҳсили 2020-21 муқоиса намоем, маълум мегардад, ки тайи солҳои охир ин шумора якбора ба 245900 нафар расидааст, ки ин ба пандемияи **COVID-19** рабт дошта, роҳ барои таҳсили хориҷа баста шуда буд, аз ин шумора 20155 нафари онҳо танҳо ба теъдоди донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ тааллуқ доранд **диаграммаи** 2.3.

**Диаграммаи 2.3. – Динамикаи афзоиши теъдоди кормандон ва шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои таҳсили 2019-2023 (ҳазор нафар)**




<u>**Сарчашма:**</u> Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои омори “Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024.  [36].

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ дар ҳиссаи даромадҳои буҷети давлатӣ назаррас буда, тартиби андозбандии онҳоро таҳлил менамоем.

Рушди таҳсилоти олӣ дар ҷаҳони муосир тавассути сифатан қонеъгардонии талаботи ҷомеа бо хизматрасонии таълимӣ, дар омода намудани мутахассисони касбӣ ва дар қонеъ намудани тақозои худи донишҷӯ аз дастрасӣ ба таҳсилоти босифат бомаром ба назар мерасад.

Аз ин нуқтаи назар, хизматрасонии таълимӣ раванди маҷмуии мураккабест, ки ба истеъмолкунанда ё хоҳишманд тавассути таълим додан, гирифтани маҳорату малака, ки дорои хусусияти умумии таълимӣ ва касбӣ бо мақсади қонеъ гардонидан ва инкишоф додани эҳтиёҷоти шахсӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ нигаронида шудааст, пешкаш карда мешавад.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳу сифати хизматрасонии таълимӣ вобаста аз имкониятҳои мавҷуда то дараҷае боло рафта, вобаста ба мазмун ва самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташаккул дода шуда, технологияи муосири таълимӣ ҷорӣ гардида, лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия шуда, рушди муттаассили он, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ идома ёфта истодааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки зинаи таҳсилоти олии касбӣ муайянкунандаи асосии сатҳи касбияти мутахассисон ва таъминкунандаи тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба онҳо маҳсуб дониста мешавад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои болозикр сарчашмаи андозбандиро маҳз аз манбаи даромади маблағи таҳсили донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонем муайян намоем.

Тавре ки маълум аст, дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ ва то ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ сарчашмаи маблағгузориҳои иловагии соҳаи маориф, аз ҷумла макотибҳои олӣ иҷрои корҳои шартномавии илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамчунин корҳои лоиҳавӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳоло дар шароити

муосир ва рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ маблағгузории асосии бештари донишгоҳу донишкадаҳои олии кишварро маблағҳои аҳолӣ, корхонаву ташкилотҳо ва грантҳо ташкил менамоянд. Аз ин хотир, дар устувории молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳми маблағгузориҳои болозикр назаррас ва ҳиссаи зиёд дорад.

Аз рӯйи мушоҳидаҳо маълум мешавад, ки яке аз сабабҳои дар сатҳи паст қарор доштани сифати таҳсилоти олӣ низ маблағгузории аҳолӣ тариқи шартнома ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки вобастагӣ ва устувории молиявии донишгоҳу донишкадаҳои олии кишварро аз маблағҳои шартномавӣ нишон медиҳад. Ва сол ба сол афзун гардидани арзиши хизматрасониҳои таълимӣ низ ба кам гардидани шумораи донишҷӯёни тариқи шартнома таҳсилкунанда мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, сабабҳои дигаре низ ҳастанд, ки ба рушди босуботи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъсир мерасонанд. Ин пеш аз ҳама, агар тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" бошад, омили дигари таъсиррасон ба андешаи мо, ин тайи солҳои охир дарёфти имкониятҳои бештари ҷойҳои корӣ ва таҳсил дар хориҷи кишвар мебошад.

Дар ҳамбастагӣ ба ин ҳолат, пурра даст кашидан аз таҳсилоти ғоибонаи анъанавӣ ва гузаштан ба таҳсилоти фосилавӣ дар фаъолияти имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то андозае як қатор мушкилоти навро эҷод намуд. Сабаби асосии ин мушкилот аз нигоҳи мо, дар нокифоягии шабакаҳои интернетӣ, дониши ками довталабону донишҷӯён оид ба технологияи компютерӣ, надоштани имконияти харидории техникаҳои компютерӣ, телефонҳои замонавӣ, таҳия ва ҷорӣ нагардидани алтернативаи таҳсилоти фосилавӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар хизматрасонии таълимӣ, ки яке аз самтҳои онро муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд, пардохти андозҳо дар сохтори хароҷот мавқеи намоён дошта, ҳаҷми он метавонад на танҳо бо сатҳу сифати

таълим, балки ба рушди иқтисодиёт таъсир расонад. Ин гуфтаҳо дар он асос меёбанд, ки самаранокии иқтисодиёти давлатҳои рӯ ба инкишоф аз бисёр ҷиҳат ба маблағгузории сармояи инсонӣ ва соҳаи маориф вобаста аст. Бинобар ин, барои дилхоҳ кишвар, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули фазои мусоид баҳри рушди низоми маориф, баландбардории сатҳ ва сифати таълиму тарбия муҳиммияти хоса дорад. Ҳамин аст, ки андозситонии гарон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан аз он макотиби олие, ки худмаблағгузор мебошанд, баҳсбарангез бешумореро ба миён овардааст.

Чуноне дар боби аввали кори диссертатсионии мазкур қайд намудем, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар қатори дигар субъектҳои хоҷагидорӣ як қатор андозҳои муқаррар намудаи Кодекси андозро пардохт менамоянд, ки аз нигоҳи мо, инҳо вобаста ба вазъи воридшавӣ ба буҷет (дар соли молиявии 2023) чунин гурӯҳбандӣ карда мешаванд (ҷадвали 2.5.):

**Ҷадвали 2.4 - Воридоти андозҳо аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои 2019-2023 дар миқёси ҷумҳурӣ (шахсони ҳуқуқӣ)**

ҳазор сомонӣ

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбати соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хизматрасонии таълимӣ** | **331968,4** | **344 331,9** | **384248,3** | **377577,6** | **382070,1** | 115,0 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 233675,8 | 247 600,7 | 284573,5 | 283107,8 | 284806,5 (74,55%) | 121,8 |
| Андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ | 10551,6 | 13 794,4 | 14 338,3 | 13 293,1 | 14090,7 (3,69%) | 133,5 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 19318,8 | 19 541,6 | 16 331,5 | 18 812,3 | 19188,6 (5,02%) | 99,3 |
| Андози иҷтимоӣ (ғайрибуҷетӣ) | 52686,6 | 37 679,9 | 48 915,2 | 40 578,0 | 41795,3 (10,93%) | 79,3 |
| Низоми соддакардашуда | 3 236,9 | 2 606,3 | 3 495,0 | 3 311,1 | 3344,2 (0,87%) | 103,3 |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 2 524,8 | 2 684,5 | 2 903,3 | 3 553,1 | 3624,1 (0,95%) | 140,7 |
| Дигар намуди андозҳо | 9 973,8 | 10 424,5 | 13691,6 | 14922,2 | 15220,7 (3,98%) | 149,6 |

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

Чуноне аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.5. маълум аст, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди пардохти андозҳо мавқеи намоён дошта, давоми солҳои таҳлилшаванда ҳиссаи андозсупории онҳо бомаротиб боло рафтааст. Дар самти андозсупорӣ ҳиссаи андози даромад аз шахсони воқеӣ (кормандон) нисбат ба дигар намуди андозҳо зиёд буда, дар сатҳи хизматрасонии олии таълимӣ соли 2019 бештар аз 72 фоизро ташкил намуда, ин нишондод дар соли 2023 ба бештар аз 74 % баробар гаштааст. Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шумораи зиёди кормандон фаъолият менамоянд ва музди меҳнати онҳо низ қонеъкунандаи талаботҳои замони муосир мебошад.




**Расми 2.1. Ҳиссаи андозҳои пардохташудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоиз дар соли 2023**

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

Ҳиссаи аз ҳама зиёдро дар соли 2023 андоз аз даромади шахсони воқеӣ ташкил намуда, он ба 74,55% баробар аст, ҳиссаи андози иҷтимоӣ низ зиёд буда, он қариб 11%-ро ташкил медиҳад. Инчунин ҳиссаи андоз аз арзиши

иловашуда -5,02% ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ – 3,69%-ро фаро мегиранд **диаграммаи** 2.4.

**Диаграммаи 2.4. – Пардохти андози даромад аз шахсони воқеӣ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ)**




***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

Дар сатҳи номгӯйи андозҳо, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пардохт мекунанд, мавқеи сеюм ва ниҳоятан баҳсталабро андоз аз арзиши иловашуда ташкил медиҳад, ки таҳлили ҳамаҷонибаи он дар муҳиммияти кори диссертатсионӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад.

Андоз аз арзиши иловашуда (АИИ) дар ҷараёни истеҳсол, муомилоти мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ҳамчун қисми арзиши молҳои андозбандишавандаи ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ҳисобида шуда, ҳамчун андози ғайримустақим дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолот, муомилот, иҷрои кору хизматрасонӣ гирифта мешавад. Мувофиқи банди якуми моддаи 264-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути «...меъёри пасткардашуда аз хизматрасонии таълимӣ дар ҳаҷми 5 % андоз аз арзиши иловашуда ситонида мешавад» [19].

Илова ба ин, дар асоси банди сеюми моддаи мазкури Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аз ҷониби супорандаи меъёри

пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда анҷом додани воридоти андозбандишаванда, таҳвили минбаъдаи чунин моли воридшуда бо меъёри стандартӣ – 14% андозбандӣ карда мешавад. Чунин андозсупоранда ҳуқуқ дорад маблағи ҳангоми воридот пардохтнамудаи андоз аз арзиши иловашударо мутобиқи моддаи 266-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирад.

Воридоти ААИ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар расми зер оварда шудааст диаграммаи 2.5.

**Диаграммаи 2.5. – Воридоти ААИ ба буҷет аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давоми солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ)**




***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

Чуноне дар диаграммаи 2.5. дида мешавад, тамоюли пардохти ААИ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои таҳқиқшаванда хело баланд буда, воридоти ин намуди андоз дар соли 2023 ба 19188,6 сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2019 қариб як маротиба зиёд гардида, натиҷаи хати тамоюл (трендӣ) чунин аст:

$$У = 98,97x + 18985$$

$$R^2 = 0,0141$$

Чуноне аз нишондиҳандаҳои омории расми 2.6. дида мешавад, воридоти андоз аз арзиши иловашуда дар давоми се сол аз 19318,8 ҳазор сомонӣ (дар соли 2019) ба 19 188,6 ҳазор сомонӣ дар соли молиявии 2023 баробар гардидааст, ки 130,2 ҳазор сомонӣ ва ё 99,3% тамоюли афзоиш намудааст. Сабаби афзун гардидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар ин солҳо аз нигоҳи мо, дар зиёд гардидани шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва теъдоди донишҷӯёни таҳсилкунанда дар гурӯҳҳои шартномавии онҳо маҳсуб дониста мешаванд.

Вобаста ба ин, муқаррароти моддаи 248-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи он, ки: «...Манбаи андоз аз арзиши иловашуда - арзиши амалиёти андозбандишаванда буда, дар асоси маблағе (арзише, аз ҷумла дар шакли аслӣ), ки андозсупоранда аз мизоҷ ё аз ҳар шахси дигар мегирад, ё ҳуқуқи гирифтанро дорад, аз ҷумла ҳама гуна боҷҳо, андозҳо ва (ё) пардохтҳои дигар, вале бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда, муайян карда мешавад» [17].

Масъалаи мазкур дар байни МТОК, ки худмабалағгузоранд хеле мушкиливу муаммоҳоеро эҷод кардааст.

Андози иҷтимоӣ (ғайрибуҷетӣ) вобаста ба вазни воридшавӣ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавқеи дуюмро ишғол намуда, дар соли 2023 бештар аз 10 % маҷмуи андозпардозии мактабҳои олиро ташкил дода ба 41795,3 сомонӣ баробар шудааст.

Вобаста ба ин, ҳиссаи андози иҷтимоӣ дар асоси андози даромад аз шахсони воқеӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавқеи дуюмро ишғол намуда, дар соли 2019 тақрибан 79,3 % андозҳои хизматрасонии таълимиро ташкил намудааст.

Андози иҷтимоӣ – пардохти муайяни ҳатмӣ буда, бо мақсади таъмини суғуртаи иҷтимоӣ мувофиқи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маблағи умумии музди меҳнат супорида мешавад. Супорандагони андози мазкур суғуртакунандагон (корфармоён,

корхонаву ташкилотҳо) бо меъёри 25 % аз фонди музди меҳнат ва барои суғурташавандагон 1 % аз маблағи музди меҳнати моҳона, барои соҳибкорони алоҳида бо меъёри 20 % муқаррар шудааст. Маблағи андози иҷтимоӣ ба ҳосили зарби меъёрии якхелаи андоз ва фонди музди меҳнати ҳармоҳаи кормандони корхона ва ташкилотҳо баробар аст.

Пардохти андози иҷтимоӣ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои 2019-2023 чунин аст **расми** 2.2.




**Расми 2.2. – Воридоти андози иҷтимоӣ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ)**

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

Аз нишондиҳандаҳои расми 2.2. маълум аст, ки маблағҳои андозии суғуртаи иҷтимоӣ дар соли 2020 ба қуллаи кулминатсионии афзоиш расида, 37679,9 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли таҳлилии 2019 ба андозаи 52686,6 ҳазор сомонӣ ва ё 71,5 % афзун гардидааст. Аммо дар соли минбаъда ин нишондиҳанда якбора ба 11235,3 ҳазор сомонӣ ё 129,8 % зиёд гардидааст.

Ҳамин тавр, раванди ҷамъоварии андози иҷтимоӣ тамоюли каму зиёдшавӣ дошта, дар маҷмуъ давоми солҳои таҳқиқшаванда майл ба камшавӣ

дорад ва дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба маблағи 10891,3 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Имрӯз тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф андозро аз объектҳои ғайриманқул ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ дар андозаи то 18% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мураббаи масоҳати ҳамаи биноҳои худ пардохт менамоянд, ки дар маҷмуъ метавонад он маблағҳои калонро ташкил намояд. Мусаллам аст, ки муассисаҳои таҳсилотӣ асосан аз биною синфхонаҳои зиёд барои фаъолияти худ истифода мебаранд, ки ҳисоб намудани андоз аз ҳамаи масоҳати чунин муассисаҳо маблағҳои хело зиёдро ташкил намуда, гаронии андозро барои онҳо меафзояд. Нишондиҳандаҳои андоз аз объектҳои ғайриманқул дар диаграммаи 2.6. оварда мешавад.

**Диаграммаи 2.6. – Воридоти андоз аз амволи ғайриманқули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давоми солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ)**




***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.8. чунин бармеояд, ки сол то сол воридоти андозӣ аз ҳисоби андоз аз объектҳои ғайриманқул афзоиш меёбанд ва соли 2023 он ба 3625,1 ҳаз. сомонӣ баробар гаштааст, ки нисбати соли 2019

ба маблағи 2524,8 сомон афзоиш ёфта, бо фоиз суръати афзоиш дар ҳамин давра ба 140,7 %-ро ташкил намудааст.

Барои муайян намудани самаранокии нишондиҳандаҳо ва баҳодиҳии натиҷаҳо барои солҳои оянда дар боби 2.2. масъалаҳои марбути омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дида мебароем.

## 2.2. Омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Сиёсати самараноки андоз дар ин ё он мамлакат метавонад ба пешрафти иқтисодию иҷтимоии он сабаб гардад, ки инро дар ташкили сиёсати дурусти низоми андозбандии соҳаи маориф метавон тасдиқ намуд. Масалан дар баробари ташкили низоми якхелаи андозбандии муассисаҳои таълимии аз буҷети давлатӣ маблағгузор ва муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф ҳадафи афзоиш додани муассисаҳои аз ҷиҳати молиявӣ мустаҳкам ва мустақилбуда ҳосил шуда, сарбории аз ин ҳисоб озодшударо давлат метавонад барои мақсадҳои дигари буҷетӣ равона созад.

Бинобар ин, самаранокии вазъи иқтисодии имрӯзаи кишвар мустақиман аз низоми андозбандии оқилонаву асоснок вобастагӣ дорад. Зеро, «...Барои аз поинтарин зина ба зинаи олии шукуфоӣ расонидани давлат, танҳо се шарт лозим аст: якум - сулҳи берунӣ ва дохилӣ, дуюм - таҳаммулпазирӣ дар ҳукумат ва сеюм - андозбандии оқилона. Дар заминаи ҳамин шартҳо дигар равандҳо ба таври табиӣ роҳи ҳалли худро меёбанд» [127].

Ҳамин аст, ки рушди муносибатҳои бозорӣ барои дилхоҳ субъектҳои хоҷагидории шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ шароити душвори иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ вазифадоранд, ки сиёсати таҳким ва нигоҳ доштани вазъи молиявию суботи он ва дар натиҷа қобилияти пардохтпазириро амалӣ намоянд.

Аз ин рӯ, ба раванди фаъолияти муассисаҳо низоми муосири миллии андоз ҳаматарафа ва бештар таъсир мерасонад.

Ба ақидаи мо, барои баҳодиҳии вазъияти андозбандии соҳаи маориф, алалхусус муассисаҳои таълимии худмаблағгузор таъсири як қатор омилҳоро ба рушди он метавон чунин муайян намуд;

-маблағгузории соҳаи маориф ё молиякунонии он. Ин омил бисёрҷанба буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо, аз ҷумла маблағгузории буҷавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, даромади муассисаҳои олии касбии худмаблағгузор;

- сатҳи миёнаи музди меҳнати тамоми кормандони саҳаи маориф ва кормандону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии худмаблағгузор ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ;

- шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ва мавқеи МТОК-и дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолияткунанда;

- миқдори кормандон ва омӯзгорони дар МТОК фаъолияткунанда ва қиёс намудани кормандони МТОК-и дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолияткунанда бо шумораи умумии кормандону омӯзгорони тамоми МТОК-и ҷумҳурӣ;

- теъдоди донишӯёне, ки дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, аз ҷумла вазни қиёсии донишҷӯёни МТОК-и дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолияткунанда нисбати шумораи умумии донишҷӯёни дар тамоми МТОК-и ҷумҳурӣ таҳсилкунанда;

- андозбандии соҳаи маориф, алалхусус вазъи андозбандӣ дар МТОК-и дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолияткунанда.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади ҳуқуқии асосӣ аввалин маротиба соли 1998 қабул гардида, муносибатҳои андозиро таҳия, муқаррар ва ба танзим дароварда, давоми солҳо вазъи ҳамаҷонибаи сиёсати андозӣ ва низоми миллии андозро дар як чаҳорчӯбаи муайян ташаккул ва рушд намуда истодааст.

Мусаллам аст, ки ҳамасола ба ин санади ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳои зиёде ворид гашта, шумораи андозҳои ҷорӣ ва меъёри онҳо кам гардида, бо зиёд гардидани даромадҳои буҷети давлативу маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои асосии дараҷаи таъсири андозбандӣ ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин гаронии андоз ва хавфҳои андозӣ мебошанд.

Дараҷаи хавфҳои андоз, ки боиси талафоти молиявӣ мегарданд, ба фаъолияти муассисаҳо таъсири бевосита мерасонад. Сатҳи хавфҳои андозӣ аз як қатор омилҳо, ки ба фаъолияти он таъсир мерасонанд, вобастагии зиёд дорад. Дар ҷадвали 2.6. омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи хавфи андозӣ таҳия гардидааст.

**Расми 2.3. - Омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи хавфи андозӣ дар муассисаҳои олии касбӣ**




***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси Архипцева, Л.М. Налоговый потенциал: теоретические и практические аспекты использования в планировании налоговых поступлений / Л.М. Архипцева // Налоги и налогообложение. – 2008. – № 7. [68].

Гаронии андоз - ҳаҷм, дараҷа ва сатҳи маҳдудиятҳои иқтисодие, ки аз ҳисоби пардохти маблағи андоз, гирифтани онҳо аз самтҳои дигари эҳтимолии истифода ба вуҷуд оварда мешаванд. Хавфи андозӣ бошад, ин эҳтимолияти аз ҷониби андозсупоранда иҷро накардан ё қисман иҷро кардани уҳдадориҳои андозиро дар назар дорад. Аз ҳамин ҷост, ки сатҳи хавфҳои андоз устувории гаронии андозро муайян мекунад.

Бояд қайд намуд, ки аз дараҷаи сарбории андозӣ, ки дар арзиши таҳсил илова гардидааст, сатҳи сарбории андозии аҳолӣ ҳамчун истеъмолкунандаи хизматрасонии таълимӣ вобастагии зиёд дорад. Мутаассифона, муқаррароти моддаи 264-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арзиши хизматрасонии таълимӣ, ки аз ҳисоби маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ ташаккул ёфтаанд, дар ҳаҷми 5% андоз аз арзиши иловашуда зам мегардад. Чунин амалиёт дар ҳолест, ки хизматрасонии таълимӣ, новобаста аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар аксарияти кишварҳо аз ААИ озод мебошад. Мусаллам аст, ки аслан супорандагони андоз аз арзиши иловашуда харидорони хизматрасонӣ мебошанд, лекин аз нигоҳи мо дар ин самт дастгирии ҳамаҷонибаи давлат нисбат ба рушди устувори маориф, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарурати ҳамаҷониба дорад.

Илова бар ин, барои муассисаҳои таълимӣ воқеан имконпазир аст, ки хароҷоти пардохти андоз аз амволи корхонаҳо ва андози заминро аз сарбории андозӣ хориҷ кунанд.

Аксар вақт ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ки барои ҳадди ақал кам кардани хавфҳои андоз муассисаҳо аз истифодаи ин ё он имтиёз ё озодкуниҳои андозбандӣ даст мекашанд. Ин вазъият, аз ҷумла дар мавриди татбиқи меъёри сифрии фоизии имтиёзнок аз андози даромад (фоида) ба миён меояд, зеро ҳуқуқи истифодаи чунин имтиёз бояд дар охири давраи андоз собит карда шавад. Дар мавриди ҳатто андаке аз меъёру муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дур шудан муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд маблағи пешпардохти давраи ҳисоботӣ ва андози даромад (фоида)-ро барои

давраи андозӣ бо пардохти ҷаримаҳои далхдор, ки аз оғози давраи андозӣ ҳисоб карда мешаванд, ҳисобӣ ва пардохт намоянд. Чунин раванди корбарӣ дар ҳолест, ки ин гуна муассисаҳо татбиқ намудани меъёри имтиёзноки андозиро қонунӣ мешуморанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ чунин пешпардохти иловагӣ қобили қабул аст, зеро мумкин аст, ки барои татбиқи меъёри имтиёзноки андоз дидаю дониста дода шавад ва ба ин васила ба таъхир андохтани пардохти андоз ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, амали давлат шояд дуруст аст, аммо ба ҳар ҳол муаллиф зарур мешуморад, ки ин муқарраротбоз ҳам такмил дода шавад.

Албатта, инкор кардан мумкин нест, ки қонунгузор ҷанбаҳои иҷтимоиро ҳангоми хизматрасонии таълимӣ ба назар мегирад ва ба муассисаҳои соҳаи маориф имтиёзҳои дахлдори андозӣ муқаррар менамояд. Аммо ҷузъиёти маъмурикунонии андозбандӣ муассисаҳоро бидуни озод кардани татбиқи имтиёзҳо дар ҳолати душвор қарор медиҳад. Ин боиси афзоиши сарбории андоз ба сари аҳолӣ, ки истеъмолкунандаи бевоситаи хизматрасонии таълимӣ мебошад гардида, дар натиҷа худи давлат, ки ба ҷомеаи аз ҷиҳати касбӣ пешрафта ниёз дорад, зарар мебинад.

Дар ҷараёни амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ мақсад гузошта шудааст, ки таъсири амиқи омилҳо ошкор карда шавад ва дар чаҳорчӯбаи он тавсияҳои илмӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи он пешниҳод карда шавад. (Ҷадвали 2.7.)

Айни замон бо тағйир ёфтани муҳити дастрасӣ ба маълумоти олӣ дар тамоми ҷаҳон масоили зарурати ҷалби онҳо ба омӯзиш дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои муашаххас амалӣ карда мешавад.

***Ҷадвали 2.7.*** Омилҳои экзогенӣ – эндогенӣ барои анҷом додани амсиласозии иқтисодӣ - математикии фаъолияти минбаъдаи МТОК ва таъсири он ба ММД

| *Солҳо* | *Нишондиҳандаҳои мантиқӣ* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ***MMD*** | ***Shd*** | ***Da*** | ***Qpa*** | ***Pha*** |
| 2008 | 17706,9 | 156,3 | 1321,0 | 5203,7 | 2436,6 |
| 2009 | 20628,5 | 157,8 | 1490,6 | 6663,0 | 2808,9 |
| 2010 | 24707,1 | 151,7 | 1762,9 | 7876,1 | 3760,7 |

*идомаи ҷадвали 2.7,*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 30071,1 | 152,1 | 2098,8 | 9097,7 | 4936,8 |
| 2012 | 36163,1 | 150,1 | 2552,9 | 11752,0 | 5993,9 |
| 2013 | 40525,5 | 159,4 | 2767,7 | 14742,6 | 7035,7 |
| 2014 | 45606,6 | 165,3 | 2930,6 | 16333,2 | 7351,6 |
| 2015 | 50977,8 | 176,5 | 3025,4 | 17335,2 | 8073,5 |
| 2016 | 54790,3 | 186,9 | 3628,2 | 17911,3 | 3098,7 |
| 2017 | 64434,3 | 195,7 | 3919,7 | 32205,4 | 1996,2 |
| 2018 | 71059,2 | 209,8 | 4550,3 | 35765,1 | 2224,9 |
| 2019 | 79109,8 | 229,6 | 5203,6 | 41880,7 | 2579,4 |
| 2020 | 83958,3 | 245,9 | 6944,0 | 7710,5 | 2587,1 |
| 2021 | 101076 | 239,5 | 8514,0 | 86050,0 | 2594,9 |
| 2022 | 118181 | 218,1 | 9529,1 | 102050 | 2602,7 |
| 2023 | 130792 | 214,4 | 11854,2 | 135089 | 2680,8 |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе –2021; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – АОНПҶТ. 2024» [50] [38].

***дар ин ҷо:***

***MMDᵢ*** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

***Shd*** **-** Шумораи донишҷӯёни МТОК, ҳаз. нафар;

***Da*** **-** Даромади аҳолӣ ба ҳисоби миёна, сомонӣ;

***Qpa*** **-** Қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ барои молу хизматрасонӣ, млн. сомонӣ;

***Pha*** **-** Пардохтҳои ҳатмӣ ва андозҳои дигар ва ҷамъоварӣ, млн. сомонӣ.

Таъсири ***омилҳои*** интихобгардида нишон медиҳад, ки барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳо чунин нишондиҳандаҳо: шумораи донишҷӯёни МТОК, ҳаз. нафар, даромади аҳолӣ ба ҳисоби миёна, сомонӣ, қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ барои молу хизматрасонӣ, млн. сомонӣ, пардохтҳои ҳатмӣ ва андозҳои дигар ва ҷамъоварӣ, млн. сомонӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Таҳлили омилҳо нишон медиҳанд, ки дар идома ташкили донишгоҳҳои худмаблағгузор бештар ба роҳ монда шавад.

Аз дигар нуқтаи назар, даромади аҳолӣ ва қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ имконият медиҳад, ки низоми маориф, хусусан дар самти омоданамоии мутахассисони касбӣ самти дигари рушд ва тамоюлро фаро гирад.(Ҷадвали

2.8.)

***Ҷадвали 2.8.***Натиҷаи амсилаи иқтисодӣ - матемтикии нишондиҳандаҳои рушди МТОК*

| | **Коэффитсиентҳо** | **Хатогии стандартӣ** | **t-Оморӣ** | **Р-Қиммат** |
|---|---|---|---|---|
| ***MMD*** | -45240,6 | 15175,7 | -2,98113 | 0,01249 |
| ***Shd*** | 359,110 | 92,0706 | 3,90037 | 0,00247 |
| ***Da*** | 5,26951 | 1,86076 | 2,83191 | 0,01632 |
| ***Qpa*** | 0,24806 | 0,11118 | 2,23110 | 0,04744 |
| ***Pha*** | 1,55017 | 0,80443 | 1,92703 | 0,08019 |

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси додаҳои оморӣ ва имкониятҳои ДБА.

$$MMD = -45240{,}6 - 359{,}110Shd + 5{,}26951Da +$$
$$+0{,}24806Qpa + 1{,}55017Pha$$

Таҳлили натиҷаҳои ҳосилшудаи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ гувоҳӣ медиҳад, ки натиҷаҳои ҳосилшуда дуруст интихоб гардида ба рушди минбаъдаи соҳа таъсири амиқ мерасонанд. Хусусан, таҳлили қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ нишон медиҳад, ки соли 2023 нисбати соли 2008 ин нишондиҳанда ба 25,96 маротиба тағйир ёфтааст.(Ҷадвали 2.8.) Ба ин васила имкони дастрасии аҳолӣ ба маълумотнокӣ низ меафзоянд.

Дар умум чунин амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии фарогирандаи ҳолати мазкурро тарҳрезӣ ва истифода намудан мумкин аст:

$$B_{max} = \sum_{m=1}^{n} (M_i + Q_a + J_i + Y_{li}) \rightarrow \sum_{d \rightarrow k} \begin{pmatrix} u \\ h \\ g \end{pmatrix} \qquad (1)$$

***дар ин ҷо:***

$B_{max}$ – муҳтавои амалии амсилаи оптимизатсионӣ, ки ба максималикунонии фаъолияти муассиса оварда мерасонад;

$M_i$ – омилҳои экзогенӣ, $i$ – зеромилҳо;

$Q_a$ – омилҳои эндогенӣ, $i$ – зеромилҳо;

$J_i$ – муассисаи олии таълимии хусусӣ, $i$ – шумораи муассисаи олии таълимии худмаблағгузор;

$Y_{li}$ – омилҳои андозӣ, $li$ – муассисаҳои олии таълимӣ;

n – омилҳои манфӣ;

m – ҳолати рушд ва фаъолияти объект.

Суммаи дуюм → $\sum_k \begin{pmatrix} u \\ h \\ g \end{pmatrix}$ бошад, истифодаи захираҳо ва имкониятҳои аҳолии давлатро барои ташкили муассисаи олии таълимии худмаблағгузор ифода менамояд;

***дар ин ҷо:***

$k$ - имкониятҳои аҳолӣ;

d - имкониятҳои давлат;

ва $u$ – захираҳои моддӣ;

$h$ - захираҳои молиявӣ;

$g$ – захираҳои кадрӣ.

Барои ташкили муассисаи олии таълимии худмаблағгузор ва оптималикунонии низоми андозбандии он ба манфиати давлат зарур аст, ки аз амсилаи оптимизатсионии мазкур истифода бурда шавад.

Натиҷаи баҳодиҳии амсилаи мазкур бо дарназардошти додашудаҳои расмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қимматҳои интихобгардида дуруст буда, аҳаммияти баланди амалиро дар самти ситонидани андоз ба фоидаи давлат нишон медиҳад. Аз ҳамин хотир, хулосаҳои мо атрофи ташкили донишгоҳҳои худмаблағгузор бараъло ва дар асоси додаҳои расмии амалӣ пойбарҷо мебошад.

Функсияи мақсади амсилаи оптимизатсионии фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ бо дарназардошти таҳфифҳои андозӣ метавонад ба таври зерин муаррифӣ шавад:

Максимизатсияи самаранокии таълим ва таҳқиқот бо истифодаи оптималии захираҳо ва таҳфифҳои андозӣ

**Математикӣ:**

maxZ=f(E,R,T)\max \, Z = f(E, R, T)maxZ=f(E,R,T)

Дар ин ҷо:

- EEE — самаранокии таълим ва таҳқиқот;
- RRR — захираҳо (молиявӣ, инсонӣ, моддӣ);
- TTT — тахфифҳои андозӣ ва дигар манбаъҳои даромад.

**Маҳдудиятҳо:**

1. **Маҳдудияти буҷетӣ:** C≤B+TC \leq B + TC≤B+T. Дар ин ҷо:
   - CCC — хароҷоти умумии муассиса;
   - BBB — маблағҳои буҷетӣ;
   - TTT — тахфифҳои андозӣ ва дигар манбаъҳои даромад.
2. **Маҳдудияти захираҳо:** R≤RmaxR \leq R_{\max}R≤Rmax Дар ин ҷо:
   - RmaxR_{\max}Rmax — захираҳои максималии дастрас.
3. **Маҳдудияти сифати таълим:** Q(E)≥QminQ(E) \geq Q_{\min}Q(E)≥Qmin Дар ин ҷо:
   - Q(E)Q(E)Q(E) — сифати таълим;
   - QminQ_{\min}Qmin — сатҳи минималии сифати таълим.
4. **Маҳдудияти риояи қонунгузорӣ:** Риояи қонунгузории андозӣ\text { Риояи қонунгузории андозӣ} Риояи қонунгузории андозӣ

Ҳалли ин амсила кӯмак мекунад, ки муассисаҳои олии касбӣ бо истифодаи самаранокии захираҳо ва манбаъҳои молиявӣ, аз ҷумла тахфифҳои андозбандӣ, самаранокии таълим ва таҳқиқотро баланд бардоранд, дар ҳоле ки маҳдудиятҳои буҷетӣ ва қонунгузорӣ риоя мешаванд.

Барои маълумоти бештар дар бораи таҳфифҳои андозӣ ва истифодаи онҳо дар муассисаҳои олии таълимӣ, тавсия дода мешавад, ки бо мутахассисони молиявӣ ё ҳуқуқшиносони соҳа машварат кунед.

«...Ҳамин тавр, мушкилоте, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди андозбандӣ дучор мешаванд ва ба сатҳи хавфҳои андозбандии фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд, инҳоянд:

- ❖ мунтазам тағйир додани қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо, инчунин дар соҳаҳои дигари марбут ба андозбандӣ;

- ❖ мавҷудияти тафсири норавшани қонунгузории амалкунанда оид ба андозҳо ва пардохтҳо;
- ❖ мавҷудияти маъмурикунонии қатъии андоз барои иҷрои ӯҳдадориҳои андозбандӣ аз ҷониби муассисаҳо;
- ❖ нокифоягии амалии банақшагирии андозҳо ва ғайра» [130].

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ҷаҳони имрӯзаи доимо тағйирёбанда низоми комилан устувори андозӣ ба мушоҳида намерасад.

«...Аз ин рӯ, барои фаъолияти давлат як алгоритми муайяни тадбирҳо оид ба ворид намудани тағйироти назаррас ба қонунгузории андоз ва дигар пардохтҳо ба мақсад мувофиқтар аст» [130].

Аз нигоҳи мо, тадбирҳои пешакии ворид намудани тағйиру иловаҳоеро таҳия намудан лозим аст, ки уҳдадориҳои молиявии иловагии андозсупорандагонро коҳиш медиҳад ва ё умуман манъ мегарданад. Ин ягона роҳи ба даст овардани дарку фаҳмиши андозсупорандагон дар масъалаҳои зиёд кардани сарбории андозбандӣ аст, ки муассисаҳо бояд дурустии чораҳои андешидашударо дарк кунанд. Дар асоси ақидаҳои болозикр, ба андешаи мо омилҳои асосии зерини таъсири андозбандиро ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қайд кардан мумкин аст:

Аввалан, дар қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо муқаррароти тафриқавӣ (дифференсиалӣ) мавҷуданд, ки ба муассисаҳо нисбат ба унсурҳои муайяни андозбандии фаъолияти онҳо имтиёзҳо медиҳанд;

Дуюм, дараҷаи сарбории андозбандӣ дар муассисаҳо. Таҳлили сарбории андоз барои қабули қарорҳои дуруст дар робита ба мувофиққунонии андозбандии фаъолияти онҳо, аз ҷумла бо истифода аз имтиёзҳои андоз, ки қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо пешбинӣ кардааст, мусоидат мекунад.

Сеюм, муттасилии (доимии) қонунгузорӣ дар бораи андозу пардохтҳо, инчунин қонунгузорӣ дар соҳаҳои дигари фаъолият вобаста ба андозбандӣ, ки ба муассисаҳо имкон медиҳад, то банақшагирии андозро дурусттар ба роҳ

монанд. Ин ҷо омилҳоеро низ метавон қайд кард, аз қабили тағйирот ба муқаррароти қонунгузорӣ, ки тафсири дучанд доранд ва сари вақт эътибор пайдо накардани тағйирот ба қонунгузорӣ» [130].

Имрӯзҳо аксарияти давлатҳои рӯбатараққии ҷаҳон оид ба масъалаи рушди соҳаи маориф тадбирҳои зарурииро андешида, дар тайёр намудани мутахассисони баланд ихтисоси дар бозори меҳнат рақобаттавон стратегияи нав ба навро таҳия ва татбиқ намуда истодаанд. Дар ин замина муҳиммияти ҳамгироиҳои иқтисодӣ, ҳамкорҳои тарафайн, шарикиятҳо ва дастаҷамъии фаъолият аҳамияти хоса дорад. Ояндасозӣ иқдоми инноватсиониро мепарастад. Пас дар замони ташаккули рақамикунониҳо вусъатбахшии шарикиятҳо зарур аст.

Ҷалби шарикони стратегӣ бе назардошти хусусиятҳои сиёсӣ ва макроиқтисодӣ, объективона ва дуруст муайян кардани самаранокии тадбирҳои андешидашуда дар самти такмили қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо имконнопазир аст, зеро ин на танҳо ба таҳлили илмии муносибатҳои ҳуқуқии мавҷудаи андоз вобаста аст, балки имкон медиҳад, киояндабинии муайян кардани хавфи андозии субъектҳои хоҷагидор дар як вақт ё тавассути шакли дигари рафтор пешгӯйӣ карда шавад.

Барои расидан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисодӣ муқаррароти регресивии андоз ва имкониятҳои давра ба давра паст намудани меъёрҳои андозҳои алоҳида дар амалияи низомҳои имтиёзноки андозбандӣ тадбирҳои мушаххас бояд андешида шаванд.

Бинобар ин, шарти муҳим ва омили таъмин намудани рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва бахшҳои алоҳидаи афзалиятноки он паст гардонидани сатҳи гаронии андозҳо ва дарёфти роҳҳои наву пурсамари ҳавасмандгардонии андозбандӣ ҳисобида мешаванд, дар ин замина масъалаи дастгирии давлатии андозсупорандагон бо мақсади рушди интенсивӣ низ нақши намоён ва муҳиммеро ишғол менамояд.

Ба андешаи мо, дар ин замина такмили низомҳои муқарраргардидаи андозбандӣ ва менеҷменти муосиру пурсамари фаъолияти мақомоти андоз дар умум, аз ҷумла, дар соҳаи маориф нақши муассир дорад.

Сиёсати миллии ҳар як давлат ба рушди соҳаи маориф ҳамчун асоси рушди устувори муҳити иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки соҳаи маориф ҳамчун яке аз омилҳои таҳкимбахши рушд ва заминаи асосии ташаккулёбии иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ба ҳисоб рафта, муайянкунандаи сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ мебошад. Маҳз маориф аст, ки дар рушди сармояи инсонӣ заминаи воқеӣ мегузорад. Тақвияти сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз сатҳи таҳсилоти гирифташуда вобаста аст, ки ба хонандагон маҷмуи маҳорату малакаҳои дар амал татбиқ намудани иқтидори шахсиро тарбия мекунад.

Чуноне қайд гардид, дар робита ба ҳадафи глобалии ҷомеаи муосир ва таъмини таҳсилоти босифат ва ҳавасмандгардонии имкониятҳои таҳсили якумра барои одамон, кишварҳо вазифадоранд, ки сиёсати ҳавасмандкунӣ ва дастгирии маорифро тавассути механизмҳои гуногуни молиявӣ амалӣ созанд.

Яке аз механизмҳои молиявӣ, ки ҳавасмандии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолиро барои омӯзиши илму таҳсил фарогир аст, ба андешаи мо, истифодаи имтиёзҳои гуногуни андозбандӣ ҳам барои муҳити таълим ва ҳам барои баланд бардоштани таваҷҷуҳи шахсони алоҳида ба гирифтани маълумот ва такмили ихтисос дар тамоми раванди умр маҳсуб дониста мешавад.

Масъалаҳои назария ва амалияи истифодаи ҳавасмандии андоз ва андозбандии фаъолияти таълимӣ дар корҳои зиёди олимони соҳавӣ, сармояи инсонӣ ва дигар соҳаҳои таҳқиқот баррасӣ шудаанд. Ҳанӯз паҳлӯҳои баҳсбарагез ва норавшан боқӣ мондааст. Мо ҳангоми таҳқиқ ин гуна масоилҳоро бо дарназардошти корҳои қаблан анҷомдода мавриди омӯзиш қарор дода, вариантҳои ҳалталаби онро дар ниҳоят тавсия хоҳем намуд.

Ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ҳамчун воситаи фискалӣ табиати ғайримустақим дошта, чун омили муҳим дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ба соҳаи маориф хизмат мекунанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ масъалаҳои андозбандӣ дар ин соҳа бештар хусусияти амалӣ дошта, соҳаҳои алоҳидаи андозбандӣ: фаъолияти таълимӣ, андозбандии муассисаҳои таҳсилоти буҷетӣ, маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро баррасӣ мекунанд.

Чуноне қайд намудем, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номгуйи зиёди андозҳоро пардохт мекунанд.Чун дигар субъектҳои хоҷагидорӣ се намуди андоз вобаста ба вазъи воридшавӣ ба буҷетро ҳамчун андозҳои асосӣ пардохт менамоянд: андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда ва андози иҷтимоӣ.

Хулоса асоси ин гуфтаҳо шаҳодати он аст, ки муқаррароти қисмҳои алоҳидаи «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба ҳисоб намудан ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ пеш аз ҳама вобаста ба мавзуи мавриди назаргардида, ҳоло ба таҳлилу такмили зиёд ниёз доранд.

Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ масоили андоз ва андозбандӣ тибқи консепсияҳои қабулшуда ва талаботи давру замон, яъне низоми электронӣ, бахусус рақамикунонии фаъолиятҳо ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат шаффофият ва пардохтҳои саривақтии андоз ба буҷаи давлат таъмин карда мешавад. Ҳоло дар ин самт аксари аҳолии кишвар бо дарки маърифати молиявию масъулияти андозсупорӣ ҳамрадифи иқдомҳои созгори Ҳукумати кишвар мебошанд. Дар ин замина татбиқи Ҳукумати электронӣ раванди андозсупорандагонро ҳам танзим ва ҳам суръат мебахшад.

Рақамикунонии фаъолият барои пардохтҳои саривақтӣ ва бе хароҷотҳои иловагӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар тамоми соҳаҳо истифодаи технологияҳои муосир ва татбиқи

фановарихои рақамӣ самараву сифати иҷрои кору амалиётҳоро вусъат мебахшанд.

Ҷамъоварии маблағҳои андоз бо роҳи интенсивӣ, аз ҳисоби тағйири қоидаҳо ва меъёрҳои андозбандӣ, инчунин низоми идоракунии мақомоти андоз, қабули чораҳои таъсирбахш оид ба низоми маъмурикунонии андоз ва такмили он, пешгирии ҳолатҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо амалӣ карда мешавад.

Дар асоси таҳлилу мушоҳидаҳои илмӣ дида мешавад, ки иқтидори андозии гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон ғайри воқеъбинона муайян гардида, маълумотҳо доир ба объектҳои андозбандӣ нопурра ва номукаммал пешниҳод мегарданд, ки дар натиҷа сарбории андозбандӣ барои онҳо зиёд гардида, мушкилоти саривақт пардохт намудани андозҳо ва афзоиши пинҳон намудани манбаи андозиро ба миён меорад.

Таҳқиқот ба баланд бардоштани самаранокии механизми андозбандӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ нигаронида шуда буд. Пешниҳодҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

-дар шароити рушди технологияҳои иттилоотиву инноватсионӣ озод кардани андоз аз арзиши иловашуда ё ҳамаи фоизҳо. Танҳо дар ин сурат муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имконият ва эҳтимолияти таъминшавӣ ё харидории таҷҳизотҳои технологию муосирро ба даст оварда метавонанд;

- зарурияти такмилдиҳии фаъолияти МТОК бо дар назардошти шакли моликият, манзури мо аз хусусигардонии қисми муайяни онҳо. Дар ин замина сарфаи сарбории низоми буҷети кишвар ба системаи маориф таъмин карда мешавад. Яъне буҷаи кишвар ба соҳаҳои дигари муҳимми таъминкунандаи стратегияи рушди иқтисодиёт равона карда мешавад;

- самти дигар, ин татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва дар ин замина таъмини шаффафияти фаъолияти МТОК;

-тавре таҷриба нишон медиҳад дар кишварҳои мухталиф муассисаҳои таълимӣ натанҳо объекти андозбандӣ, балки аз супоридани он пурра озод

мебошанд. Рушди соҳаи маориф сарчашмаи рушди соҳаҳои иқтисодиёт мебошад;

- такмилдиҳии дилхоҳ объект аз низоми муаяйни корӣ ва фарҳанги корпоративӣ вобастагии зиёд дорад. Дар сатҳи зарурӣ боло бардоштани фарҳангу маърифати молиявӣ хеле муҳим аст ва дар ин сурат такмилдиҳию танзими андозбандӣ имконпазир мегардад;

- ташаккули фарҳангу маърифати рақамӣ, истиқлолияти зеҳнӣ ва истифодаи самарабахши менеҷменти вақт.

Умедворем, ки дар фаъолияти МТОК, бахусус худмаблағгузор бояд имтиёзҳои махсуси андозбандӣ роҳандозӣ карда шаванд, ки дар таҳқиқи матлаби мазкур бояд андешаҳои ҷолибу эҷодӣ руйи кор оянд.

Бояд зикр намуд, ки нуктаҳои зикргардида дар роҳи такмилу танзими андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд нақши назаррас дошта бошанд.

«...Зеро имрӯз вақти он расидааст, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии худмаблағгузор зиёд диққат дода бо ҳамин васила теъдоди онҳоро зиёд гардонем, то ин ки хароҷортҳои буҷети давлатӣ ба соҳа сарфа гардида, маблағҳои сафашуда барои боз ҳам афзоиш додани сатҳи музди меҳнати муассисаҳои буҷетӣ равона карда шаванд» [130].

Пас аз таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз корҳои анҷомдодашуда маълум гардид, ки мукаммалгардонии механизми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои судмандии фаъолияти системаи маорифи кишвар таъсири беандоза дорад. Таҷрибаи кишварҳои пешоҳанг ва муваффақ нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳои хориҷа муассисаҳои таълимӣ шакли моликияташон ғайридавлатӣ мебошад ва ин гуна таҷриба барои кишвари мо низ аҳамияти хоса дорад. Масалан дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва ё Узбекистон 60-70 фоизи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ғайридавлатӣ мебошанд ва ин дар ғанӣ гардонидани буҷаи давлат саҳми назаррас мегузорад. Дар ҷумҳурии мо ҳамагӣ 4-5 муассисаи ғайридавлатӣ фаъолият доранд, ки хеле кам мебошад.

Моро месазад, ки дар ин ҷода корҳои зиёдеро ба анҷом расонем ва пайваста роҳҳои афзалиятноку манфиатборро пайгирӣ намоем.

Тавре ки, маълум гардид ба андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хоҳу нохоҳ омилҳои молиявӣ, омилҳои иқтисодӣ, омилҳои идоракунӣ, омилҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои иҷтимоӣ мустақиман таъсир мегузоранд. Бинобар ин, бо дарназардошти таъсиргузории омилҳои мустақим ва ғайримустақим моро зарур аст, ки доир ба масоили мазкур ба таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик таваҷҷуҳ намоем. Матлаб дар он аст, ки низоми андозбандии МТОК-и кишварҳои хориҷа чӣ гуна аст ва ё моро зарур аст, ки пайгири низоми мувофиқ ба хусусиятҳои иқлимиву миллӣ бошем. Дар идомаи таҳқиқ мо ба ҳалли ин масъала равшанӣ хоҳем кард.

## 2.3. Таҷрибаи хориҷии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Шароити муосири иқтисодиёти ҷаҳон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки низоми андозбандии хуб ба роҳ мондашудаи давлатҳои пешрафта дар зери таъсири тағйироти иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ ташаккул меёбанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши вижагиҳои андозбандии соҳаи маориф дар кишварҳои хориҷӣ ва муайян кардани тамоюли рушди он барои такмили сиёсати дохилии андоз ва қонунгузорӣ оид ба андозу пардохтҳо омили зарурӣ ва муҳим мебошад.

Инчунин, омӯзиши таҷрибаи хориҷии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз он ҷиҳат зарур мешуморем, ки таҳқиқ намуда тавонем, то чи андоза пешниҳодҳои имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи маориф самаранокии худро нишон дода, шумораи муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногуни худмаблағгузорро зиёд намуда, сарбории буҷетиро дар ин мамлакатҳо коҳиш додааст.

Динамикаи бомуваффақияти эволютсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи инсонӣ дар тамоми давраҳои таърихӣ бевосита ба сатҳи рушди маориф вобаста буд. Аҳамият ва нақши муассир фаъолияткунандаи системаи маориф барои пешрафти ҳар як ҷомеа дар нимаи дуюми асри XX – ибтидои асри XXI

аҳамияти бештар пайдо кард. Дар замони ҷаҳонишавӣ, компютеркунонии ҳамагонӣ ва рақамикунонии тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеаи башарӣ, дар навбати аввал низоми маориф бояд тадбиққунандаи ин равандҳо бошад.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз дигаргуниҳои пайвастаи соҳаи маориф дар Тоҷикистон, ки дар аввали солҳои 90-ум оғоз ёфт ва то имрӯз давом дорад, то як низоми мукаммале, ки ба сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ бошад, роҳандозӣ карда нашудааст. Дар ин шароит омӯхтани таҷрибаи ташкили системаи маорифи мамлакатҳое, ки дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ муваффақиятҳои калон ба даст овардаанд ва пешоҳанг мебошанд, хеле муҳим аст.

Соҳаи маориф моҳияти иҷтимоӣ дошта, дар аксар мамлакатҳо дорои имтиёзҳои махсуси андозӣ буда, барои рушди соҳа аз дастгирии давлатӣ бархурдор мебошад.

Ҳангоми таҳияи сиёсати миллии андоз таҷриба ва дурнамои ислоҳоти андозро дар кишварҳои хориҷӣ ба назар гирифтан аз манфиат холӣ нест. Омӯзиши хусусиятҳои андозбандии муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ва муайян намудани тамоюлҳои рушди он барои ташаккул ва рушди механизми танзими андоз ва ҳавасмандгардонии рушди соҳаи баррасишаванда зарур аст.

Аввалан, мо зарур мешуморем, ки дар бобати меъёрҳои андозҳои асосии ба бахши хусусӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тааллуқдоштаи як қатор мамолики ИДМ маълумот бидиҳем ва он дар ҷадвали 2.9. (бо фоиз) .

**Ҷадвали 2.9.Меъёри андозҳои асосии бахшҳои хусуси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

| Мамлакатҳо | Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ | Андоз аз даромади шахсони воқеӣ |
|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 12% | 20% | 10% |
| Қирғизистон | 12% | 10% | Аз 10% то 30% вобаста аз даромад |
| Тоҷикистон | 14%,<br>5%-барои хизматрасониҳои таълимӣ | 20% - бонкҳо ва ширкатҳои алоқа,<br>18% - барои соҳаи хизматрасонӣ,<br>13% - истеҳсолот | 12%-коргарони асосӣ,<br>15%-коргарони ғайриштатӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Туркменистон | 15% | 8% | 10% |
| Ӯзбекистон | 12% | 15% | 12% |

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси сомонаи Asiaplustj.info санаи муроҷиат. 8.11.2024 [9].

Дар миёни мамолики Осиёи Марказӣ меъёри аз ҳама баланди андоз аз арзиши иловашуда дар Туркманистон 15% муқаррар шуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ зиёдтар дар Қазоқистон 20% ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбатан баландтар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон – 12% муайян гаштааст.

Дар баробари ин соҳаи маориф ҳамчун як соҳаи иҷтимоӣ ва барои пешрафти ҷамъият зарурӣ бояд аз имтиёзҳои андозӣ бархурдор бошад, то ин ки соҳа соҳиби рушди бемайлон гардад.

Дар ҷадвали 2.10. Меъёрҳои андозбандии фаъолияти муассисаҳои таълимии худмаблағгузор дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ маълумот оварда мешавад.

**Ҷадвали 2.10. Андозбандии фаъолияти муассисаҳои таълимии худмаблағгузор дар мамлакатҳои Осиёи** Марказӣ

| Мамлакатҳо | Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ | Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | Андози иҷтимоӣ | Андоз аз моликияти ғайриманқул |
|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | - | | 10% | | |
| Қирғизистон | - | - | Аз 10% то 30% вобаста аз даромад | | |
| Тоҷикистон | 5% | 18% | 12%-коргарони асосӣ, 15%-коргарони ғайриштатӣ | 20%-аз кордиҳанда, 10%- аз коргар | то 250 $м^2$ – 12 % аз НБҲ;<br>- аз 250 то 500 $м^2$ – 15 % аз НБҲ;<br>- зиёда аз 500 $м^2$. – 18 % аз НБҲ. |
| Туркменистон | - | - | 10% | | |
| Ӯзбекистон | - | - | 12% | | |

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси сомонаи Asiaplustj.info санаи муроҷиат. 8.11.2024 [9] .

Масъалаҳои имтиёзҳои андоз ба маориф ва таъсири он аз ҷониби иқтисодчиёни хориҷӣ муфассал баррасӣ карда мешаванд. Яке аз беҳтарин тадқиқотҳо дар ин ҷода- тадқиқоти илмии Ҷеймс Ҳекман мебошад ва ӯ дар асарҳои хеш ва аз он ҷумла дар «Сиёсати ҳавасмандгардонии сармояи инсонӣ» дар мисоли иқтисоди Амрико равишҳоро ба сармоягузорӣ дар соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла таъкид менамояд, ки: «...андозҳо аз сармояи ҷисмонӣ ҷузъи дигари муҳимтарини низоми андоз мебошад, ки он аз сармояи ҷисмонӣ иборат аст, метавонад ба тасмими сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ таъсир расонад» [9].

Андухти таҷриба дар самти такмили низомҳо манфиятбор аст ва ба инобат гирифтани амалу натиҷаҳои назарраси кишварҳои хориҷӣ иқдоми созгор аст.

Имтиёзҳои андозии соҳаи маорифро дар амалияи якчанд кишвари хориҷии дуру наздик оид ба ААИ дар ҷадвали зер таҳия менамоем (ҷадвали 2.11.)

**Ҷадвали 2.11.– Имтиёзҳои андозбандӣ оид ба ААИ дар кишварҳои хориҷӣ**

| **Мамлакат ва меъёри андоз** | **Имтиёзҳои андозбандӣ оид ба ААИ дар соҳаи маориф** |
|---|---|
| Испания (21%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. Барои харид ва фурӯши китобҳо меъёри пасткардашуда (10%) муқаррар гардидааст. |
| Славакия (20%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. |
| Норвегия (25%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. Барои харид ва фурӯши китобҳо меъёри сифрии андоз (0%) муқаррар гардидааст. |
| Британияи Кабир (20%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. Барои харид ва фурӯши китобҳо меъёри сифрии андоз (0%) муқаррар гардидааст. |
| Амрико | Дар Амрико чунин намуди андоз ААИ амал намекунад, аммо андоз аз фурӯш татбиқ гардидааст, ки он хизматрасониҳои таълимиро дарбар намегирад. |
| Туркия (18%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. |
| Олмон (19%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. Барои харид ва фурӯши китобҳо меъёри пасткардашуда (7%) муқаррар гардидааст. |

*идомаи ҷадвали 2.11.*

| | |
|---|---|
| Фаронса (20%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. |
| Федератсияи Русия (18%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. Барои харид ва фурӯши китобҳо меъёри пасткардашуда (10%) муқаррар гардидааст. |
| Ӯзбекистон (12%) | Хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор аз ААИ озод шудааст. |
| Қазоқистон (12% аз соли 2005 то ба имрӯз) | Барои хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор дар соҳаи маориф имтиёз татбиқ гардидааст. |
| Қирғизистон (12%) | Барои хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор дар соҳаи маориф имтиёз татбиқ гардидааст. |
| Тоҷикистон (14,7,5%) | Барои хизматрасониҳои таълимӣ, иҷрои кор дар соҳаи маориф меъёри пасткардашуда 5% муқаррар гардидааст. 6) хизматрасонии зерини муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф аз ААИ озод карда шудаанд: а) таҳсилоти томактабӣ; б) таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ; в) таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ; г) таҳсилоти олии касбӣ; ғ) таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ; д ) таҳсилоти иловагӣ ва махсус;. |

***Сарчашма:** Таҳия муаллиф дар асоси: Милоголов Н.С. Налоговые льготы, связанные с образованием и здравоохранением, в странах ОЭСР и в России. Финансовый журнал №3, Москва, 2014. Сомонаҳои интернетии: https://lex.uz/ru/docs/4674893#4695789, https://myreloc.com/. https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__13_11_2023-RT_tj.pdf [21]

Чуноне аз маълумотҳои ҷадвали 2.11. дида мешавад Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона давлате мебошад, ки дар он меъёри андоз аз арзиши иловашуда ягона татбиқ нагардида, ба чанд меъёри қиёсӣ ҷудо гардидааст. Илова бар ин, дар қисмати имтиёзҳо ибораи «муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф» якчанд муассисаи таҳсилоти олии касбии болозикрро водор месозад, ки супорандаи ААИ бо меъёри пастгардидаи 5% муайян гарданд. Аз нигоҳи мо, тағйироту иловаҳо ба моддаи 251 банди 2.6 ва банди 4-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳамаҷониба дошта, сарбории андозии ин муассисаҳои таълимиро хело сабук мегардонад, ба беҳдошти сатҳу сифати таълим ва некӯаҳволии волидайни донишҷӯён мусоидат менамояд.

«...Барои системаҳои андозбандии Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Русия пешниҳоди имтиёзҳои андоз аз даромад, аз фаъолияти таълимӣ

анъанавӣ мебошад, гарчанде ки татбиқи ин имтиёзҳо хусусиятҳои қонунгузории миллиро низ инъикос мекунад.

Масалан, системаи андозбандии Қазоқистон барои пешниҳоди хизматрасонӣ барои ҳама намудҳои таҳсилоти ибтидоӣ, касбӣ ва баъдидипломӣ, ки тибқи литсензияҳои дахлдор барои гирифтани ҳуқуқ амалӣ карда мешавад, 100% кам кардани ҳаҷми андози ҳисобшудаи даромади корпоративиро пешниҳод мекунад.

Андозҳо ба ғайр аз мақсадҳои мушаххас ба сохтори иҷтимоии тамоми ҷомеа низ таъсир мерасонанд, яъне андозҳо, махсусан андозҳои мустақим ҳамчун институти назоратӣ, институти ҳуқуқҳои конститутсионӣ аҳамияти хоса доранд. Мушоҳидаҳо муайян сохтаанд, ки дар ҷаҳони муосир давлатҳое мавҷуданд, ки аз андозситонии мустақим аз аҳолӣ даст кашидаанд. Масалан, дар моддаи 33-уми Конститутсияи Кореяи Шимолӣ пешбинӣ шудааст, ки "давлат системаи андозро, ки мероси ҷомеаи кӯҳна аст, комилан бекор мекунад". Ҳамин аст, ки дар як қатор мамлакатҳои араб (Бруней, Баҳрайн, Қатар, Қувейт ва ғайраҳо.) андозситонии мустақим аз аҳолӣ мушоҳида намегардад. Ҳарчанд ин мамлакатҳо аз ҷиҳати вазъи иқтисодӣ ва сиёсии худ тамоман фарқ доранд, аммо онҳо як хусусияти умумӣ - иштироки аҳолиро дар ҳадди ақали идоракунии давлат пешбинӣ менамоянд.

Дар баробари ин, байни низоми сиёсӣ ва системаи андозбандӣ алоқаи мустақим эҳсос мегардад: андозҳои ғайримустақим аз ҳар як андозсупоранда маблағи ба давлат месупоридаашро пинҳон мекунанд, ҳар як хохиши худидоракуниро пахш мекунанд. «... Андозҳои мустақим, аз тарафи дигар ҳамаро ташвиқ бар он мекунанд, ки маблағҳои масрафгардидаи ҳар як андозсупоранда аз тарафи ҳукумат назорат карда шавад» [40].

Дар ҳамин асос Н.Д. Зарипова чунин ақида дорад ки: «...дар бештари мамолики ҷаҳон, пеш аз он ки мақомоти давлатӣ сиёсати андозро ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии маориф, чун ҷузъи зарурии рушди давлат ва баландбардории рақобатпазирии он дар фазои ҷаҳонӣ истифода намоянд,

андозбандии ташкилотҳои таълимӣ дар раванди таҳаввули худ аз якчанд марҳила гузаштааст» [78].

Дар ин радиф, низоми андозии чанде аз давлатҳои пешрафтаро дар ин самт таҳқиқ ва таҳлил мекунем.Ислоҳоти соҳаи маориф дар охири асри XX ва ибтидои садаи XXI дар мамлакатҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда як қатор тамоилҳои умумӣ доранд.

Ҳамин тариқ, оғози ислоҳоти соҳаи маориф дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (минбаъд ИМА) ба соли 1983 бо интишори гузориши Комиссияи миллӣ оид ба беҳбудии маориф зери унвони «Миллат дар хатар аст», рост меояд. Ва дар рушди минбаъдаи маориф қабули санади “Гузариш аз мактаб ба кор” аз тарафи Конгресси ИМА дар соли 1994 як қадами муҳим буд.

Маврид ба зикр аст, ки: «...Дар санади мазкур зарурати таъсиси низоми ба ҳам алоқаманди кӯмак ба ҷавонон баҳри ба даст овардани дониш, малака ва маҳорат, инчунин бо мақсади дастовардҳои дастрасӣ ба бозори меҳнат, қайд карда шудааст. Дар чунин тадбирҳо таъмини уҳдадорӣ барои бомуваффақият гузаштан аз мактаб ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё олӣ дарҷ гардидааст» [130].

Низоми андозии ИМА нисбат ба андозбандии муассисаҳои таълимӣ бо шартҳои имтиёзӣ асос ёфтааст. Дар ин самт шаклҳои имтиёзҳои зерин: озодкунӣ аз андоз, тарҳҳои андозӣ ва тахфифи андозӣ муқаррар шудааст.

Таҷрибаи байналмилалии имтиёзҳои андозӣ дар соҳаи маориф нишон медиҳад, ки дар ИМА чунин андозҳо ситонида мешаванд:

- “андоз аз фоида (Income Tax) дар сатҳи федералӣ, муассисаҳое, ки бо мақсади танҳо таълимӣ таъсис ёфта ё фаъолият мекунанд, аз пардохти андоз озод мебошанд. Барои фаъолияти соҳибкорӣ, ки бевосита ба хизматрасонии таълимӣ алоқаманд нестанд, озодкунӣ аз андоз татбиқ намегардад. Инчунин, имтиёзи озодкунии андоз аз фоида барои фондҳои мақсадноки хайриявии донишгоҳӣ (эндаумент-фонд), низ татбиқ мегардад;
- андоз барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолият дар ҳудуди иёлот (Franchise Tax) дар сатҳи маҳаллӣ амалӣ мегардад. Дар иёлоти Техас

муассисаҳои давлатие, ки танҳо бо мақсади таълимӣ фаъолият мекунанд, аз пардохти андоз озод ҳастанд;

- андоз аз амвол (Property Tax) (ба сифати манбаи андози замин, амволи ғайриманқул ва манқул) дар сатҳи маҳал амалӣ мегардад. Дар аксари иёлотҳо, муассисаҳои таълимӣ аз пардохти андоз аз амвол озод карда шудаанд, аз ҷумла эндаумент-фондҳо низ. Масалан, дар иёлоти Техас аз моликияти муассисаҳои олии таълимӣ андоз ситонида намешавад. Тариқи истисно амволе, ки ба иҷора дода шудааст ва ё тавассути лизинг бо мақсади хизматрасониҳои таълимӣ алоқаманд набуда, инчунин масоҳати биноҳои истиқоматии шахсоне, ки корманд ё донишҷӯёни муассисаи таълимӣ нестанд, амалӣ мегардад. Ҳангоми дар як вақт истифода бурдани молу мулк бо мақсадҳои вобаста ба иҷрои вазифаҳои худ ва ғайра андоз мутаносибан ситонида мешавад;

- «...андоз аз фурӯш (Sales and use tax) дар сатҳи маҳал (иёлоти Небраска, Канзас, Невада ва дигарон) амалӣ гардида, барои муассисаҳои таълимии давлатӣ ва шахсӣ татбиқ намегардад» [130].

«...Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико якчанд вазифаҳои мақомоти андозро сохторҳои ғайридавлатӣ иҷро менамоянд, ба монанди: бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои хусусии машваратӣ дар сурати дастрасӣ ба иҷозатномаи фаъолият метавонанд ҷамъоварии андозҳо ва санҷишу назорати онҳоро таъмин намоянд» [130].

«...Таҷрибаи андозбандии маориф дар Британияи Кабир, ки барои рушди комплекси таълимӣ шароити мусоиди молиявию иқтисодӣ фароҳам овардааст, таваҷҷуҳи хосаро талаб мекунад. Аз ин сабаб, пеш аз таҳлили таҷрибаи Британияи Кабир оид ба андозбандии соҳаи маориф мухтасар нисбати низоми андозии ин давлат маълумот медиҳем.

Низоми андоз дар Британияи Кабир – дузинагӣ аст, зеро он давлати унитарӣ (ягона) аст, мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон» [92].

Бинобар ин, андозҳо ба буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ пардохт карда мешаванд. Назорати пардохти андозҳо дар Британияи Кабир аз ҷониби Хадамоти андоз ва гумрук амалӣ карда мешавад. Хадамот ҳамчун мақомоти алоҳида мустақиман ба парламент итоат мекунад.

«...Хусусиятҳои андозбандии соҳаи маориф дар Британияи Кабир бо пешниҳоди имтиёзҳои андоз ва дигар сабукиҳо ба иштирокчиёни муносибатҳои таълимӣ алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, волидайне, ки барои таҳсили фарзандони худ маблағ пардохтаанд, ҳуқуқи муайяни тарҳҳо ва тахфифи андози даромад (вобаста аз сарчашмаи даромад, ки ҳамчун асос барои ҳисоб намудани андози даромад ва андоз аз фоида – ҳам барои кормандон ва ҳам соҳибкорон) доранд.

Муассисаҳои таълимӣ, фондҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳадафҳои асосии оинномавии онҳо бо пешбурди фаъолияти таълимӣ алоқаманданд, барои озодкунӣ ё тарҳи андозбандӣ – андоз аз даромади корхонаҳо, андоз аз амволи ғайриманқул ва андоз аз арзиши иловашуда ҳуқуқ доранд.

Донишҷӯёне, ки маблағи таҳсилро пурра пардохт кардаанд, ҳуқуқи гирифтани тахфифи андозро доранд. Ин тахфифҳо метавонанд дар шакли фоизи қарзи донишҷӯӣ ва пардохтҳо аз рӯйи грантҳо барои тадқиқоти илмӣ, инчунин дар шакли тарҳҳо пешниҳод гарданд. Инчунин, нисбати муассисаҳои таълимие, ки кормандони худро аз ҳисоби маблағҳои худӣ барои бозомӯзии касбӣ равон мекунанд, имтиёзҳои андозбандӣ татбиқ мегардад, ки бевосита ба андоз аз музди меҳнат ва андоз аз даромади корхонаҳо дахл дорад» [92].

Дар Британияи Кабир муассисаҳои таълимӣ бештар мақоми ташкилоти эҳсонкорӣ (хайрияви)-ро (charity) доранд ва аз пардохти андозҳо ҳангоми иҷрои бештари амалиёти худ, озод ҳастанд. Мақоми ташкилоти эҳсонкорӣ асосан ба муассисаи таълимии сатҳи минтақавӣ дода мешавад (танзимкунандаи ташкилотҳои хайрия), аз ин рӯ дар баъзе ҳолатҳо муассисаи таълимии ғайридавлатӣ метавонад аз ҳуқуқи гирифтани имтиёзи андоз маҳрум

карда шавад. Барои мисол, имтиёзҳои андозии зерин ба муассисаҳои таълимӣ дода шудааст:

- андоз аз фоидаи ташкилот (Corporate Tax) (умумиҷумҳуриявӣ). Озодкунӣ аз андозбандӣ, ба истисноӣ амалиётҳое, ки ба мақоми хайрияи гирифташуда (ғайрихайриявӣ) тааллуқ надоранд, яъне нисбат ба амалиётҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ инъикос нашудаанд, татбиқ мегардад.
- боҷи давлатӣ (stamp duty) (умумиҷумҳуриявӣ). Аз хариди амвол ва дигар моликият боҷ гирифта намешавад.
- андоз аз арзиши иловашуда (Value Added Tax) (умумиҷумҳуриявӣ).
- харид ва фурӯши молу маҳсулот/ хизматрасонӣ, ки ба фаъолияти амалиёти болозикр алоқаманд мебошанд.
- хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ, инчунин хариди молҳо ва хизматрасониҳо, ки барои пешниҳоди онҳо зарурӣ мебошанд.

Дар робита ба хариди молҳо ва хидматҳо, аксари муомилот аз андоз озод мебошанд (бо шарти дар фаъолияти ғайритиҷоратӣ нисбат ба амволи ғайриманқул истифода шавад). Ҳамин тариқ, намудҳои зерини амалиёти муассисаҳои таълимӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

-хизматрасониҳои таълимӣ;

- пешбурди фаъолияти тадқиқотӣ;

-хизматрасонии имтиҳонӣ.

Илова бар ин, нисбати андоз аз арзиши иловашуда дар низоми андозии Британияи Кабир як қатор имтиёзҳои дигаре низ татбиқ мегарданд.

Ҳамчунин, масъалаи сифати таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои давлатҳои дигар низ муҳим мебошад. Барои ҳалли ин масъала механизми назорати давлатии мактаби олӣ бояд ҳамеша самаранок истифода карда шуда, вобаста ба шароитислоҳот гузаронида шавад. Дар давлатҳои тараққикарда ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Тавре ки маълум аст, дар Фаронса фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро Кумитаи миллии экспертӣ таҳлил менамояд, ки танҳо ба Президент итоат мекунад. Аз ҷумла: «...Кумитаи миллии экспертӣ пайваста маълумотро оид ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷамъоварӣ намуда, ба Президент оид ба фаъолияти худ, вазъи соҳаи маориф ҳисобот ирсол мекард. Дар Норвегия асосан ба барномаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар Британияи Кабир бошад барои муайян намудани сифати таҳсилот аз хизмати ҳар гуна ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Шуроҳои ҷамъиятӣ, экспертҳо истифода менамоянд ва таҳлили мустақим мегузаронанд. Маблағгузории ин таҳлилҳо аз ҳисоби давлат сурат мегирад» [124].

Гурҷистон яке аз кишварҳои аврупоист, ки дорои низоми либералӣ ва ҷолиби андозӣ аст. Андозҳо дар ин ҷо барои бомуваффақият пеш бурдани тиҷорат ба қадри кофӣ таҳия гардида, хело каманд. Ҳамин аст, ки Гурҷистон дар раддабандии ҷаҳонии кишварҳое, ки роҳи содашудаи пешбурди тиҷоратро таҳия мекунанд, дар ҷойи 7-ум қарор дорад.

Дар асоси муқаррароти Кодекси андози Гурҷистон чунин намуди андозҳо амал мекунанд:

1. Андозҳои умумидавлатӣ:

- андоз аз даромад;
- андоз аз фоида;
- ААИ;
- аксиз; андоз аз воридот (импорт).

2. Ба андози маҳаллӣ танҳо андоз аз амвол шомил аст.

«...Мувофиқи моддаи 170 бандҳои д, е аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳои таълимӣ, инчунин хизматрасониҳои бевосита алоқаманд ва (ё) ёрирасони молҳо ба раванди таълим ва хизматрасониҳои таълимии мактабӣ ва донишгоҳӣ аз ҷониби омӯзгорони хусусӣ (муаллимон), ки тавассути муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд, пурра аз ААИ озод мебошанд» [14].

«...Дар моддаи 171 Кодекси номбурда омадааст. Озод кардани амалиётҳои категорияҳои алоҳида аз андоз аз арзиши иловашуда бе ҳуқуқи баҳисобгирӣ. д) ба васоити электронӣ (дискҳо) таҳия намудани курсҳои лексионӣ, ки хусусияти таълимӣ доранд ва дар шакли китоб низ нашр карда мешаванд» [14].

Хусусияти дигари дар таҷрибаи андозситонии ватанӣ мавриди истифода қарор додани низоми андозии Гурҷистон дар он аст, ки тавассути равзанаи ягонаи "Ҳалли пешакӣ" ҳамаи андозсупорандагон пешакӣ аз назоратҳои андозӣ, дигаргуниҳои қонунгузории соҳавӣ, ҷой доштани камбудиҳои андозӣ ва дигар ҳисоботу ҳисоббаробаркуниҳои андозӣ огоҳ карда мешаванд, ки сатҳу сифати муносибатҳои андозситониро беҳтару хубтар мегардонад.

Ҳамзамон оид ба андози иҷтимоӣ таҷрибаи Гурҷистон нисбати давлатҳои Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайра хело пешрафта аст, ки омӯзиши ҷанбаҳои илмӣ-амалии он барои рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ ҳамвор менамояд. Масалан, хароҷоти ниҳоии кордиҳандагон барои коргарон дар Федератсияи Россия – 43,2%, дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистон – 33%, Ӯзбекистон – 56% ва Гурҷистон – 20% ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кордиҳандагон танҳо 20 фоизи даромади худро барои ҳифзи иҷтимоии кормандон масраф мекунанд, ки ин меъёр низ омӯзиш ва таҳлили дақиқро дар шароити имрӯза талаб менамояд.

Дар ИМА, Канада, Ҷопон, Иттиҳоди Аврупо ва як қатор кишварҳои дигар роҳандозии сиёсати ҳавасмандкунии андозбандӣ ва паст намудани меъёри андоз боиси рушди илмӣ - техникӣ гардид ва ММД- ро афзоиш додааст, зеро: «...танзими давлатӣ бо ёрии механизми андозбандӣ, барои рушди иқтисодиёти ҳар кишвар имконоти васеъ фароҳам мекунад. Масалан, низоми андоз яке аз воситаҳои самарабахши ҳавасмандкунии давлат барои таҳқиқоти илмӣ дар саноат ба ҳисоб меравад» [121].

Ҳамин тавр, таҷрибаи мамлакатҳои рӯ ба инкишоф аз он шаҳодат медиҳад, ки бе дастгирии ҳамаҷонибаи давлат низоми андозӣ рушди

устуворро соҳиб намегардад. Бинобар ин, пеш аз ҳама мақомоти дахлдори соҳавӣ бояд ба ин раванд шавқманд бошанд.

Хулосаи боби дуюм.

Аз мухтавои маълумотҳои боби дуюм бармеояд, ки нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир бо маром афзоиш ёфта, шароити некуаҳволии мардум сол то сол тақвият меёбад.

Рушди соҳаи маориф, махсусан маблағгузории МТОК аз сатҳи даромаднокии буҷети давлатӣ ва ҳиссаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф вобастагӣ дорад, ки ин нишондиҳандаҳо сол то сол афзоиш ёфтаанд. Инчунин, барои маблағузории МТОК, ки тариқи худмаблағгузорӣ фаъолият менамоянд, дараҷаи даромадҳои пулӣ ва хароҷотҳои пулии аҳолӣ нақши муҳимро ишғол менамоянд, ки таи солҳои таҳқиқшуда ба маротиб афзоиш ёфтаанд, ки дараҷаи пардохтпазирии аҳолиро баланд менамояд.

Вобаста ба ин, саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳиссаи даромадҳои буҷети давлатӣ назаррас буда, дар диссертатсия тартиби андозбандии онҳо давоми солҳои 2018-2023 таҳлил гардидааст.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як қатор андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро пардохт менамоянд, ки дар диссертатсия сохтори ин андозҳо вобаста ба вазни воридшавӣ ба буҷет (дар соли молиявии 2023) чунин гурӯҳбандӣ карда шудаанд: андоз аз даромади шахсони воқеӣ – 73,9 %; андози иҷтимоӣ – 10,1 %; андоз аз арзиши иловашуда – 5,0%; андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ – 3,5% ва дигар андозҳо – 6,5 %.

Аз таҳлили маълумотҳои ҳамин боби диссертатсия бармеояд, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар гарчанде ба 48 адад (дар соли таҳсили 2023-2024) расидааст, танҳо чаҳор МТОК ҳамчун муассисаҳои таҳсилоти олии касбие муқаррар шудаанд, ки манбаи даромаднокиашон аз ҳисоби буҷети давлатӣ набуда, ҳамчун худмаблағгузор фаъолият менамоянд. Аз хизматрасонии таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зерин: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи иқтисод ва савдои

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва  сиёсати Тоҷикистон ва МТҒ Донишкадаи тибби иҷтимоии Тоҷикистон бо меъёри 5 % андоз аз арзиши иловашуда ситонида мешавад.

Аз таҳлили маълумотҳо бармеояд, ки дар давраи таҳқиқшаванда новобаста аз зиёд гардидани шумораи МТОК теъдоди донишҷӯён, махсусан дар гурӯҳҳои шартномавӣ афзоиш ёфтааст.

Дар боби дуюм муайян гардидааст, ки рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, алалхусус низоми маориф бевосита ба танзими самараноки андоз вобаста аст, зеро дар раванди андозбандӣ маблағҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ тақсим ва азнавтақсимкунӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар диссертатсия механизми танзими андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия гардидааст, ки мақсадҳои стратегии рушди маорифро дарбар гирифта, батанзимдарории андозро дар МТОК таъмин мегардонад.

«...Вобаста ба ин, батанзимдарории андозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути ҳавасмандсозии андозсупорандагон ҳамчун роҳи интенсивии рушд муайян гардида, имтиёзҳои андозӣ ва озодкуниҳо аз андоз дар ин самт роҳ ҳамвор мекунанд» [14].

Ҳамин тавр, вобаста ба гуфтаҳои болоӣ, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи хориҷии мамолики Осиёи Марказӣ, Гурҷистон, Федератсияи Россия, ИМА, Британияи Кабир ва Фаронса дар муносибатҳои андозии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла таъмини имтиёзҳо ва ҳар гуна сабукиву озодкуниҳои андозӣ ба сатҳу сифати таълим, ҳамзамон ба некӯаҳволии зиндагии шоистаи волидайни донишомӯзон ва дар маҷмуъ ба рушди устувори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон бояд иброз намуд, ки пас аз таҳқиқи боби дуюм вазъу ҳолат ва таъсири омилҳо ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ андешидани чораҳои заруриро мувофиқ мешуморем. Бахри такмилу таҳким бахшидани низоми андозбандӣ  сараввал ба омӯхтани сатмҳои асосию

афзалиятнок, инчунин тавсияи татбиқи имтиёзҳои андозбандӣ ва такмили механизми андозбандӣ хеле зарур аст. Дар натиҷаи татбиқи ин ҳадафҳо соҳаи маориф ҳамчун соҳаи калидии рушди ҷомеа мавқею манзалати худро метавонад боз ҳам устувору қавитар намояд. Посух ба матлаб дар боби сеюм нишон дода шудааст.

# БОБИ 3. САМТҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

## 3.1. Самтҳои асосии такмилдиҳии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввали солҳои 90-ум ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки зиёда аз 10 сол тӯл кашид (агар Созишномаи истиқрори сулҳу ваҳдат 27.07.1997 имзо шуда бошад ҳам, боз чанд соли дигар даргириҳо дар ғарби мамлакат идома ёфтанд).

Ба Истиқлолияти давлатии мо ҳамагӣ 34 сол пур шуда, 10 соли аввали он бо ҷанги бемаънии бародаркуш (солҳои 1992-1997) ва азнавсозии харобиҳои он гузашт. Ба ғайр аз талафотҳои ҷонӣ (мувофиқи маълумотҳо зиёда аз 150 ҳазор нафар қурбон шуданд), зарари иқтисодии он зиёда аз 10 миллиард доллари амрикоиро (бо ҳисоби ҳамонвақта) ташкил дод. Тамоми самтҳои иқтисодиёти мамлакат зарар диданд. Ин ҷанг мамлакати моро даҳсолаҳо қафо партофт. Бисёр мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони маҳаллӣ ҳам ҷумҳуриро тарк намуданд. Зеро онҳо боварӣ надоштанд, ки ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ ба зудӣ ба итмом мерасаду харобиҳои он аз нав барқарор мешаванд. Бесарусомониҳои дар мамлакат ба вуқуъ пайваста ба соҳаи маориф низ таъсир расонида, ба паст гаштани потенсиали кадрӣ дар соҳа боис шуд. «...Алалхусус, як миқдор кардрҳои ҷавони педагогӣ фаъолияти худро қатъ намуда, ба муҳоҷират рафтанд ва бархе аз дигарон ба соҳибкорӣ машғул шуда, ба дигар соҳаҳо гузаштанд» [7].

Норасоии омӯзгорон, ки дар солҳои 90-ум хело шиддат ёфта буд, дар солҳои 2000 то 2020 -ум боз ҳам ба назар мерасиданд. Вазъи таъминоти кадрии соҳа баъди солҳои 2020-ум беҳтар гашт, аммо тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар баъзе аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои мамлакат ин норасоӣ ба назар мерасад.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвият додани музди меҳнати омӯзгорон корҳои зиёд ба сомон расонида шуда, ин нишондиҳанда рӯз то рӯз ба меъёрҳои байналмилалӣ баробар карда мешавад, ки он метавонад барои таъминоти пурра ва сифатноки кадрҳои соҳаи маориф мусоидат намояд.

Ба сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ба назари мо ҷанги шаҳрвандӣ то ба имрӯз таъсиррасон аст, чунки кардҳо дар яку дуву се сол омода намешаванд, маҳз ҳамон бесарусомониҳои дар замони ҷанги шаҳрвандӣ бавуҷудомада ба паст шудани ин нишондиҳанда оварда расонид.

Барои рафъи мушкилиҳои соҳаи маориф солҳои зиёд зарур аст, ки он бо омода намудани дилхоҳ кадри воқеан касбӣ ба на камтар аз 15 сол эҳтиёҷ дорад.

Бо он ғамхориҳое, ки барои беҳтар намудани некӯаҳволии кормандони соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир шуда истодааст, хусусан пайваста баланд бардоштани музди меҳнат, дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ сохта ба истифода додани муассисаҳои нави мактабӣ ва томактабӣ, инчунин таъмину истифодаи технологияҳои нав дар муассисаҳои олии касбии мамлакат метавонад ба рушди соҳа мусоидат намояд.

Бо вуҷуди ин, ба ақидаи мо барои боз ҳам рушд ёфтани соҳаи маориф дар баробари муассисаҳои таҳсилоти аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда, дастгирии муассисаҳои худмаблағгузори соҳаро низ бояд ба воситаи додани ҳамагуна имтиёзҳои андозӣ ба роҳ монд.

Дар шароити имрӯзаи зуд тағйирёбии вазъи сиёсӣ-иқтисодии шарикони стратегӣ бе назардошти ҷузъи сиёсӣ ва макроиқтисодӣ, объективона ва дуруст муайян кардани самаранокии тадбирҳои андешидашуда дар самти такмили қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо имконнопазир аст, зеро ин на танҳо ба таҳлили илмии муносибатҳои ҳуқуқии мавҷудаи андоз вобаста аст, балки инчунин, имкон медиҳад, ки ояндабинии муайян кардани хавфи андозии

субъектҳои хоҷагидор дар як вақт ё тавассути шакли дигари рафтор пешгӯйӣ карда шавад.

Барои расидан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисодӣ муқаррароти регресивии андоз ва имкониятҳои давра ба давра паст намудани меъёрҳои андозҳои алоҳида дар амалияи низомҳои имтиёзноки андозбандӣ татдбирҳои мушаххас бояд ба назар гирифта шаванд.

Вобаста ба ин, шарти муҳим ва омили таъмин намудани рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва бахшҳои алоҳидаи афзалиятноки он – паст гардонидани сатҳи гаронии андозҳо ва дарёфти роҳҳои наву пурсамари ҳавасмандгардонии андозбандӣ ҳисобида мешаванд. Дар ин замина масъалаи дастгирии давлатии андозсупорандагон бо мақсади рушди интенсивӣ низ нақши намоён ва муҳиммеро ишғол менамояд.

Бинобар ин, ба андешаи мо, дар ин замина такмили низомҳои муқарраргардидаи андозбандӣ ва менеҷменти замонавию пурсамари фаъолияти мақомоти андоз дар умум, аз ҷумла барои соҳаи маориф нақши муассир дорад.

Сиёсати миллии ҳар як давлат ба рушди соҳаи маориф ҳамчун асоси рушди устувори муҳити иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Маориф ҳамчун яке аз омилҳои рушд ва шароити асосии ташаккулёбии иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа маҳсуб дониста шуда, муайянкунандаи сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин, вусъати сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз сатҳи таҳсилоти гирифташуда вобаста аст, ки ба хонандагон маҷмуи маҳорату малакаҳои дар амал татбиқ намудани иқтидори шахсиро тарбия мекунад.

Чуноне қайд гардид, дар робита ба ҳадафи глобалии ҷомеаи муосир ва таъмини таҳсилоти босифат ва ҳавасмандгардонии имкониятҳои таҳсили якумра барои одамон, давлатҳо вазифадоранд, ки сиёсати ҳавасмандкунӣ ва дастгирии маорифро тавассути механизмҳои гуногуни молиявӣ амалӣ созанд.

Яке аз механизмҳои молиявӣ, ки ҳавасмандии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолиро барои омӯзиши илму таҳсил фарогир аст, ба андешаи мо, истифодаи имтиёзҳои гуногуни андозӣ ҳам барои муҳити таълим ва ҳам барои баланд бардоштани тавачҷуҳи шахсони алоҳида ба гирифтани маълумот ва такмили ихтисос дар тамоми раванди умр маҳсуб дониста мешавад.

Масъалаҳои назария ва амалияи истифодаи ҳавасмандии андоз дар андозбандии фаъолияти таълимӣ дар корҳои зиёди олимони соҳаи назарияи андоз, сармояи инсонӣ ва дигар соҳаҳои тадқиқоти иқтисодӣ баррасӣ шудаанд.

Ҳамин аст, ки ҷанбаҳои гуногуни сармояи инсонӣ ва нақши соҳаи маориф дар ташаккули он аз тарафи муҳаққиқон: «...Э. Денисон.., Р. Солоу., С. Кузнец., Ҷ. Кендрик., С. Фабрикант., И. Фишер ва дигарон таҳқиқот шудаанд» [25].

Ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ҳамчун воситаи фискалӣ табиати ғайримустақим дошта, чун омили муҳим дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ба соҳаи маориф хизмат мекунанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ масоили андозбандӣ дар ин соҳа бештар хусусияти амалӣ дошта, соҳаҳои алоҳидаи андозбандӣ: фаъолияти таълимӣ, андозбандии муассисаҳои таҳсилоти буҷетӣ, маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро баррасӣ мекунанд.

Чуноне қайд намудем, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи зиёди андозҳоро пардохт мекунанд, вале чун дигар субъектҳои хоҷагидорӣ се намуди андоз вобаста ба вазъи воридшавӣ ба буҷет ҳамчун асосӣ эътироф шудаанд. Инҳо андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда ва андози иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд.

Асоси ин гуфтаҳо шаҳодати он аст, ки муқаррароти қисмҳои алоҳидаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳисоб намудан ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ, пеш аз ҳама вобаста ба мавзуи мавриди назар ба таҳлилу такмил ниёз доранд.

Гарчанде, зуд зуд ба Кодекси андози амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд, ба андешаи мо он ҳанӯз ҳам пурра комил нест ва боз ниёз ба такмил дорад.

Дар асоси таҳлилу мушоҳидаҳои илмӣ дида мешавад, ки иқтидори андозии гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон ғайри воқеъбинона муайян гардида, маълумотҳо доир ба объектҳои андозбандӣ нопурра ва номукаммал пешниҳод мегарданд, ки дар натиҷа сарбории андозӣ барои онҳо зиёд гардида, мушкилоти сари вақт пардохт намудани андозҳо ва афзоиши пинҳон намудани манбаи андозиро ба миён меорад.

Бинобар ин, ба андешаи мо бобати ислоҳ намудани чунин мушкилот амалигардонии ҳамгироии электронии байни мақомоти андоз ва андозсупорандагону мақомотҳои дигари ҳокимияти давлатӣ зарурати ҳамаҷониба дорад. Ҳамгирои элктронӣ дар ин самт боиси ташаккул ва раванди фишанги нави андозӣ бо номи «Ҳалли пешакӣ» (дар таҷрибаи давлати Гурҷистон дида мешавад) мегардад, ки иҷроиши масали «илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ»-ро мемонад. Тавассути фишанги ҳамгироии электронӣ андозсупорандагон пешакӣ аз камбудиҳои ҷойдошта огоҳ карда мешаванд ва ин боиси он мегардад, ки онҳо аз ҷаримаҳои андозӣ канораҷӯ бошанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ мушоҳида мегардад, ки имтиёзҳои марбут ба маориф оид ба андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз даромад (фоида) дар аксарияти мамлакатҳо мавҷуд аст. Даромад аз ин се андоз дар таносубҳои гуногун қисми асосии даромадҳои андозии бештари кишварҳои оламро ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, имтиёзҳо ё озодкунии андозиро оид ба ин се намуди андозҳои асосӣ дар миқёси кишварҳо ба таври умумӣ бо низоми андозии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса мекунем.

1. Андоз аз даромад.

Дар бештари кишварҳо (Испания, Славакия, Норвегия, Британияи Кабир, Амрико, Фаронса, Туркия, Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва

ғайра) ин намуди андоз бо номи андози даромад аз шахсони воқеӣ машҳур аст ва он аз андози даромади (фоидаи) шахсони ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ муайян ва муқаррар карда мешавад. Мувофиқи моддаи 180-и «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»: «...Супорандагони андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо мебошанд, ки объектҳои андозбандӣ доранд, ба истиснои шахсоне, ки ҷавобгӯйи шартҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошанд» [15].

Аз нигоҳи мо, асоси муттаҳид намудани ду намуди андоз ин пеш аз ҳама дар кам намудани намудҳои андоз дида мешавад, ки аз нуқтаи назари илмӣ ва самаранокӣ манфиати бештаре надорад. Аз ин хотир, андози номбурдаро мо бо ду қисм ҷудо менамоем ва дар алоҳидагӣ навъҳои имтиёзҳои онҳоро муайян менамоем.

1.1. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ

Дар амалияи андозбандии кишварҳои болозикр аз ҳама фаҳмо ва мантиқан асоснок имтиёзҳои андозӣ барои андоз аз даромади шахсони воқеӣ муқаррар гардидаанд, ки он асоси воқеӣ низ дорад. Яъне, саҳми он дар даромадҳои андозии давлатҳо назаррас ва мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Вобаста ба таҷрибаи ин давлатҳо чунин навъи имтиёзҳои андози даромад аз шахсони воқеӣ барои низоми маориф татбиқ мегарданд:

- ✓ аз манбаи андоз тарҳ кардани хароҷоти вобаста ба гирифтани маълумоти миёнаи умумии худи андозсупоранда;
- ✓ аз манбаи андоз тарҳ кардани хароҷоти андозсупоранда барои омӯзишҳо ва дигар намудҳои таҳсилоти иловагии касбӣ ва такмили ихтисос;
- ✓ аз манбаи андози падар ё модар (ва ё ҳар дуи онҳо) тарҳ кардани хароҷоти вобаста ба таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии фарзандони онҳо;
- ✓ тарҳи хароҷот барои фоизҳои ҳисобшуда аз рӯйи қарзҳои таълимӣ, ки барои пардохти ҳаққи таҳсили худ ё таълими кӯдакон гирифта шудаанд.

Ҳамаи имтиёзҳои дар боло зикргардидаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ самти равшани иҷтимоӣ доранд, ки бо ҳавасмандгардонии баланд бардоштани сатҳи маълумот ва некӯаҳволии аҳолӣ алоқаманданд.

Таҳия ва татбиқи чунин тарҳҳои андозбандӣ дар моддаи 191-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии соҳаи маориф ба рушди босамари таълиму таҳсил, сатҳи некӯаҳволии волидайни толибилмон мусоидат менамояд.

1.2. Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ

Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бештари давлатҳои болозикр имтиёзе муқаррар шудааст, ки тибқи он ба манбаи андози муассисаҳои таълимӣ меъёри 0% татбиқ гардидааст. Имтиёз танҳо дар сурате дода мешавад, ки муассисаҳои зикршуда ба як қатор шартҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

- муассиса дорои иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ аст;
- даромади муассиса дар давраи андозбандӣ аз фаъолияти таълимӣ на камтар аз 90% даромади умумиро ташкил намояд;
- ҳайати кормандони доимии муассиса дар давраи андозбандӣ на камтар аз 15 нафар тасдиқ шуда бошад;
- муассиса дар амалиёти харид ва фурӯши фишангҳои молиявӣ иштирок намекунад, фоидаи софи бадастовардаро барои сармоягузории дигар соҳаҳо истифода намебарад

Мувофиқи моддаи 183-и «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» муассисаҳои таълимӣ агар фоида ба даст оваранд, бо меъёри 18 фоиз андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро пардохт менамоянд ва дар асоси муқаррароти моддаи 189 банди ду ягон имтиёз ба соҳаи маорифи худмаблағгузор татбиқ нагардидааст.

2. Андоз аз арзиши иловашуда.

Дар амалияи андозбандии кишварҳои хориҷӣ имтиёзҳои зерини андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба маориф татбиқ мешаванд:

- аз ҳама гуна хизматрасониҳои таълимӣ ААИ озод карда шудааст;

- тибқи меъёри сифрӣ аз фурӯш ва иҷрои хизматрасониҳои таълимӣ ААИ татбиқ мегардад.

Аз нигоҳи мо, вобаста ба вижагиҳои механизми ҳисоб кардани андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми озодкунии мустақим бори андози воридотӣ ба зиммаи андозсупорандае мебошад, ки амалиёти озодшударо анҷом медиҳад, ки воқеан онро ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ месупорад. Гузашта аз ин, дар сурати истифодаи меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андоз пурра барқарор карда шуда, тамоми занҷири арзиши иловашуда аз ААИ озод карда мешавад.

Ба андешаи мо, тағйироту иловаҳо ба моддаи 251 банди 2.6 ва банди 4 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳамаҷониба дошта, сарбории андозии ин муассисаҳои таълимиро хело сабук мегардонад, ба беҳдошти сатҳу сифати таълим ва некӯаҳволии волидайни донишҷӯён мусоидат менамояд.

Тавре, ки дар боби дуюми диссертатсия зикр гардид, вазни воридшавии андози иҷтимоӣ дар маҷмуи он андозҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пардохт менамоянд, баъд аз андоз аз даромад (74%) дар ҷойи дуюм қарор гирифта, вазни он 10,1 фоизро ташкил менамояд, ки гаронии ин намуди андоз равшан мушоҳида мегардад. Илова бар ин, моддаи 332-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёри андози иҷтимоиро муқаррар менамояд, нисбат ба як объект ду маротиба маблағи андозӣ аз манбаи андоз ситонида мешавад. Дар ин амал суғуртакунандагон-муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф аз фонди музди меҳнат (20 фоиз) ва суғурташавандагон аз музди меҳнат (2%) ба ҳисоби суғуртаи иҷтимоӣ малбағи зиёде масраф менамоянд, ки дар натиҷа суғуртакунандагон аз гаронии бори андозӣ объекти андозро пинҳон нигоҳ медоранд.

Бинобар ин, бояд аз тарафи мақомотҳои дахлдор, махсусан Вазорати молия, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста

ба андози иҷтимоӣ тадбирҳои судманд андешида шавад, то меъёри андоз нисбатан боадолатона муқаррар гардад.

Дар асоси ҳамаи ин гуфтаҳо мушоҳида мегардад, ки имтиёзҳои андозӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

- онҳоро чуноне болотар қайд намудем, тавсиф кардан мумкин аст;
- имтиёзҳои андозӣ имконият доранд, ки сатҳи гаронии андозро барои андозсупорандагон кам намоянд;
- раванди амали онҳо хислати инфиродӣ надорад, яъне татбиқи имтиёзҳо доираи васеи андозсупорандагонро фарогир аст, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст;
- амали фаъолияти имтиёзҳои андозӣ барои муддати муайян татбиқ мегардад;
- имтиёзҳои андозӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мақсади муайян доранд.

Ҳамин тавр, муқаррароти моддаҳои болозикри Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ худмаблағгузор, аз нигоҳи мо ҳанӯз ҳам мукаммал нест ва ниёз ба такмил дорад. Бинобар ин, самти муҳимми мукаммалгардонии имтиёзҳои андозӣ метавонад ташаккули шароит барои иҷрои вазифаи танзимкунандаи андозӣ бошад.

Инчунин истифодаи таҷрибаи кишварҳое, ки соҳаи маорифро аз ААИ пурра озод намудаанд, имконият медиҳад, ки арзиши хизматрасониҳои таълимӣ аз маблағи андози воридотӣ комилан озод гардида, ин тадбир боиси коҳиши нархи онҳо ва мутаносибан баланд шудани сатҳи дастрасии онҳо мегардад.

Чуноне болотар қайд намудем, камбудиҳо ва қонунвайронкуниҳои зиёди андозӣ дар амалияи андози арзиши иловашуда, андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мушоҳида мегардад, ки такмили мукаммали ҳисоб намудан ва саривақт пардохт кардани маҳз ҳамин андозҳои асосиро, ки дар қисмати

даромадҳои андозии буҷети давлатӣ ва фонди ҳифзи иҷтимоӣ нақши муассир доранд, зарурати ҳамаҷониба дорад.

Ҳамзамон, ба андешаи мо муқаррар гардидани меъёрҳои пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда мушкилоти бештари баҳисобгирӣ ва пардохти саривақтии онро ба буҷет ба миён оварда, шартҳои илман асоснокгардидаи ААИ ва раванди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин самт вайрон гардидаанд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки барои ААИ меъёри ягонаи стандартӣ ва раванди содагардонии ҳисоб ва пардохти он ба манфиати давлату андозсупорандагон мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, аз нигоҳи мо бобати батанзимдарории гаронии андозҳо андешидани чунин тадбирҳо ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

1. Мувофиққунонии шумораи андозҳои дорои манбаи ягона ва содагардонии ҳисоботи андоз;

2. Оммафаҳм таҳия намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи андоз ва бартараф намудани зиддиятҳои қонунгузорӣ;

3. Мукаммалгардонии фазои иттилоотӣ байни иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ ва такмили шаклу усулҳои идоракунии электронии андозҳои амалкунанда.

Дар ин асос автоматикунонии баҳисобгирии ААИ боз ҳам ҷоннок гардонида шуда, назорати қатъии раванди ААИ, яъне таҳвили молҳо, иҷрои кору хизматрасониҳо пешакӣ тарҳрезӣ бигардад, то ин ки пинҳонсозӣ ва ё ҳуҷҷатикунонии қалбакии пардохтҳои андозӣ бартараф карда шаванд. Дар ин росто зиёд гардонидани амалиёти ғайринақдӣ, махсусан барои андозсупорандагони ААИ ва ташаккули низоми электронии баҳисобгирии хароҷотҳои андозсупорандагон ба самаранокии амалиёти андозӣ роҳ ҳамвор менамояд.

Илова бар ин гуфтаҳо, тайёр намудани мутахассисони касбии дорои донишу малакаи замонавию байналмилалӣ, такмили сатҳи саводнокӣ ва малакаи кории кормандони мақомоти андоз низ яке аз самтҳои самаранок

фаъолият намудани соҳаи мазкур буда, ба кам намудани амалҳои ғайриқонунии марбут ба муносибатҳои андозӣ мусоидат менамояд.

Дар ин росто пешниҳод менамоем, ки бо маблағгузории бевоситаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз донишгоҳҳои олии заминавии кишвар ташкил намудани гурӯҳи алоҳидаи довталабон дар ихтисоси андоз ва андозбандӣ метавонад ба омода намудани мутахассисони касбӣ мусоидат намояд.

Ҳавасмандгардонии андозсупорандагон низ яке аз роҳҳои самаранок ситонидани андозҳо ҳисобида шуда, бо истифодаи ҳисоббаробаркунии муосири ғайринақдӣ тавассути ҳамёни электронӣ, истифода аз телефонҳои мобилӣ пардохти андозҳо осон ва сабук гардонида шуда, вақти андозсупорандагон сарфа мегардад.




**Расми 3.1. Самтҳои асосии такмилдиҳии танзими андозбандӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ҳамин тавр, дар диссертатсия истифода аз назарияҳои амалкунанда ва андешаву хулосаҳо, бо мақсади такмили муносибатҳои андозбандӣ ва раванди ҷамъоварии андозҳо самтҳои зерини такмилдиҳии фаъолияти андозбандӣ муқаррар карда шудааст(расми 3.1.). Онҳоро чунин тафсир менамоем:

1. Мукаммал ва устувор намудани низоми андозӣ дар кишвар, ки тавонад талаботҳои сармоягузорони хориҷиро таъмин намуда, ҷалби онҳоро боз ҳам тақвият бахшад;

2. Баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи кории кормандони нозироти андоз, ки кафили самаранокии фаъолият ва сатҳу сифатнокии назорати андозҳо гардад;

3. Таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатӣ оид ба иҷроиши саривақтии даромадҳои андозиву ғайриандозии буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ;

4. Мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ ва мубориза баҳри боадолатона ситонидани андозҳо, роҳ надодан ба ҳолатҳои ғайриқонунии андозситонӣ ва пешгирӣ аз ришваситониҳои кормандони мақомоти андоз ва гумрук;

5. Дарёфти манбаъҳои дигари андозбандӣ ва паст намудани гаронии андозҳо, махсусан барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, барои соҳибкорони ватанӣ – истеҳсолкунандагони молу маҳсулот;

6. Ҷорӣ намудани низоми муосири электронии баҳисобгириҳои андозӣ, такмили усулҳои банақшагирӣ ва пешгӯйӣ. Баҳисобгирии пешакии (панҷ солаи) даромадҳои андозӣ ва муайян намудани мушкилот ва самтҳои рушди интенсивии он;

7. Ташкили мизҳои мудаввар, конференсияҳои дохиличумҳуриявӣ ва байналхалқӣ оид ба мукаммалгадонии низоми андозӣ, паст намудани гаронии андозҳо ва рушди солими соҳибкорӣ дар кишвар;

8. Сафарбар намудани мутахассисони касбии мақомоти андоз ба хориҷи кишвар бо мақсади омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи онҳо дар амалияи фаъолияти мақомотҳои андоз;

9. Муҳайё сохтани шароити мусоид ва иқлими солим дар фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар назди МТОК;

10. Озод намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва пешниҳоди имтиёзҳои андозбандӣ ба онҳо, аз ҷумла барои хариди воситаҳои асосӣ;

11. Тавре таҷриба нишон медиҳад, дар кишварҳои мухталиф муасисаҳои таълимӣ натанҳо объекти андозбандӣ, балки аз супоридани он пурра озод мебошанд. Рушди соҳаи маориф сарчашмаи рушди соҳаҳои иқтисодиёт мебошад;

12. Такмилдиҳии дилхоҳ объект аз низоми корӣ ва фарҳангӣ, корпоративӣ вобастагии зиёд дорад. Дар сатҳи зарурӣ боло бардоштани фарҳангу маърифати молиявӣ хеле муҳим аст ва дар ин сурат такмилдиҳию танзми андозбандӣ имконпазир мебошад.

Масъалаи баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ яке аз масоили муҳим ва баррасишаванда дар замони муосир буда, пайваста дар Паёмҳо, маърӯзаҳо ва вохӯриҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорону аҳли зиё дарҷ мегардад ва пеш аз ҳама ба мутахассисони замонавии соҳавӣ вобастагии калидӣ дорад.

Самтҳои зикргардида дар роҳи такмили танзими андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд нақши назаррас дошта бошанд, зеро имрӯз вақти он расидааст, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии худмаблағгузор зиёд диққат дода, бо ҳамин васила теъдоди онҳоро зиёд гардонем, то ин ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳа камтар карда шуда, маблағҳои сафашуда барои боз ҳам афзоиш додани сатҳи музди меҳнати муассисаҳои таълимии буҷетӣ равона карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки мукаммалгардонии механизми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бароп судмандии фаъолияти системаи маорифи кишвар таъсири беандоза дорад. Бояд зикр намуд, ки дар аксари кишварҳои хориҷа муассисаҳои таълимӣ шакли моликияташон ғайридавлатӣ мебошад ва ин гуна таҷриба барои кишвари мо низ аҳамияти хоса дорад. Масалан дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 60-70 фоизи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ғайридавлатӣ мебошанд ва ин дар ғанӣ гардонидани буҷаи давлат саҳми назаррас мегузорад. Дар ҷумҳурии мо ҳамагӣ 4-5 муассисаи ғайридавлатӣ фаъолият дорад, ки хеле кам мебошад.

Тадқиқоти анҷомдодаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки муттаҳид намудани ду намуди андоз, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва самаранокӣ манфиати бештаре надоранд ва онҳо дар манзари Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар алоҳидагӣ баррасӣ ва муқаррар карда шаванд.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муайян намудани тарҳҳои андозӣ, махсусан нисбат ба андоз аз даромад дар моддаҳои 191 ва 251-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии соҳаи маориф ба рушди босамари таълиму таҳсил, сатҳи некӯаҳволии волидайни толибилмон роҳ ҳамвора менамояд.

Илова бар ин, барои андоз аз арзиши иловашуда бояд меъёри ягонаи стандартӣ муқаррар карда шавад, зеро меъёрҳои пасткардашудаи 5% ва 7% ба ин андоз мушкилоти бештари баҳисобгирӣ ва пардохти саривақтии онро ба буҷет ба миён меоварад, зеро шартҳои илман асоснокгардидаи ААИ ва раванди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин самт вайрон мегарданд.

## 3.2. Имтиёзҳои андозбандӣ ҳангоми татбиқи такмили механизми он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Ҳангоми татбиқи механизми тасҳеҳи андозбандӣ бояд маҷмуи тадбирҳо оид ба имтиёзҳо ва ё сабукиҳои андозбандӣ, махсусан ба субъектҳои муносибатҳои иқтисодие, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, пешбинӣ карда шаванд. Зеро маориф ҳамчун соҳаи калидии рушддиҳандаи ҷомеа, маҳаки фаъолияти пурсамари дигар соҳаҳои иқтисодиёт буда, таъмини мутахассисони касбиро бар дӯш дорад.

Нодиртарин сарвати гаронбаҳои ҳар як давлат захираҳои инсонии он ҳисобида шуда, дар ҷаҳони муосир рушди гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз сатҳу сифати қувваҳои корӣ вобаста буда, ҷузъҳои он – вазъи саломатӣ, рушди зеҳнӣ, таълимоти касбӣ, фазои маънавият ва фарҳанг, одоби пиндору муоширату рафтор ва касбият бевосита аз сатҳу сифати фаъолияти мактабу маориф вобаста аст: «...Дар ҳолати паст будани сатҳи сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ ба соҳаҳои технологии баланд фоида намебахшад. Муваффақиятҳои нисбатан босуръати кишварҳои пешрафта (Тайван, Гонконг, Сингапур, Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва ғ.), кишварҳои нави тараққикардаи Аврупо (Ирландия, Финляндия, Юнон, Испания, Португалия) тасдиқ мекунанд, ки заминаи ташаккули сармояи инсонӣ фарҳанги баланди қисми зиёди аҳолӣ мебошад» [47].

Маҳз сармояи инсонӣ ба такмил ва истифодаи оптималии дигар омилҳои истеҳсолот мусоидат мекунад, бе он ягон ҷузъи системаи иқтисодӣ рушд намекунад. Ҷамъият на танҳо ба сатҳи рушди инсон таваҷҷуҳи бештар пайдо мекунад, балки бидуни он фаъолияти минбаъдаи самарабахши соҳаҳои пешрафта ғайриимкон аст. Маҳз қобилияти зеҳнии инсон, маърифати ӯ, қобилияти тавлиди дониши нав, эҷодкорӣ ва ташаббус аст, ки ҷомеа онҳоро бештар талаб мекунад.

Аз нигоҳи мо, таъсири андозбандӣ ба фаъолияти муассисаҳо аз сатҳи ташкили банақшагирии андоз вобаста аст.

Истифодаи оқилонаи қоидаҳои имтиёзноки андоз барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳад, ки таъсири низоми андозӣ ба фаъолияти

онҳо, аз ҷумла муътадилгардонии хавфҳои андозиро кам кунанд. Барои ин чунин муқарраротро ба таври қатъӣ роҳбарӣ кардан ва шарту меъёрҳо ва талаботҳоеро, ки давлат бо мақсади идоракунии самараноки андоз муқаррар менамояд, риоя кардан зарур аст.

Ҳамин аст, ки омилҳои хавфи андозӣ, ки дар расми 9 баррасӣ шудаанд, дар якҷоягӣ сатҳи таъсири андозбандиро ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунанд. Илова бар ин, онҳо бояд меъёрҳои хавфи андозиро ҳисоб кунанд, то оқибатҳои манфиро пешгирӣ намоянд. Меъёрҳои хавфи андозӣ дар замимаи 1 оварда шудаанд. Усулҳои асосии идоракунии хавфҳои андозӣ ин муайян ва таҳлили хавфҳои андоз, қабули қарорҳо оид ба кам кардани хавфҳо ва мониторинги доимии хавфҳои андоз мебошанд.




**Расми 3.2. - Намунаи сабукигардонии андозбандӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Бинобар ин, татбиқи имтиёз ва ё сабукиҳои андозӣ, махсусан барои соҳаи маориф зарурати ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта, он метавонад объектҳои гуногуни андозбандиро бевосита дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фарогир бошад. Аз нигоҳи мо, чунин шакли сабукиҳои андозӣ, ки асосан характери иҷтимоӣ доранд, барои рушди пурсамари мактаби олӣ роҳ ҳамвор мекунанд (расми 3.2).

Вобаста ба муқаррароти расми 3.2. иштирок ба ҳайси узвият дар ҳайати иттиҳодияҳои таълимӣ, дигар иттиҳоду ҷаъмиятҳо бо пардохти аъзоҳаққӣ ба мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии таълимӣ ва мутобиқати стандарти таълимӣ ба меъёрҳои сатҳи байналмилалӣ мебошад.

«...Азбаски чунин чорабиниҳо дар раванди пешбурди фаъолият дар соҳаи таҳсилоти олӣ ҷудонопазиранд, ин намуди хароҷот, аз нигоҳи мо бояд ҳамчун талафоти хусусияти иҷтимоидошта (минбаъд ТХИ) тасниф карда шавад ва иҷозат дода шаванд, ки ҳамчун қисми хароҷот ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз барои андоз аз даромад (фоида) истифода гардад» [47].

Аз номгӯйи хароҷоте, ки ҳангоми андозбандии ҳаққи аъзогӣ баҳисоб гирифта мешавад, хориҷ кардани субъектҳои муносибатҳои хоҷагидорӣ аз он сабаб аст, ки муассисаҳои таълимӣ, дигар муассисаҳо ва ҷамъиятҳо гирандагони даромадҳои мақсаднок дар шакли пардохти даромад барои нигоҳдорӣ ва пешбурди фаъолияти оинномавии онҳо мебошанд.

Тибқи муқаррароти Кодекси андоз, хароҷоти вобаста ба пардохти аъзоҳаққӣ барои дохилшавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ин ё он иттиҳодия, ҷамъият ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз барои андоз аз даромад ба ҳисоб гирифта намешаванд. Аз ин рӯ, ташкилоте, ки аъзоҳаққиро мегирад, ҳангоми андозбандии даромади шахсони ҳуқуқӣ ин даромадҳоро ба назар намегиранд ва ташкилоти иштироккунандае, ки ҳаққи воридотро мепардозад, хароҷоти дахлдорро ба инобат намегирад. Дар ин хусус пешниҳоди муаллиф боиси ба миён омадани яке аз шартҳои имтиёзноки андоз ҳангоми талафоти хусусияти иҷтимоидошта мегардад. Дар ин раванд барои ба

даст овардани чунин ҳуқуқ ба ин гуна имтиёзҳо ё сабукигардонии андозӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, то чорабиниҳои дахлдорро қонунӣ ҳуҷҷатгузорӣ намоянд.

Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад дар асоси шартнома оид ба хизматрасонии пулакки таълимӣ арзиши хидматрасониро кам кунад. Аммо дар баробари ин, муассисаро лозим меояд, ки сарчашмаҳои иловагии пӯшонидани хароҷоти нокифояи хизматрасонии таълимии пулакиро дарёфт намояд, ки он метавонад аз ҳисоби хайрияҳои ихтиёри ё саҳмҳои мақсадноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пайдо гардад.

Асос ва тартиби кам кардани арзиши хизматрасонии пулакии таълимиро санади меъёрии худи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (масалан, Қарори Шӯрои олимон ва ё мақоми муқаррар ва тасдиқкунандаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохили хоҷагидорӣ) муқаррар намуда, он бояд ба таваҷҷуҳи хонандагон расонида шавад.

Ҳамин тавр, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба баланд гардидани талабот ба хизматрасонии таълимӣ нафъпазиранд, барои хубтар намудани сифати онҳо чораҷӯйи менамоянд.

Дар ин самт барои беҳтар намудани сифати таълим ва хизматрасонӣ дар ҳама вақт натиҷаи самаранок ин сатҳи маълумоти гирифтаи донишҷӯён ва мутобиқати нишондиҳандаҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба нишондиҳандаҳои миёнаи фаъолияти таълимӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба хусусияти соҳаи фаъолият вазифа гузошта шудааст, ки шавқу рағбати донишҷӯёнро барои гирифтани маълумоти олӣ инкишоф ва сайқал диҳанд. Бинобар ин, ҳавасмандгардонии толибилмон метавонад боиси зиёд гардонидани майлу рағбати донишҷӯён ба донишомӯзӣ гардида, кам кардани арзиши шартномаи таҳсил барои чунин донишҷӯён яке аз роҳҳои пурсамар дар самти таҳсилоти олӣ маҳсуб дониста мешавад. Илова бар ин, барои донишҷӯёни аълохон, донишҷӯёне, ки дар олимпиада ва конфронсҳои сатҳи

дохиличумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд, ихтирокорон, кам намудани маблағи шартномаи таълим ба сатҳу сифати таълим таъсири мусбат мерасонад.

Ин ҷо низ, ин гуна ҳавасмандгардониҳо бояд дар асоси санади меъёрии худи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Қарори Шурои олимон муқаррар ва тасдиқ гардида, он бояд ба таваҷҷуҳи донишҷӯён расонида шавад.

Дар баробари ин, ба андешаи мо, даромад ё фоидаи аздастрафтаи муассиса ҳангоми додани тахфиф барои омӯзиш мазмуни нав пайдо мекунад. Ин бо он тавзеҳ дода мешавад, ки бо додани чунин имтиёзҳо ба донишҷӯёни худ муассисаҳо, аз як тараф донишҷӯёнро ба баланд бардоштани сатҳи дониши худ ҳавасманд мекунанд ва аз тарафи дигар, донишҷӯёне, ки аз озмуни ҷойҳое, ки аз манбаи буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ноком гардад, аммо холи зиёд доранд, дохил шудан ба сафи донишҷӯёни худ тавсия медиҳанд. Дар ин ҳолат довталабон, бо такя ба имкониятҳои дониши худ, метавонанд тасмим гиранд, ки ба ҷойҳои пулакӣ дохил шаванд ва интизоранд, ки арзиши таҳсилро кам кунанд. Бо ҳамин роҳ вазифаи муассисаи олии таълимӣ – пешниҳоди хизматрасонии пурсамари таълимӣ ба донишҷӯён ва унвонҷӯён метавонад амалӣ гардад.

Ба андешаи мо, ин ҳолат яке аз масъалаҳои номуайянӣ дар таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 56) ҳисобида мешавад, зеро муқаррароти ин масъала ва тавсеҳи дигари андозбандии муассисаҳои таълимӣ тамоман вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, дар пешорӯйи рӯйдодҳои дахлдор, ба андешаи мо дар сурати кам шудани арзиши хизматрасонӣ аз ҷониби МТОК, бо назардошти ин камшавӣ, барои мақсадҳои андоз аз фоида даромад ба назар гирифта шавад. Ин пеш аз ҳама, ба самти иҷтимоии тадбирҳои аз ҷониби муассиса андешидашуда оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва сатҳи таҳсилоти хатмкунандагон ва иҷозати қонунгузорӣ барои кам кардани арзиши хизматрасонӣ асоснок карда мешавад.

Аз ин рӯ, зарурат ба миён омадааст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тамоми талаботро оид ба бақайдгирии чунин ҳодисаҳо риоя кунанд.

Барои ин, чуноне болотар зикр намудем, зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи донишҷӯ ба кам кардани арзиши шартномаи хизматрасонии таълимӣ, қабули қарори ҳатмии санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ин гуна муассисаҳои олӣ таъмин карда шаванд.

Истифодаи имтиёзҳои андоз дар доираи механизми тасҳеҳшуда бояд ҳамчун чораи муваққатӣ ҷорӣ карда шавад. Инчунин, муаллиф зидди он аст, ки барои татбиқи шартҳои имтиёзноки андоз вобаста ба пайдоиш ва аз даст додани ҳуқуқи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба истифодаи он дар муқоиса бо маҳдудияти шабеҳ ҳангоми татбиқи меъёри сифрӣ барои андоз аз даромад маҳдудият муқаррар карда шавад.

Таҳлили хароҷот ва манфиатҳои имтиёзҳо ва ё озодкуниҳои андозиро давоми солҳои таҳқиқшаванда дар манзари низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баён менамоем.

Хароҷоти имтиёзҳои (озодкуниҳои) алоҳидаи андозӣ бояд ҳамчун маблағи даромаде, ки давлат дар натиҷаи пешниҳоди имтиёзҳои андоз гум кардааст, фаҳмида шавад. Ба ибораи дигар, хароҷоти давлат барои додани имтиёзҳои андоз маблағе мебошад, ки андозсупорандагон вобаста ба татбиқи имтиёзҳои андоз ба буҷет кам пардохт кардаанд.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки хароҷоти давлат барои пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ хароҷоти андоз номида мешавад.

Хароҷоти андоз ҳамчун имтиёзҳое, ки тибқи қонун ба андозсупорандагон дода мешаванд, аз ҷумла пешниҳоди пурра напардохтан ё ба миқдори камтар ё дертар пардохтани андозҳо ва пардохтҳо эътироф мегардад. Мафҳуми хароҷоти андоз дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тафсири ин истилоҳ дар амалияи байналмилалӣ мувофиқат мекунад.

Ҷудо гардидан аз сохтори меъёрии андоз хароҷоти давлатро барои фаъолияти имтиёзнок ё гурӯҳи андозсупорандагон ифода мекунад, он на аз

ҳисоби хароҷоти мустақим, балки тавассути низоми андозӣ матраҳ мегардад. Бинобар ин, даромади андозии аздастрафтаро метавон ҳамчун маблағи даромади андозе, ки дар натиҷаи ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз аз ҳисоби буҷет кам гардидааст, арзёбӣ кард.

Мусаллам аст, ки хароҷоти андозӣ вазифаи ҳавасмандкунанда ва иҷтимоии андозбандиро мефаҳмонад. Яъне, бо истифода аз вазифаи якум, гаронии андоз барои бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва корхонаҳои алоҳида сабук гардонида шуда, ҳавасмандӣ ва рушди онҳоро таъмин мегардонад. Дуюм, бо роҳи додани имтиёзҳо ба гурӯҳҳои камдаромади аҳолӣ, арзон кардани арзиши молҳои истеъмолии ин категорияи аҳолӣ, инчунин бо роҳҳои дигар ба амал бароварда мешавад. Ҳамин гуна хароҷоти андоз метавонад вазифаи ислоҳкунандаро иҷро карда, камбудиҳои системаи андозро дар ҳолати тағйирёбии шароити муҳити зист, ислоҳ намояд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр хусусиятҳои хароҷоти андозро муайян кардан мумкин аст, ки иборат аз инҳоянд:

- ✓ хароҷоти андоз бевосита ба кам шудани даромади буҷет мусоидат мекунад;
- ✓ хароҷоти андоз аз ҳисоби имтиёзҳо ва озодкуниҳо нисбат ба сохтори асосии андоз ба вуҷуд меоянд;
- ✓ хароҷоти андоз татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатиро таъмин менамояд;
- ✓ хароҷоти андоз ҳамчун алтернатива нисбат ба хароҷоти мустақими давлатӣ амал мекунад.

Вобаста ба ин, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки имтиёзҳои андоз воситаи татбиқи сиёсати андозии давлат мебошанд. Дар робита ба имкониятҳои ҳавасмандгардонии андоз бояд гуфт, ки онҳо метавонанд васила рафъи деформатсияҳои муайяни иқтисодӣ, таҳрифи ошкори низоми андоз, безараргардонии оқибатҳои манфии иҷтимоӣ, пешбурди сиёсати

муайяни иқтисодӣ, аз ҷумла дастгирии фаъолияти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим бошанд.

«...Камбудии асосии имтиёзҳои андоз дар мавқеи давлат ин аз даст додани даромади андозӣ аст (4,7 млрд. сомонӣ дар 9 моҳи соли 2023, ки муодили 5,2% ММД ё 22,1% аз ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ мебошад) » [11].

Имтиёзҳои андоз инчунин камбудиҳои зерин доранд:

- тахрифи тақсимоти захираҳо;

- таъсири номатлуб ба самаранокии иқтисодӣ ва баробарӣ;

- мураккаб шудани низоми андоз;

- афзоиши хароҷоти маъмурӣ ва хароҷоти мутобиқатӣ ба риояи талаботҳо;

- имкониятҳои нави саркашӣ аз андоз.

Дар баробари ин, вобаста ба он, ки вазни воридоти андозӣ тайи солҳои охир насбати даромадҳои ғайриандозӣ кам шуда истодааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ақидаву пешниҳодҳои мақомотҳои давлатӣ, корхонаву муассисаҳо, соҳибкорони ватанӣ ва аҳли ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати таҷдиди назар намудани Кодекси андозро тасмим гирифт, ки натиҷаҳои дилхоҳро ба даст овард.




**Расми 3.3. Мукаммалгардонии механизми андозбандии МТОК (Сарчашма: таҳияи муаллиф)**

Дар натиҷаи таҳқиқи масоили болозикр, мукаммалгардонии механизми андозбандии МТОК-ро зарур мешуморем (Расми 3.3.). Дар сурати истифода ва татбиқи механизми таҳияшудаи имтиёзҳои андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самараю судмандии зиёдро дидан мумкин аст.

Тавассути тарҳкунии иҷтимоии андозӣ давлат ба таври ғайримустақим гирифтани таҳсилоти пулакиро аз ҷониби он шаҳрвандоне ҳавасманд мегардонад, ки тариқи шартномавӣ таҳсилро қабул намудаанд ва ё аз ҷойҳои муайяншудаи буҷетӣ барои дохилшавӣ маҳрум гардидаанд.

Ҳамин тавр, дар байни омилҳои мушаххасе, ки ба низоми андоз ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсир мерасонанд, метавон васеъгардонии ҳавасмандиҳо ва ё имтиёзҳо барои истифодабарандагони ин намуди хизматрасониҳои таълимиро қайд кард. «...Дар ин маврид кӯмаки (ҳавасмандӣ ё дастгирии) давлатие, ки ба ин гуна шаҳрвандон расонида мешавад (масалан, пешниҳоди тарҳи андозӣ оид ба андоз аз даромад) ҳамчун катализатор дар таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо харидорони ҳамин навъи хизматрасонӣ мебошад» [130].

Чунин шакли ҳавасмандгадонии шаҳрвандон ҳангоми гирифтани таҳсилоти пулакӣ (шартномавӣ), барои табобат, хариди амвол ва пардохти фоизи қарзи ипотекӣ (гаравӣ) ҳамчун тарҳи андозӣ дар Федератсияи Россия хело хуб ба роҳ монда шудааст, ки мақарраротии онро дар замимаи № 2 пешниҳод менамоем.

Таҳсил дар гурӯҳҳои шартномавии муассисаҳои олии касбӣ, аз ҷумла дар якчанд донишгоҳу донишкадаи алоҳида, ки зикри номашон кардем, асос и шумораи донишҷӯёнро ташкил медиҳанд, ки маблағи пардохтнамудаи ҳар яки онҳо ҳамчун манбаи андозбандии ААИ маҳсуб дониста мешавад. Дар ҷадвали зер теъдоди донишҷӯён, маблағи таҳсил ва ҳиссаи ААИ давоми солҳои таҳсили таҳқиқшаванда инъикос ёфтааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки таҳлили маълумотҳои омории анҷомдода (ҷадвали 3.1.) фарогири танҳо чаҳор муассисаи таҳсилоти олии

касбӣ мебошанд (10,9%-и МТОК), ки мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андоз аз арзиши иловашуда эътироф шудаанд.

**Ҷадвали 3.1. – Шумораи донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ, маблағи таҳсил* ва ҳиссаи ААИ давоми солҳои таҳсили 2018 / 19 -2023 / 24 дар якчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Соли таҳсили 2018 / 19 | | | Соли таҳсили 2023 / 24 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи донишҷӯён | Маблағи таҳсил (манбаи андоз) | Маблағи ААИ | Шумораи донишҷӯён | Маблағи таҳсил (манбаи андоз) | Маблағи ААИ |
| ДДТТ | 4125 | 20418750 | 1020937,5 | 3636 | 20325240 | 1016262 |
| ДИС ДДТТ | 4376 | 15849872 | 792 493,6 | 3505 | 17454900 | 872745 |
| ДДҲБСТ | 6312 | 27204720 | 1 360 236 | 6824 | 27296000 | 1364800 |
| МТҒ ДТИТ** | - | - | - | 2626 | 26397864,2 | 1319893,2 |
| **Ҳамагӣ** | **14813** | **63473342** | **3173667,1** | **16591** | **91474004,2** | **4573700,2** |

* Маблағи шартномаи таҳсил дар ДДТТ дар соли 2017 - 4950 сомонӣ ва дар соли 2023 – 5750с.

Маблағи шартномаи таҳсил дар ДИС ДДТТ дар соли 2017 - 3622 сомонӣ ва дар соли 2023 – 4200с.

Маблағи шартномаи таҳсил дар ДДҲБСТ дар соли 2017 – 4310 сомонӣ ва дар соли 2023 – 4980с.

Маблағи шартномаи таҳсил дар МТҒ ДТИТ дар соли 2023 – 10052 сомонӣ.

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии номбурда ва таҳқиқу таҳлили худи муаллиф.

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.1. маълум аст, дар соли таҳсили 2018-2019 дар ин се муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамагӣ 14813 нафар донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ҳисоби онҳо ба маблағи 63 473 342 сомонӣ манбаи андоз аз арзиши иловашуда пайдо гардидааст.

Аз ин маблағ муассисаҳои болозикр ба маблағи 3 173 667,1 сомонӣ ба ҳисоби буҷети давлатӣ ААИ пардохт намудаанд.

Дар соли таҳсили 2020-2021 бо таъсис ёфтани Муассисаи таълимии ғайрибуҷетии донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон сафи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда зиёд гардидааст. Нобобаста аз ин, дар соли таҳсили 2023-2024 шумораи донишҷӯён ба 16591 нафар баробар гардидааст,

ки нисбати соли таҳсили 2018-2019 дар умум 1778 нафар теъдоди донишҷӯён зиёд гардидааст.

Илова бар ин, теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои мазкур зиёд гардида, дар умум манбаи андоз ва ё маблағи таҳсил низ афзоиш ёфта, барзиёдии он дар соли таҳсили 2023-2024 нисбат ба соли 2018-2019 дар маҷмуъ 28 000 662,2 сомонӣ ва ё 44,1% банди фоизӣ афзун гардидааст. Сабаби асосии зиёд гардидани маблағи таҳсил, ин пеш аз ҳама баланд гаштани маблағи шартномаи таҳсил дар муассисаҳои мазкур мебошад.

Ҳамин тавр, дар соли таҳсили 2023-2024 маблағи пардохти ААИ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии номбурда баробар ба 4573700,2 сомонӣ гардида, даромади умумии муассисаҳои мазкур 91474004,2 сомониро ташкил додааст.

Мусаллам аст, ки на ҳамаи шаҳрвандони кишвар қобилияти саривақт пардохт намудани маблағи таҳсилро дар асоси шартнома доранд. Бинобар ин, бо чунин мақсад аз қарзи истеъмолӣ истифода мебаранд, ки манбаи он сарчашмаи пардохти андози даромад эътироф карда мешавад.

Дар ин маврид, аз нигоҳи мо ҳавасмандии андозсупорандагон – қарзистеъмолкунандагон ниҳоятан ба маврид буда, тарҳи андозӣ гаронии андози даромадро аз сарбории андозии онҳо сабук мегардонад. Ин омил сабабгори беҳдошти вазъи молиявии шаҳрвандон гардида, ҳамзамон ба рушди сандуқи қарзии бонкҳо мусоидат менамояд, ки дар натиҷа ба афзун гардидани даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҳисоби фоидаи бонкҳои тиҷоратӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин гуфтаҳо, чуноне дар зербоби 2.1. қайд намудем, дар фазои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 48 адад донишгоҳу донишкадаҳои олӣ фаъолият намуда истодаанд, ки аз нигоҳи мо шумораи онҳо вобаста ба шароити имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёд буда, ба сатҳу сифати таҳсил таъсири худро мерасонад.

Бинобар ин, сиёсати давлат оид ба кам гардонидани шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути азнавташкилдиҳӣ дар шакли якҷоя кардани баъзе муассисаҳои таълимӣ ба мақсад мувофиқ буда, ҳадафҳои ин сиёсат баланд бардоштани сифати таҳсилоти миллӣ, аз ҷумла таъсиси институтҳои рақобатпазир дар сатҳи байналмилалӣ, кам кардани хароҷоти маъмурию идоракунӣ, инчунин самтгирии муассисаҳо ба қонеъ кардани талаботи бахши воқеии истеҳсолот ва бозори меҳнат мебошанд.

Хулоса, дар сурати таъсири мусоиди механизми тасҳеҳшудаи андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба талафоти хусусияти иҷтимоидошта асос ёфтааст, ба сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ, фаъолияти минбаъдаи он дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст. Дар оянда вобаста ба вазъи кунунии соҳаи маориф имтиёзҳои муайяни андозро кам кардан ё баръакс пурзӯр кардан мумкин аст.

Дар таҳқиқот масоили мубрами такмили низоми андозбандӣ ва имтиёзҳои андозбандиро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати тақвияти мехнизми он дар МТОК нуктаҳои назари хешро манзур намудем. Дар идомаи таҳқиқ мо ба оптимизатсияи низоми андозбандӣ, яъне мувофиқат ё мутобиқати онро дар МТОК тавaҷҷуҳ зоҳир хоҳем кард. Масъалаи мазкур дар зербоби 3.3. матраҳ мегардад.

## 3.3. Мувофиқкунонии (оптималикунонии) низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Шароити кунунии низоми иқтисодии ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад, ки андозбандии субъектҳои он масъалаи нозук ва баррасии паҳлӯҳои он хело муҳим ва рӯзмарра мебошад. Барои ба низом даровардани субъектҳои иқтисодӣ андозбандӣ яке аз усулҳои асосӣ ба шумор рафта, дар баробари танзимнамоии иқтисодиёт, ҳамчунин сарчашмаи буҷети давлатӣ маҳсуб дониста мешавад. Вобаста ба ин, дар қатори дигар субъектҳои иқтисодӣ

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ мизони фаъолияти худро дар доираи меъёрҳои андозбандӣ ба роҳ мондаанд. Аз ҳамин хотир, дар идомаи таҳқиқ диққати асосӣ ба мувофиқкунонии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

Мувофиқкунонии андозбандӣ фаъолиятеро дар назар дорад, ки аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ бо мақсади кам кардани пардохтҳои андозбандӣ амалӣ карда шуда, боиси афзоиши натиҷаҳои молиявӣ мегардад, аз ҷумла истифодаи тамоми имтиёзҳои андоз, озодкуниҳо ва дигар бартариҳои ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузории ҷории мамлакатро фаро мегирад.

Мақсади мувофиқкунонии андозӣ одатан ҳадди аксар кам кардани сарбории андозӣ дар асоси қонунгузории амалкунандаи андоз буда, ба маънои умумӣ татбиқи онро дар соҳаи андозситонӣ кам кардани андоз бо роҳи ҳуқуқӣ номидан мумкин аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки методологияи возеҳ ва дақиқи расмии муайян кардани мувофиқкунонии гаронии андоз барои андозсупорандаи мушаххас вуҷуд надорад. Дар ҳамин ҳол, дар омори расмӣ ва андозӣ дар бораи сарбории андоз маълумоти пурра ва дастраси омма мавҷуд нест.

Дар робита ба ин, саволи дигаре ба миён меояд, ки мақомоти андоз чӣ гуна фишори андозро ба андозсупорандагон дар ҷумҳурӣ мувофиқ мекунонанд. Аз ин рӯ, ин масъала бояд ҳангоми асосноксозӣ ва такмили тағйироти андоз дар қонунгузории амалкунанда ва баҳодиҳии воқеии мувофиқкунонии гаронии андоз ҳал карда шавад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки худи мафҳуми “мувофиқкунонӣ”, ки истилоҳ (термин)-и “оптимизация”-и русҳо қабул кардааст, дар забони илмии тоҷикӣ то ҳанӯз норавшан аст ва аз нигоҳи муҳаққиқони ватанӣ то ба охир дақиқ омӯхта нашудааст.

Зеро решаи ин мафҳум аз вожаи фаронсавии “optimiser” ва вожаи лотинии “optimis” гирифта шуда, маънои “беҳтарин”- ро дорад, яъне «...беҳгардонӣ” “беҳтар намудан” роҷеъ аст» [71].

Вобаста ба ин мафҳум агар ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назар андозем, эътирофи ҳуқуқии он таҳия ва муқаррар нагардидааст, вале аз тарафи дигар муқаррароти чанд моддаи кодекс ба андозсупорандагон иҷозат медиҳад, ки аз имтиёзҳо, озодкуниҳо, сабукиҳо истифода баранд ва вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии худро беҳтар созанд.

Аз нигоҳи Василева Е.Г. «...мувофиқкунонӣ имкон медиҳад, ки сарбории андозӣ ва уҳдадориҳои андозии ташкилот ба таври қонунӣ кам карда шавад» [ 117, с. 29-34 ].

Муҳаққиқи дигар Леднева Ю.В. қайд мекунад, ки «...мувофиқкунонӣ ва ё беҳтарсозӣ - фаъолияти қонунии андозсупоранда мебошад, ки ба гирифтани имтиёзҳои андоз дар шакли кам кардани маблағи уҳдадориҳои андоз нигаронида шудааст» [33].

Муҳаққиқи дигари рус Тегатеева О. Р. ин мафҳумро на танҳо ҳамчун ҳуқуқи қонунӣ мешуморад, балки «...мувофиқкунонии ғайриқонуниро низ таъкид мекунад» [111].

Инчунин дар адабиёти илмӣ ибораи «...мувофиқкунонии андоз бо истифода аз нақшаҳои канорагирӣ аз андоз"-ро мушоҳида намудан мумкин аст» [42].

Олимони барҷастаи риштаи иқтисод Ҳабибов С.Ҳ., Фақеров Ҳ.Н., Ҷамшедов М. дар луғатномаи истилоҳоти иқтисодӣ мафҳуми русии «оптимизация»-ро дақиқан «мувофиқ кардан» тарҷума намудаанд.

Аз нигоҳи муҳаққиқи ҷавон Ҳамидова С.Ҳ. «...муносибгардонии (оптимизатсияи) низоми андозӣ имкон медиҳад, ки сарбории андозро кам кунад ва ба ин васила нишондиҳандаҳои молиявиро беҳтар созад. Дар ин маврид таҳлили дуруст ва истифодаи он ҳамчун асос барои таҳияи стратегияи андозӣ бо мақсади ҳадди ақал кам намудани қарзи андозӣ муҳим аст. Муносибгардонии сарбории андозӣ асосан бо донистани қонунгузории андоз ва қобилияти истифодаи моҳирона дар он асос меёбад» [58]. Илова бар ин, қайд намудааст, ки «...муносибгардонии гаронии андоз, ки дар маҷмуъ

рушди иқтисодиро таъмин менамояд, рушди истеҳсоли молу хизматрасониҳоро ҳавасманд мекунад, сатҳу сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 беҳтар мекунад» [128].

Яъне, нуқтаи назари Ҳамидова С.Ҳ. гарчанде илман дуруст баён гардидааст, вале ба андешаи мо, эҳтимол иштибоҳ дорад ва дар соли 2030 ва солҳои минбаъда мувофиқсозии андозбандӣ хотима намеёбад. Ин мафҳуми илмие мебошад, ки дар баробари рушди муносибатҳои андозӣ вобаста ба сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат тараққӣ ё таназзул менамояд.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо ин мувофиқкунонии муносибатҳои андозбандӣ таҳия ва баррасӣ мегардад ва он имкон медиҳад, ки пардохтҳои андоз воқеан кам карда шаванд, инчунин бо истифода аз он афзалиятҳои судманди зеринро метавонанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба даст оваранд:

- ташкили баҳисобгирии муҳосибии босаводона ва салоҳиятнок;
- интихоби тартиби дурусти беҳсозии пардохтҳо дар муассиса;
- бартараф намудани сабабҳои хароҷоти зиёдатӣ, ки қаблан маълум набуданд;
- баланд бардоштани самаранокии кору хизматрасонӣ аз ҳисоби автоматикунонӣ ва аз нав ташкилкунӣ;
- мустаҳкам намудани мавқеъ дар ҷойи ишғол намудаи худ.

Дар ҷадвали 3.2. меъёрҳои андозҳо барои баъзе аз соҳаҳо барои қиёс бо соҳаи маориф оварда мешавад, ки мувофиқи он гаронии андози ин ё он соҳа муайян карда шудааст.

**Ҷадвали 3.2. Меъёрҳои андозҳо тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталиф.**

| Андозҳо | соҳаи маориф | соҳаи маориф, ки тибқи низоми худмаблағгузорӣ фаъолият менамояд | Истеҳсолот | Муассисаҳои молиявию қарзӣ |
|---|---|---|---|---|
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 12% аз кормандони асосӣ ва 15% - ғайриштатӣ | 12% аз кормандони асосӣ ва 15% - ғайриштатӣ | 12% аз кормандони асосӣ ва 15% - ғайриштатӣ | 12% аз кормандони асосӣ ва 15% - ғайриштатӣ |
| Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ | озод | 18% | 13% | 20% |
| Андоз аз арзиши иловашуда | озод | 5% - даромад (бе ҳуқуқи тарҳкунӣ) | 14%- даромад (бо ҳуқуқи тарҳкунӣ) | —— |
| Андози иҷтимоӣ | 25%,- аз фонди музди меҳнат ва 1%- аз даромади корманд | 20%,- аз фонди музди меҳнат ва 2%- аз даромади корманд | 20%,- аз фонди музди меҳнат ва 2%- аз даромади корманд | 20%,- аз фонди музди меҳнат ва 2%- аз даромади корманд |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | аз 2,5 % то 15% нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба шакли воситаҳои нақлиётӣ ба ҳар як кувваи асп | аз 2,5 % то 15% нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба шакли воситаҳои нақлиётӣ ба ҳар як кувваи асп | аз 2,5 % то 15% нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба шакли воситаҳои нақлиётӣ ба ҳар як кувваи асп | аз 2,5 % то 15% нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба шакли воситаҳои нақлиётӣ ба ҳар як кувваи асп |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Андозҳо аз молу мулки ғайриман-қул | озод | аз 12% то 18 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои 1м$^2$ | аз 9% то 15 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои 1м$^2$ | аз 12% то 18 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои 1м$^2$ |
| Андоз аз замин | | 5-каратаи меъёри муқарраргардида, барои дигар андозсупорандагон | 5-каратаи меъёри муқарраргардида, барои дигар андозсупорандагон | 5-каратаи меъёри муқарраргардида, барои дигар андозсупорандагон |

*** Сарчашма:** Сайти расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи дастрасӣ ба маълумот. 28.10.2023. https://andoz.tj/Legislation/TaxCode» [19]

Дар ҳамин асос вазни андозиро барои соҳаҳои овардашуда муайян менамоем, ки натиҷаи эҳтимолии он дар ҷадвали 3.3. оварда мешавад.

**Ҷадвали 3.3. Ҳисоби вазни андозӣ дар соҳаҳои гуногун** [19].

| Соҳаҳо | Вазни андозӣ нисбати даромади умумӣ |
|---|---|
| Муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф | 5% (ААИ) + 5% (АДШҲ) + 12% (АИ) + 10% (андозҳо аз молу мулк) = 32% |
| Муассисаҳои молиявию қарзӣ | 0,1% (ААИ) + 4% (АДШҲ) + 8% (АИ) +8% (андозҳои дигар) = 20,1% |
| Истеҳсолот | 7% (ААИ) + 3% (АДШҲ) + 8% (АИ) +8% (андозҳои дигар) = 26% |
| Соҳаи кишоварзӣ | 5 % (АЯ) + 3% (андозҳои дигар) = 10% |

Дар инҷо; ААИ- андоз аз арзиши иловашуда;
АДШҲ- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
АИ- андози иҷтимоӣ.

Ҳисобҳои тахминии дар ҷадвали 3. овардашуда дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи молиявию хоҷагидории ҳар як субъект дар асоси андозҳои марбута ва меъёрҳои муқаррагардидаи қонунгузорӣ амалӣ карда шудаанд.

Мувофиқи таҳқиқоти мо, вазни андозии соҳаи маорифи дар асоси худмаблағгузорӣ амалкунанда, ки тахминан 32%-ро ташкил намуд, (ин ҷо фарқият на зиёда аз +, - 3% аст) нисбати соҳаҳои чун муассисаҳои молиявию қарзӣ тахминан - 20,5%, истеҳсолот тахминан - 26% ва соҳаи кишоварзӣ , ки тахминан ба 10% баробар аст, хело баланд муайян карда шуд, ки ин таҳлили таъҷилии худро мехоҳад.

Масалан, муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф, ки нисбат ба муассисаҳои аз буҷет маблағгузоришаванда (ҳатто он муассисаҳои соҳа, ки қисман аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд) имтиёзҳои андозиро вобаста ба ААИ, АДШҲ, андоз аз амволи ғайриманқул ва андоз аз замин соҳиб нестанд, ки ин ба баланд гаштани вазни андозии онҳо оварда расонидааст.

Ҳамин тариқ, муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф андоз аз арзиши иловашударо тибқи муқаррароти моддаи 264-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 5% бе ҳуқуқи тарҳкунии андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди молҳо, иҷрои кор ва хизматрасониҳо пардохта шудааст, амалӣ менамоянд, ки ин тақрибан ба 5%-и даромади умумии онҳо баробар аст. Чунин тарзи андозбандӣ барои муассисаҳои тиббии ғайридавлатӣ, сохтумон (бомеъёри 7%), савдо (бо меъёри 7%),, хӯроки омма (бо меъёри 7%), низ тибқи муқаррарот амал менамояд.

Инчунин, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои соҳаи хизматрасонӣ, ки муаассисаҳои таълимӣ ба онҳо дохил мешавад, ба андозаи 18%-и фоидаи андозбандишаванда баробар аст, ки дар ҳолати ба ҳисоби миёна мавҷуд будани фоиданокӣ дар сатҳи 20% вазни андозӣ ба 4%-и тамоми даромад мерасад (мисол, агар даромади умумии муассиса 10 000 000 сомониро ташкил дода, маблағи хароҷотҳои тарҳшаванда ба 8 000 000 сомонӣ баробар

бошад, он гоҳ манбаи андоз ба 2 000 000 сомонӣ баробар мегардад, ки 18%-и он ба 36000 сомонӣ баробар аст, ки 3,6%-и даромади умумиро ташкил менамояд.)

Қисмати дигари ин нишондиҳанда, ки тақрибан ба 0,4% баробар аст, аз ҳисоби иҷозат дода нашудани тарҳи хароҷотҳои истеҳлокӣ барои муассисаҳои ғайритиҷоратӣ, ки дар моддаи 198, қисми 4 сархати 4 чунин оварда шудааст: «...Тарҳи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ нисбат ба дороиҳои зерин иҷозат дода намешавад: воситаҳои асосии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; муассисаҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ; воситаҳои асосие, ки онҳо барои гирифтани даромад истифода мебаранд» [2].

Андози иҷтимоӣ, ки аз андозаи музди меҳнати ба кормандони асосӣ ва бо тариқи шартнома фаъолияткунанда ҳисобшуда ҳар моҳ барои муассисаҳои таълимии худмаблағгузор чун корхонаҳои тиҷоратӣ бо меъёри 20% муқаррар гардидааст, аз 10 то 12% аз даромади умумиро ташкил менамояд. Чунин рақамҳо дар асоси таҳлили ҳисоби музди меҳнати кормандон дар муассисаҳои таълимии худмаблағгузор чунин ҳосил шуданд; агар даромади умумии муассиса ба 10 000 000 сомонӣ дар як сол баробар бошаду 50%-и тамоми даромад ба музди меҳнат сарф шавад, он гоҳ 5 000 000*20%=1 000 000, ки 10% - даромади умумиро ташкил мекунад. Дар сурати зиёдтар сафарбар намудани маблағҳо барои музди меҳнат он метавонад зиёдтар шавад, ки аз таҷрибаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон хароҷот барои музди меҳнат тақрибан 55-60%-и тамоми даромадҳои муассисаро ташкил менамояд.

Имрӯз Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон на танҳо андозҳоро чун корхонаҳои тиҷоратӣ пардохт менамояд, дар баробари ин пардохти нархи барқ, об, гармӣ ва дигар хизматрасониҳои комуналиро низ чун дар корхонаҳои тиҷоратӣ муқаррар намудаанд, ки барои боз ҳам аз ҷиҳати рақобатнокӣ ба заиф шудани муассиса аз ҷиҳати иқтисодӣ оварда мерасонад.

Мусаллам аст, ки дар шароити ба тариқи бесобиқа баланд гаштани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, ки аз ҷониби буҷет маблағгузорӣ карда мешавад, мавҷуд будани чунин вазни андозӣ ва нархгузории хизматрасониҳои комуналию барқ ба тоб наовардани муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф оварда мерасонад.

Ба ақидаи мо, дар шароити бе ин ҳам кам будани теъдоди муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф, бе тағйир додани сиёсати андоз, ки шароити якхеларо барои тамоми намояндагони соҳаи маориф бояд фароҳам биоварад, баробар намудани нарху тарифҳои хизматрасониҳои комуналӣ, барқ ва об барои ҳамаи шаклҳои муассисаҳои соҳаи маориф пешрафти соҳа имконопазир мегардад.

Дар солҳои охир тибқи тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори андозҳо кам гашта, меъёри баъзе аз андозҳо кам карда шуданд, аммо чи тавре ки аз таҳлили фаъолияти якчанд соҳа маълум мешавад, вазни андозӣ барои муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф ҳамоно баланд боқӣ монда, ба ақидаи мо андешидани чораҳои зерин ногузир аст.

1. Озод намудани муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф аз андозҳои арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва андоз аз моликияти ғайриманқул.

2. Баробар намудани нархгузории қувваи барқ, гармӣ ва хизматрасониҳои коммуналии муассисаҳои дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолияткунанда бо муассисаҳои дигари соҳаи маориф .

3. Бозбинӣ намудани талаботи моддаи моддаи 198, қисми 4 абзатси 4 тарҳи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ нисбат ба дороиҳои зерин иҷозат дода намешавад воситаҳои асосии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла воситаҳои асосие, ки онҳо барои гирифтани даромад истифода мебаранд.

4. Андози иҷтимоӣ аз 20% ба 15% паст карда шавад.

Дар маҷмуъ, мо чунин мешуморем, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тағйироту иловаҳо ворид гардида, беҳсозии сарбории андозӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорон пешбинӣ карда шавад.

Таҳқиқи адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки истифодаи усули мазкур мушкилоти андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тағйир дода боиси идоракунии самаранок мегардад.

Чуноне ки дар назарияи менеҷмент ва андозбандии субъектҳои макроиқтисодӣ қайд гардидааст «андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» мураккаб буда, танзими он натанҳо ба меъёрҳои қонунӣ, балки ба шартҳои иқтисодӣ мухолифат мекунад.

Муҳаққиқони илми иқтисодиёт чунин назарияро барои он мурраккаб мепиндоранд: «...ки дар сурати гаронии андозҳо метавонад фаъолияти муассиса қатъ гардад ва мизони донишомӯзӣ поин равад ва дар сурати напардохтани андозҳо аз ҷониби муассиса буҷети давлатӣ коҳиш меёбад. Маҳз чунин монеаҳои мураккаб ва баҳсталаб дар асри  гузашта ҷомеаи амрикоиҳоро фаро гирифта буд. Барои ҳамин аксарияти муҳаққиқон мафҳуми мувофиқкунонии дукаратаи андозбандиро роҳандозӣ намуданд, ки дар шароити имрӯза таҷрибаи пешоҳангӣ пазируфта шудааст ва дар тамоми ҷаҳон аз он истифода мебаранд»  [49].

Муҳақиқи рус Т.И. Солодкая чунин мешуморад, ки «… Аммо чунин фикр кардан хатост, ки кам кардани андози оддии «бо чашм» фаъолияти соҳибкорӣ ва сармояро аз соя берун меорад. Зиёд ва кам шудани андозҳо барои иқтисодиёт ва ҳам барои соҳаи иҷтимоӣ хислатҳои мусбат ва манфӣ доранд»  [49].

Вобаста ба масъалаи мазкур ба баррасии мувофиқкунонии дукаратаи андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мепардозем.

Моделсозии таъсири андозбандӣ ба натиҷаҳои молиявии ширкат бо истифода аз усули мувофиқкунонии дукарата. Дар ин ҳолат мо бояд ду омилро интихоб намоем.

$$\mathbf{DA=(\sum Am_q - D_Q \rightarrow S_b)} \quad (1)$$

Тағйир ёфтани яке аз онҳо $S_d$ ё $D_Q$ боиси кам шудани дигаре $\sum Am_q$ мегардад. Аз ин рӯ, унсуре лозим аст, ки коҳиш ё зиёд кардани меъёри андозро муайян намояд ва варианти мувофиққунонии даромади андозро ба фоидаи давлат ва муассисаи таълимӣ равона намояд.

Ба чунин ақидаи пурра дар таҳқиқоти Ҷ. Сакс ва Ф. Ларрен дар бораи качхатаи Лаффер вохӯрдан мумкин аст: «... Умуман, арзёбии дақиқи суръати коҳиши даромадҳои андоз душвор аст» [49].

Муҳақиқи рус Т.И. Солодкая чунин мешуморад, ки «...Усули мувофиққунонии дукаратаи андозбандӣ, мувофиқ кардани манфиатҳои давлат ва соҳибкорон дар як қатор корҳои илмии муҳаққиқон пешниҳод шудааст» [49].

Ғояи марказии онро мувофиққунонии низоми истеҳсолӣ вобаста ба ҳар намуди маҳсулот ташкил медиҳад. Нуқтаи ҷолиби масоил дар он аст, ки давлат даромади андозро ба ҳадди аксар мерасонад ва истеҳсолотро нобуд намекунад, фоидаи ҳадди имконпазирро барои ҳарду ҷониб дар шароити андозбандӣ нигоҳ медорад.

Дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, ин амал имконият медиҳад, ки музди маоши кормандон афзоиш ёбад ва сифати азхудкунӣ баланд бардошта шуда, аз ҳисоби зиёдшавии шумораи муҳассилин пардохти андозӣ ба фоидаи давлат анҷомад.

Бояд қайд намуд, ки муҳаққиқи дигари иқтисоддон П.Самуэлсон, ки «...Усули мувофиққунонии дукарата мавҷудияти як андози мустақимро пешбинӣ мекунад (яъне андозбандии ғайримустақим ба назар гирифта намешавад). Ин равиш бештар ба низоми содакардашудаи андозбандии барои корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ қабулшуда, инчунин низоми андозбандӣ дар шакли андози ягона аз даромади ҳисобшуда барои намудҳои алоҳидаи фаъолият мувофиқат мекунад» [49].

Барои амалӣ намудани расмиёти мувофиқкунонии дукарата, донистани вазифаи харочоти умумии истеҳсолот ва қонуни талабот ба маҳсулоти додашуда зарур аст.

Пас мо метавонем ба чунин хулоса оем:

$$\sum Am_q = D_Q - S_b \quad (2)$$

Дар чунин ҳолат меъёри андоз аз арзиши иловашударо то меъёри 5 фоиз кам намудан мумкин аст.

Дар сурати кам намудани 5 фоиз андоз аз арзиши иловашуда музди маош низ 5 фоиз зиёд карда мешавад. Дар ин сурат аз 1200000 сомонӣ боз 14 фоизи дигар ба фоидаи давлат андоз ситонида мешавад, ки маблағи 24000 ҳазор сомониро дар муддати як моҳ ташкил медиҳад.

Дар сурати зиёд шудани шумораи донишҷӯён ба 200 нафар метавонад даромади муассиса 1390000 сомонӣ зиёд шавад. Андоз аз даромад низ дар ҳамин марҳилаи мушоҳидавӣ метавонад 250200 сомонӣ зиёд карда шавад. Ин ҳам дар ҳоле имконпазир мегардад, ки агар музди маош 5 фоиз зиёд ва сифати дарсазхудкунӣ ба самти рушд тағйир дода шавад.

Кам кардани фоизи андоз як навъ талафоти иқтисодӣ мебошад, ки давлат дар ҷустуҷӯйи ба даст овардани ҳадди имконпазири даромади андоз дучор мешавад.

Тафовути куллии байни ин ду равиш тафсири масоил дар бораи дараҷаи тағйирпазирии нархҳо, қобилияти дар мувозинат нигоҳ доштани фаъолияти субъекти иқтисодӣ ва мувофиқати дахолати давлат ба иқтисодиёт мебошад.

Мутобиқи модели классикӣ ҳолати иқтисод дар зери фарзияи рақобати комил дар давраи дарозмуддат тавсиф карда мешавад; ҳамаи нархҳо чандир буда, ба таври автоматӣ барқарор намудани мувозинати вайроншуда дар ҳамаи бозорҳо дар дараҷаи пурра бо кор таъмин будани захираҳои кадриро таъмин мекунанд. Мушкилоти асосии иқтисодиёт маҳдуд будани захираҳо

мебошад, бинобар ин, аз рӯйи модели классикии иқтисодиёт аз ҷиҳати пешниҳоди маҷмуӣ омӯхта мешавад.

Модели макроиқтисодии Кейнсӣ тавсифи вазъи иқтисод дар шароити рақобати номукаммал дар муддати кӯтоҳ; нархҳои чандирӣ, бинобар ин дар бозорҳо мувозинат муқаррар карда мешавад, вале на дар дараҷаи пурра бо кор таъмин будани захираҳо. Мушкилоти асосии иқтисодиёт дар шароити маҳдудияти захираҳо, истифодаи механизмҳои қарзӣ ва андозбандӣ мебошад. Дахолати давлат ва танзими давлатии иқтисодиёт барои таъсир расонидан ба талаботи умумӣ зарур аст. Амалишавии ин шартҳо солҳои зиёд дар кишварҳои Фаронса, Олмон (баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон), Британияи кабир, Ҳиндустон, Чин ва дигар кишварҳо ба назар мерасид.

Бояд қайд намуд, ки чунин шарти корро метавонем натанҳо дар муассисаҳои олии таълимӣ, балки дар дигар соҳаҳо истифода намоем.

Бояд ба таври возеҳ қайд намуд, ки гурӯҳи олимони америкоӣ бо роҳбарии Ҷ.М. Кейнс ҳангоми коркади низоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодии оморӣ, инчунин ҳисобҳо ва ҷадвалҳои миллӣ, таҳлили фаъолияти иқтисоди бозорӣ, меъёрҳои танзимшаванда ва ичтимоӣ нигаронидашудаи кишвар, ки аз масъалаҳои мураккабанд, ба таври мушаххас чунин масъалаҳои мураккабро баррасӣ намуда, ба як қатор дастовардҳо ноил гардидаанд.

Онҳо ақидаи худро ба таври зайл пешниҳод намудаанд: «..Зарурати тавсифи миқдорӣ ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти ҳукумат бо истифода аз нишондиҳандаҳои умумии макроиқтисодӣ, аз қабили маҳсулоти умумӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ, пасандозҳо ва ғайра ба миён омад» [13].

Усулҳои кейнсивии танзими иқтисод тавассути таъсир расонидан ба талаботи умумӣ барои кишварҳои пешрафта баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ хос буданд. Аммо дар солҳои 70-ум тезу тунд шудани номусоидии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ «меъёрҳо ҳанӯз солҳои қабл бавуҷудомада» - ро инкор

намуд, то кунун ин бенизомии саросарӣ дар аксари кишварҳои дунё амал менамояд.

Омили дигари мувофиқкунонии муносибатҳои андозӣ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз нигоҳи мо раванди банақшагирӣ ва пешгӯйии андозӣ буда, тавассути оқилона амалӣ намудани онҳо сатҳу сифати таълим дар ин муассисаҳои таълимӣ боз ҳам беҳтар мегардад.

Дар баробари ин, банақшагирӣ ва пешгӯйии андоз дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, алалхусус барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақши муайян дошта, яке аз сохторҳои муҳимми идоракунии дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Банақшагирии андоз инчунин қисми ҷудонашавандаи низоми ташкилӣ мебошад ва он имкон медиҳад, ки тарҳҳои андозиро дар муддатҳои кӯтоҳ ва дарозмуддат пешгӯйӣ намоем, захираҳои мавҷудаи имконпазир ва гардиши пули накдро самаранок идора намуда, хатари мушкилоти молиявиро ба таври назаррас коҳиш дода, оқибатҳои номусоидии андозро барои саривакт иҷро накардани уҳдадориҳои андозсупорандагон пешгирӣ кунад.

Ҳамин тавр, пешгӯйии андоз ин муқаррар намудани манбаи андоз барои андозҳои муайян, пайгирии тағйироти даромадҳои андоз дар давраҳои қаблӣ, ҳаҷми маблағҳои бадаст наомада ва ҳолати қарзҳои андозӣ мебошад.

Банақшагирӣ ва пешгӯйии андоз бо ҳам алоқаманданд ва пешгӯйиро ҳамчун ояндабинӣ мешуморем, ки асоси банақшагирии андозӣ ва асоси қабули қарорҳо маҳсуб меёбад.

Ҳамин аст, ки татбиқи пешгӯйиҳои андоз дар таҳияи сиёсати андозӣ-буҷетӣ нақши фаъол мебозад. Дар баробари ин, мақомотҳои идораи молияи мамлакат дар бораи зарурати тағйир додани қонунҳои андоз ва кам кардани хароҷоти давлат ҳангоми ба охир расидани имкони мувозинати буҷет бо усули андозбандӣ қарор қабул мекунанд.

Дар масоили банақшагирӣ ва пешгӯйӣ замони Шӯравӣ таҷрибаи пешқадам доштанд, онро дар ҳамаи сохторҳо ба таври ҳатмӣ самаранок

истифода менамуд ва мутахассисони соҳавӣ банақшагириро асоси фаъолияти худ ва маҳаки тараққиёти соҳавӣ меномиданд.

Ҳамин буд, ки дар фаъолияти корхонаву ташкилотҳо нақшаҳои дурнамо, ҷорӣ ва фаврӣ таҳия ва қабул гардида, иҷроиш ва натиҷаи онҳо нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии вазъ маҳсуб дониста мешуданд.

Марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар мамлакатамон нақши банақшагириро паст намуд. Ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои мутараққӣ банақшагирӣ дар ҳамаи сатҳҳо, чи давлатӣ ва чӣ субъектҳои ғайридавлатӣ рушди комилро сазовор гаштааст.

Дар усули меъёрӣ – меъёрҳои иқтисодиву техникии пешакӣ муайянгардида, ки ҳаҷми истеҳсол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо ба он зарб карда мешавад, истифода мегарданд. Асоси банақшагирии меъёриро меъёри андозҳо, меъёри истеҳлокӣ, меъёри воситаҳои гардон, меъёри нерӯи барқ, газ, гармидиҳӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

Мувофиқи моддаи 29-и «...Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки: «меъёри андоз бузургии бо фоиз ё маблағи мутлақ ифодашавандаи ҳисобкунии андоз аз рӯйи воҳиди ченкунии манбаи андоз мебошад, ки бо ҳамин Кодекс муқаррар карда шуда, меъёрҳои андози аксизӣ, андоз барои захираҳои табиӣ, андози замин, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, маблағи собит барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ва арзиши патент барои соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият бо назардошти хусусияти минтақавӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд» [2].

Таҳқиқи коркардҳои назариявӣ ва амалии дар боло зикргардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти метавонем дар оянда дар рушди муассисаҳои олии таълимӣ ва танзими меъёрҳои андозбандӣ ҳам ба фоидаи давлат ва ҳам муассиса истифода намоем.

## ХУЛОСА

### *Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои илмӣ-назариявии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки худи пайдоиши муносибатҳои андозӣ аз давраҳои қадим баробар бо таъсиси аввалин давлатҳо саравval дар шакли натуралӣ ва баъдан бо ченаки пулӣ ба вуҷуд омада, дар ташаккулу такомул ва рушди давлатдорӣ нақши муассир доранд. Ба ҳамин мазмун дар рисола таҳқиқ ва ошкор гардидааст, ки аз аломати “пардохти ҳатмии қонунӣ” бармеояд, ки андозситонӣ ба маҷбурияти давлатӣ нигаронида шудааст. Аз нигоҳи муаллиф андоз мафҳуми таърихии молиявию ҳуқуқӣ мебошад ва нуқтаи назари мо чунин аст: Андозҳо ҳамчун пардохтҳои ҳатмӣ ва зарурӣ аз ҷониби аъзоёни ҷамъият барои таъминоти молиявии хароҷотҳои давлатӣ амал менамоянд ва дорои манбаъҳою меъёрҳои қонунан муқарраргардида мебошанд [5-М,10-М].

2. Дар рисолаи илмӣ усулҳо ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити имрӯза нишон дода шудааст, ки он ба такмили муносибатҳои нави андозӣ, беҳтар намудани сатҳ ва сифати андозсупории муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар диссертатсия дарҷ гардидааст, ки ....бояд ба муассисаҳои олии таълимӣ дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо имтиёзи андозӣ дода шавад, зеро маориф соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мансуб меёбад. Бисёр манфиатовар аст, агар воридот ва истеҳсоли мебел ва дигар лавозимоти соҳаи маориф ва илм аз андози арзиши иловашуда озод бошанд [1-М, 8-М ,9-М ].

3. Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои рушднамудаи хориҷӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хоҷагидории миллӣ, имтиёзҳои андозбандӣ, озодкуниҳо барои МТОК зарурати ҳамаҷониба дорад. Ба андешаи муаллиф, ин

омил имкон медиҳад, ки танзими адолатонаи муносибатҳои андозӣ муассисаҳои олии касбиро аз мушкилоти андозбандии иловагӣ озод намояд, азнавтақсимкунии хароҷоти маблағи таҳсилро банизом дарорад, сатҳи самаранокии дохилшавӣ ба гурӯҳҳои шартномавии муассисаҳои олии касбиро афзун гардонад ва муҳимтар аз ин, вазъи некуаҳволии шаҳрвандонро таъмин намояд. Бо ҳамин мазмун дар кори илмӣ намудҳои имтиёзҳои андозӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва тасниф гардидааст [2-М,6-М,10-М,11-М].

4. Дар диссертатсия вазъи воқеии раванди фаъолияти муассисаҳои олии касбӣ, махсусан нишондиҳандаҳои асосии баҳои самаранокӣ ва ҳолати андозбандии онҳо таҳқиқ ва таҳлил гардидааст. Ҳамзамон танзиму такмили муносибатҳои андозбандӣ, муайян намудан ва татбиқи имтиёзҳои андозбандӣ, мушкилоту омилҳои таъсиррасон ба он арзёбию натиҷагирӣ карда шудааст. Дар ин самт ошкор гардидааст, ки дар фазои имрӯзаи фаъолияти МТОК аксарияти донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар барои озод гардидан аз андоз аз арзиши иловашуда тамоми тадбирҳоро андешида, бо маблағгузории буҷетӣ, ҳатто барои як гурӯҳи таълимӣ ва ё як ихтисоси алоҳида фаъолияти худро аз пардохти андози номбурда озод намудаанд. Дар ин росто ДДТТ, ДИС ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд, ДДҲБСТ ва МТҒ Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон супорандаи андоз аз арзиши иловашуда эътироф карда шудаанд. Вобаста ба ин вазъ дар диссертатсия механизми танзими андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаи алгоритмии ҳисоб кардани андозҳо бо назардошти татбиқи намуди дахлдори имтиёзҳои андозӣ таҳия ва пешниҳод шудааст [1-М, 2-М, 7-М].

5. Хавфи андозӣ ва гаронии андозҳо дар шароити имрӯзаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ боиси коҳиш ёфтани сатҳу сифати таълим гардида, вобаста ба ин, дар диссертатсия таҳия ва муайян гардидааст, ки шарти муҳим ва омили таъмин намудани рушди соҳаҳои

иқтисодӣ ва бахшҳои алоҳидаи афзалиятноки он – паст гардонидани сатҳи гаронии андозҳо ва дарёфти роҳҳои наву пурсамари ҳавасмандгардонии андозбандӣ ҳисобида мешаванд. Дар ин замина масъалаи дастгирии давлатии андозсупорандагон бо мақсади рушди интенсивӣ низ нақши намоён ва муҳиммеро ишғол менамояд. Бинобар ин, дар диссертатсия бори аввал бо мақсади кам намудани хароҷот - хароҷоти талафоти хусусияти иҷтимоидошта таҳия ва тасниф карда шудааст, ки ҳамчун қисми хароҷот ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз барои андоз аз даромад (фоида) истифода гардад [7-М,8-М].

6. Самтҳои такмили механизми андозбандии МТОК муайян гардида, раванди банақшагирии пардохти андозҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, муқаррар гардидани меъёрҳои пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда (5%,7%,10%) мушкилоти бештари баҳисобгирӣ ва пардохти саривақтии онро ба буҷет ба миён оварда, шартҳои илман асоснокгардидаи ААИ ва раванди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин самт вайрон гардидаанд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки барои ААИ меъёри ягонаи стандартӣ ва раванди содагардонии ҳисоб ва пардохти он ба манфиати давлату андозсупорандагон мусоидат менамояд [1-М,8-М, 9-М].

*7.* Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба тағйироту иловаҳо ниёз дорад ва ба маврид аст, агар беҳсозии сарбории андозӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорон ҳамчун моддаи алоҳида таҳия, муқаррар ва амалӣ карда шавад. Бояд қайд намуд, ки баъзе аз муассисаҳои олии касбӣ қисман аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд, аммо низоми андозбандиашон аз муассисаҳои худмаблағгузор фарқкунанда мебошад, ки ин асосро барои таснифоти онҳо ҳамчун муассисаҳои таҳсилотии олии касбии буҷетӣ ва муассисаҳои таҳсилотии олии касбии худмаблағгузор фароҳам меоварад. Дар сурати зиёд гаштани муассисаҳои таҳсилотии дар

асоси худтаъминкунӣ фаъолияткунандаи тамоми зинаҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ асосан ба самти муассисаҳои буҷетии таҳсилотӣ равона карда шуда, маблағгузорӣ низ метавонад ба маротиб афзоиш ёбад [1-М, 7-М, 9-М].

***Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

Хулоса, агар байни низоми миллии таҳсилот ва бозори дохилии меҳнат алоқаи мустаҳкам барқарор нагардад, сатҳи ҳозираи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои минбаъда ноустувор боқӣ мемонад ва дар маҷмуъ иқтисодиёти кишвар барои қувваи кории афзоянда миқдори ҷойи кории заруриро фароҳам намуда наметавонад, дар натиҷа новобаста ба афзоиши баланди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ шуғли расмӣ дар мамлакат зиёд намегардад.

Ҳамин тавр, дар фарҷоми диссертатсия бояд қайд намоем, ки бо дарназардошти тамоюлҳои рушди фазои ҷаҳонии таҳсилот, хусусиятҳои вазъи кунунии низоми миллии маориф равишҳои консептуалӣ секторҳои муосири рушди соҳаро чунин тавсия менамоем:

- баланд бардоштани сифати таълим, ки ба талаботи рушди шахсият, ҷомеа ва рушди устувори кишвар ҷавобгӯ мебошад, таъмини мутобиқати бозори хизматрасониҳои таълимӣ бо талаботи бозори меҳнат;

- мукаммал ва устувор намудани низоми андозӣ дар кишвар, ки тавонад талаботҳои сармоягузорони хориҷиро таъмин намуда, ҷалби онро боз ҳам тақвият бахшад;

-таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатӣ оид ба иҷроиши саривақтии даромадҳои андозиву ғайриандозии буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ;

-ҷорӣ намудани низоми муосири электронии баҳисобгириҳои андозӣ, такмили усулҳои банақшагирӣ ва пешгӯйӣ. Баҳисобгирии пешакии (панҷ солаи) даромадҳои андозӣ ва муайян намудани мушкилот ва самтҳои рушди интенсивии он;

-озод намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба онҳо, аз ҷумла барои хариди воситаҳои асосӣ;

- тавре таҷриба нишон медиҳад, дар кишварҳои мухталиф муассисаҳои таълимӣ на танҳо объекти андозбандӣ, балки аз супоридани он пурра озод мебошанд. Рушди соҳаи маориф сарчашмаи рушди соҳаҳои иқтисодиёт мебошад;

-такмилдиҳии дилхоҳ объект аз низоми корӣ ва фарҳангӣ корпоративӣ вобастагии зиёд дорад. Дар сатҳи зарурӣ боло бардоштани фарҳангу маърифати молиявӣ хеле муҳим аст ва танҳо дар ин сурат такмилдиҳию танзими андозбандӣ имконпазир мегардад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с. - 24.

[2]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2012., №9, мод. 848, с. 2013, №10, мод. 732, №12, мод. 1016; с2014, №12, мод. 857; с.2015, №10, мод.859, мод. 893;с. 2016, №10, мод,802,№12,мод.1010; с.2017,№3-4,мод.217, мод.255,№12, мод.899; с. 2018, №2, мод.97, №5, мод.350; с.2019, №2-3, мод.134, №4-5, мод.250, №6, мод.388, №8-10, қ.1, мод.557,№12, мод. 799; с2020, №6, мод. 430, №10, мод 791, №12, мод. 1015) Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2021, № 549.- С.38 -352

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 22 июни с.2013, №1004.- с. 3 – 25 - 46

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018, №1529- С 3 - 4.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. ш. Душанбе, 4 июли соли 2013, №537- с. 56 – 57.

[6]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Душанбе - 28.12.2024

[7]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Душанбе - 23.12.2023

## Захираҳои электронӣ:

[8]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн]: - Душанбе, 2016. file:/// C:/Users/User/ Downloads/ disser_half.pdf: Санаи муроҷиат: 12.08.2021

[9]. Asiaplustj.info: Санаи дастрасӣ ба маълумот 8.11.2024.

[10]. URL:.https://andoz.tj/docs/Deytelnost/AzRuiAndozVaBurishSH_N_TJ.pdf. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи муроҷиат: 30.08.2024.

[11]. Анализ затрат и выгод отдельных налоговых льгот / освобождений Республики Таджикистан за 2021-2022 гг. и 9 месяцев 2023 г. (РПВ 3.2). Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://www.andoz.tj/docs/Analiz/Analiz_2023.pdf: Санаи дастрасӣ ба маълумот:14.05.2022

[12]. Андозбандӣ дар Англия. Сарчашмаи интернетии: https://ru.wikipedia.or. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 22.09.2021

[13]. Кейнс Д.М. Общая теория занятости, процента и денег / Д.М. Кейнс. Электронный ресурс. - Режим доступа: http://for-ex.at.ua/load/l-l-0-2.180. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 22.09.2021

[14]. Кодекси андози Гурҷистон моддаи 170. Сарчашмаи маълумот: https://matsne.gov.ge/ru/document/view/1043717, publication=205. Санаи дастрасӣ ба маълумот : 31.01.2024.

[15]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Моддаи 180. Сарчашмаи маълумот: Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__13_11_2023-RT_tj.pdf. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 08.02.2024.

[16]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Моддаи 23. ш. Душанбе, 23.12.2021, № 1844. Сарчашмаи маълумот: Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://www.andoz.tj/. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 27.06.2023.

[17]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Моддаи 248. Сарчашмаи маълумот: Сайти расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://andoz.tj/Legislation/TaxCode. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 30.10.2023.

[18]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Моддаи 251. Сарчашмаи маълумот: Сайти расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://andoz.tj/Legislation/TaxCode. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 30.10.2023.

[19]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарчашмаи маълумот: Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://andoz.tj/Legislation/TaxCode. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 28.10.2023

[20]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Моддаи 169. ш. Душанбе, №1367 аз14.11.2016). Сарчашмаи маълумот: Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://www.andoz.tj/. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 27.06.2023.

[21]. Милоголов Н.С. Налоговые льготы, связанные с образованием и здравоохранением, в странах ОЭСР и в России. Финансовый журналь №3, Москва, 2014.[захираи электронӣ] URL: https:// lex.uz/ ru/docs/ 4674893#4695789, https:// myreloc.com/. https:// andoz.tj/ docs/kodex/ Tax-Code__3-RT_tj.pdf. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 13_11_2021

[22]. Саҳифаи интернетии: https://rg.ru/2017/12/15/marina-koroleva-chto-znachit-slovo-optimizaciia.html. Санаи дастрасӣ ба маълумот 13.0.2.2024.

[23]. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.. https://andoz.tj/Legislation/TaxCode». Санаи дастрасӣ ба маълумот: 28.10.2023

[24]. Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 С.10. Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.maorif.tj/storage/Dokument's. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 14.05.2022.

[25]. Хочуев В.А. Налоговое администрирование как особый инструмент обеспечения экономической безопасности России, Научное вед. №1(56) 2009.https://cyberleninka.ru/article/n/nalogovoe-administrirovanie-kak-osobyy-instrument-obespecheniya-ekonomicheskoy-bezopasnosti-rossii/viewer. Санаи дастрасӣ ба маълумот: 22.10.2024.

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[26]. Адам Смит. Исследование о природе и причинах богатства народов /Адам Смит; [пер. с англ. П. Клюкина]. - Москва: Эксимо, 2016. – С.79 – 81

[27]. Азизов Ф.Х. Сбалансированная фискальная политика - признак стабильности экономики / Ф.Х. Азизов. -Хужанд: Хуросон, 2004. – С. 180.

[28]. Боков О.Г. Математические методы маркетинга: учеб. пособие. Саратов, 2003.; Слабинская, И.А. Анализ финансовой и налоговой отчетности: учебное пособие / И.А. Слабинская, Л.Н. Кравченко. – Белгород: Белгородский государственный технологический университет им. В.Г. Шухова, ЭБС АСВ, 2017. – С. 344 .

[29]. Вылкова Е.С. Налогообложение в Аргентине. Монография. – СПб.: Культ ИнформПресс, 2015. – 143 с. С 5.

[30]. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав - Душанбе: Дониш, 2008.- С.120 -126

[31]. Гулмирзоев Д. Назарияи андоз ва андозбандӣ: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ // Душанбе. «Сурушан», 2000. - С. 306

[32]. Исломов Т.С. Назарияи андоз ва андозбандӣ. Душанбе: «Ирфон», 2009. -234. – С.41 - 46

[33]. Исломов Т.С. Таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии системаи андозбандӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2009.-С. 89-91

[34]. Қурбонов А.Р. Асосҳои назариявии андоз ва андозбандӣ. Комплекси талимию методӣ. -Душанбе: ҶДММ “Аршан”, 2022. –С. 79

[35]. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 7. С.78.

[36]. Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024 Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2024.- С. 66 – 97

[37]. Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 2 . – Душанбе, 2021. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2021.- С. 128- 131

[38]. Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – АОНПҶТ. 2024.- С. 11 – 367

[39]. Мигунова, М.И. Налоги и налогообложение: учебно-методическое пособие / М.И. Мигунова, О.В. Конева; Сибирский федеральный университет. – Красноярск: Сибирский федеральный университет (СФУ), 2017. – 328с

[40]. Налоги и налогообложение в Азербайджане. Коллектив авторов. Учебник для вузов. Второе издание. «ММ-С», Баку, 2020,- С.11

[41]. Налоги: учеб. пособие. 5-е изд., перераб. и доп. /под ред. Д.Г. Черника. М.: Финансы и статистика, 2002.- С.38

[42]. Налоговая безопасность: монография / [О.А. Миронова и др.]; по ред. О.А. Мироновой. – М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2017. – с. 68.

[43]. Петти У. Трактат о налогах и сборах / У. Пети // Классика экономической мысли. – М., 2000. – С. 13

[44]. Пиров С.Р. Пути эффективного использования производственного потенциала регионального хлопкового комплекса / С.Р. Пиров. - Душанбе: «Ирфон», 1987. – С. 156.

[45]. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. Том 3. Отдел третий: о влиянии налогов, которыми облагаются отдельные товары: монография/ Д.Рикардо – М.: Эксмо, 1998. - С. 301.

[46]. Рыманов А.Ю. Налоги и налогообложение / А.Ю. Рыманов. Учебное пособие. -М.: ИНФРА, 2010. 334 с.

[47]. Сайфуллоева М.А. Нақши таълим дар рушди сармояи инсонӣ. Консепсияи миллии тарбия – асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор. / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. Хуҷанд: “Дабир”, 2021. – С. 79-83.

[48]. Сакс Дж., Ларрен Ф. Макроэкономика: глобальный подход. М. 1999.

[49]. Солодкая Т.И. Математическое моделирование в макроэкономике / Т.И. Столпина // (монография) – Саратов: Поволжский институт управления им. П.А. Столыпина, 2015. – С. 76 - 85

[50]. Тоҷикистон 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – АОНПҶТ. 2024.- С. 21-201

[51]. Убайдуллоев Ф.К. Распределительные экономические отношения и категория «справедливость» в воззрениях таджикских мыслителей средневековья / Ф.К. Убайдуллоев. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 224с.

[52]. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложение: Учебник - Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 19

[53]. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложения в Республике Таджикистан / Х.Р. Улугходжаева. Учебник. Душанбе: Ирфон, 2003. - 320 с.

[54]. Улуғхоҷаева Х.Р. Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ: - Душанбе, «Ирфон». 2004, 325 с.

[55]. Финансы. Денежное обращение. Кредит: учебник для вузов / Л.А. Дробозина, Л.П. Окунева, Л.А. Андросова и др.; под ред. Л.А. Дробозиной. М.: Финансы, ЮНИТИ, 1997. - С. 156

[56]. Финансы: учебник / В.М. Родионова, Ю.Я. Вавилов, Л.И. Гончаренко и др.; под ред. В.М. Родионовой. М.: Финансы и статистика, 1995.- С. 238.

[57]. Хочуев В.А. Налоговое администрирование: теория и российская практика / В.А. Хочуев. -М.: Социум, 2010. – 264-С. 187.

[58]. Ҳабибов С., Фақеров Ҳ. Ҷамшедов М. Луғати истилоҳоти иқтисодӣ (русӣ-тоҷикӣ). Нашри дуюм бо баъзе тағйироту иловаҳо. Душанбе: “Ирфон”, 2010. – С.163.

[59]. Ҳабибов С., Ҷамшедов М. Иқтисоди корхона (ташкилот)-ҳои истеҳсолӣ: Китоби дарсӣ. Қисми 1. Зери таҳрири д.и.и., профессорон Ҳабибов С.Ҳ ва Шарипов М.М. -Душанбе: «Ирфон», 2014. – С.119

[60]. Ҷумабоев Х.Қ., Исломов Т.С., Убайдуллоев Ф.К., Ҷурахонзода Б.Ҷ., Муқимов Қ.М. Таърих ва назарияи андозситонӣ. Душанбе, “ИРФОН”, 2019.- С. 36- 89 – 91

[61]. Шомуродов Ф. Асосҳои низоми миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Нашри якум -Душанбе, «ЭР-граф», 2009. - С. 43

[62]. Эриашвили Н.Д. Налоговое право: учебник для магистрантов, обучающихся по программам направлений -Юриспруденция, -Экономика и Менеджмент. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2020. -С. 9.

[63]. Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: Учебник - М.: ИНФРА-М,1999.- С 39

**Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:**

[64]. Адамов Н. Тенденции совершенствования налогового администрирования и зарубежный опыт // Финансовая газета. - 2009.- № 23. - С. 7.

[65]. Алиев О.М. Мировой опыт и перспектива развития цифрового налога/ Ф.Д. Касирова, О.М. Алиев //Endless Light in Science. – 2023. – № 3-3. – С. 145-151

[66]. Алиев О.М. Мушкилоти ҳавасмандгардонии андозӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисто / О.М. Алиев , Т.А. Ибрагимов // Маводи конференсияи ҷумҳурияии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (25-уми ноябри соли 2022) – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022.- 430 с. С.110-114.

[67]. Алиев О.М. Ташаккули низоми кӯмаки суроғавии озуқаворӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Тоҷикистон: иқтисод ва идора №1 (илмҳи иқтисодӣ) – 2023. С.78-84.

[68]. Архипцева, Л.М. Налоговый потенциал: теоретические и практические аспекты использования в планировании налоговых поступлений [Матн] Л.М. Архипцева // Налоги и налогообложение. – 2008. – № 7. –С. 39 - 4 6.

[69]. Ашуров Ғ.Д. Асосҳои методӣ ва таҳлили муқоисавии омода намудани мутахассисон дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Ғ.Д. Ашуров., Ҷ. Ғ. Қараева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши

илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2016. № 2/10. (ISSN 2413-5151). - С. 243-250

[70]. Баймухаметова А. С. Теоретические воззрения на налоги как обязательные платежи в доход государства [Матн] А. С. Баймухаметова // Проблемы учета и финансов. 2017. № 26. С. 47-51

[71]. Васильева Е.Г. Налоговая оптимизация и нормативные пределы ее реализации в современной налоговой системе: национальная модель регулирования // Налоги» (журнал). 2020. № 3.- с. 29 – 34.

[72]. Голдина А.А., Андреенко Е.С. Развития эффективного налогового адмнистрирования в Росии, Журнал, ―Управление экономике, № 1 (5), 2017. С.- 43 -51

[73]. Грибкова, Н.Б. Опыт налогового регулирования в зарубежных странах и возможность его использования в России. / Н.Б. Грибкова // Налоговая политика и практика. 2005. - № 7.- 17

[74]. Гулов Ш.М. Мушкилот ва самтҳои мукаммалгардонии муносибатҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили назариявию амалии пардохтҳои гумрукӣ дар раванди ғанигардонии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе, 2024.- С. 122- 125

[75]. Гулов Ш.М. Самтҳои асосии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Ш.М. Гулов Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Душанбе, 2024. С. 15-20.

[76]. Давлатов Д.С. Таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба танзими низоми андозбандӣ / зими низоми андозбанд / Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук, 2021. -№1.-С. 98-103

[77]. Джабаров, Р.К. Обобщенные показатели налоговой системы Республики Таджикистан и направления ее совершенствования [Текст] / Р.К. Джабаров, М.М. Исмаилова // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - Душанбе, 2001. -№4.- С. 65.

[78]. Зарипова, Н.Д. Анализ практики налогового регулирования в зарубежных странах / Н.Д. Зарипова // Международный бухгалтерский учет. – 2011. – №19.- С. 44 – 50

[79]. Исломов Т.С. Таърихи андоз ва андозбандӣ. Рӯзномаи Боҷу хироҷ № 18 (1052) аз апрели соли 2018.-С. 4

[80]. Исматов, А. Ф. Нишондиҳандаҳои гаронии андоз: мушкилот ва нақши он дар низоми андоз / А. Ф. Исматов, Т. С. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №. 4-1(69). – С. 280-286.

[81]. Касирова Ф. Д. Современное состояние цифровизации налогового администрирования в Республике Таджикистан [Матн] Иброхимзода И.Р., Касирова Ф. Дж. Вестник ТНУ. - №2. – Душанбе, 2023. – С. 22-30.

[82]. Касирова Ф. Д. Оценка эффективности цифровизации налогового администрирования в Республике Таджикистан [Матн] Касирова Ф. Дж. Вестник ТНУ. - №1. – Душанбе, 2023. – С.205-213.

[83]. Касирова Ф. Д. Теоретический и методологические вопросы системы налогообложения в условиях цифровой экономики [Матн] Касирова Ф.Д., Алиев О.М. Финансово-экономический Вестник. 2022. № 1 (30). С. 198-205.

[84]. Короева, М.Р. Налогообложение образовательных учреждений как инструмент управления их развитием [Матн] М.Р. Короева // Материалы докладов Международной конференции студентов, аспирантов и молодых ученых «Ломоносов». МГУ им. М.В. Ломоносова, 3 – 13 апреля 2012 г. / Отв. ред. А.И. Андреев, А.В. Андриянов, Е.А. Антипов, М.В. Чистякова. [Электронный ресурс] – М.: МАКС Пресс, 2012.- С.12

[85]. Куклина Т. В. Теоретические основы и классификация налогового администрирования / Т.В. Куклина // Вестник Томского государственного университета. Экономика. - №4 (24). - 2013.С -138- 140

[86]. Қаюмов С. Ш. Самаранокии ҳавасмандгардониҳои сармоягузории андозӣ / - Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, қисми 1, шумораи №10 , ш.Душанбе -2020 , саҳ 111-115.

[87]. Қаюмов С. Ш. Налог на добавленную стоимость (НДС) и его применение в Республики Таджикистан / - Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, қисми 2, шумораи №10 , ш.Душанбе -2020 , саҳ 163-170.

[88]. Қаюмов С. Ш., Нақши андоз аз даромадишахсони воқеӣ дар қисмати даромадҳои буҷети давлатӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи молиячиён ва солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» дар мавзӯи “Молия ва нақши он дар амалигардонии ҳадафи чоруми стратегӣ”: “Саноатикунонии босуръати кишвар”» ш. Душанбе, 5.12.2023 С.-33-39

[89]. Қурбонов А.Р. Методологияи андозбандӣ ва марҳилаҳои рушди он // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - №1 (44), - Душанбе, 2021 .-ISSN 2707-8000. - С. 143-152.

[90]. Қурбонов А.Р. Мушкилоти андоз аз арзиши иловашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳо оиди роҳҳои мукамалгардонидани он // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - №4 (43), - Душанбе, 2020. -. ISSN 2707-8000.- С. 148-151

[91]. Леднева Ю.В. Учет фискальных интересов государства при оптимизации налогового режима для привлечения инвестиций // Журнал российского права. 2020. № 7.- с. 144 - 157.

[92]. Леонова Ж.К., Иванина В.М. Особенности налогообложения образовательных услуг в РФ и зарубежный опыт. Международный научно-исследовательский журнал № 7(38). Екатеринбург 2015.-С.61

[93]. Маъдиев С. Имконият ва захираҳои таъмини самаранокии буҷетӣ дар Тоҷикистон. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Низоми идоракунии буҷети давлатии ҶТ дар замони муосир» (25 ноябри соли 2014) / С. Маъдиев. - Душанбе. - 2014.- 86 -89

[94]. Меликов, М.А. О формировании низомиа налоговой политики в регионе / М.А. Меликов // Вестник Сев Кав ГТУ. «Экономика». - 2003. - № 3.(11).- С. 116

[95]. Мирзоахмедов Ф. Применение межотраслевого баланса Леонтьева при исчислении налога на добавленную стоимость / Ф.Мирзоахмедов //Материалы апрельской конференции ФЭИТ. - Душанбе, 2015.-С. 74 - 80.

[96]. Мирзоахмедов Ф. Экономический анализ прогнозирования налоговых поступлений на основе динамических рядов. Материалы международной научно-практической конференции «Государственные инвестиции, налогообложение и их влияние на экономический рост» ФЭИТ / / Ф. Мирзоахмедов. -Душанбе. -2014.- С.136 – 142.

[97]. Мирсаидов А., Воҳидов У.М. Низомиҳои андозии соҳибкории инноватсионӣ дар Тоҷикистон. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявии «Заминаҳои индустриалӣ-инноватсионии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ИИД АИҶТ / А.Мирсаидов, У.М.Воҳидов. -2015.- С. 118 - 122

[98]. Мирсаидов А.Б., Саидов Ф. Индустрияи маориф: моҳият ва механизмҳои рушди он. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №3-4 (11-12), Душанбе 2021.- С. 104 – 112

[99]. Мишустин М.В. Совершенствование налогового администрирования - фактор повышения эффективности работы налоговых органов // Финансы, 2010, № 6 - С. 27.

[100]. Насриддини Тусӣ. Молиёт. Рӯзномаи Боҷу хироҷ №35 (1079) аз 17.08.2017. – С.8 – 9

[101]. Оймаҳмадов Г.Г. Нақши андозҳои мустақим дар танзими иқтисодиёти миллӣ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №3-4 (11-12), Душанбе 2021.- С. 151- 160.

[102]. Раджабов Р.К., Хамидова С.Х. Налоговая система Республики Таджикистан как фактор перехода национальной экономики к устойчивому развитию [Текст] / Р.К. Раджабов, С.Х. Хамидова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). Серия социальные науки, экономика и бизнес. - Душанбе: Точир, 2023. №2/2 (47). ISSN 2308-054X- с. 7-17.

[103]. Рахматов Б.Б. Некоторые вопросы усовершенствования национальной налоговой системы для улучшения предпринимательской среды [Текст] / Б.Б.Рахматов // Научный журнал «Интернаука». Москва, 2017. С.- 32-35.

[104]. Ризокулов Т.Р. Некоторые аспекты совершенствования фискальных низомиов национальной экономики в современных условиях / Т.Р. Ризокулов // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - 2008. - №4. -С.121-133.

[105]. Саидмуродов Л.Х. Философия налогообложения: государство и право /Л.Х. Саидмуродов // Налоговый вестник. -2017. -№ 3.- С. 204 - 215.

[106]. Салимова, М.М. Самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ахбори ДДҲБСТ, Хуҷанд 2015.- С. 22 - 29

[107]. Сафиуллин М.А. Налоговое регулирование воспроизводственных процессов в аграрном секторе экономики [Текст] М.А. Сафиуллин // Бизнес в законе. -2010. -№ 1.- С. 117 -120

[108]. Сердюков А.Э. Администрирование налогов в России: принципы и пути развития / А.Э. Сердюков // Рос. Налоговый курьер. 2006. -№ 3. -С. 9-11.

[109]. Солехзода А.М. «Триггерный» подход к администрированию налогов в Республике Таджикистан», монография /Ставрополь Логос 2020.- С. 5-6.

[110]. Солеҳзода А.М. Налоговое администрирование в Республике Таджикистан, / уч. пос. -Д. 2018.- С.10

[111]. Тегетаева О.Р. Оптимизация налогообложения VS уклонение от уплаты налогов // Налоги и налогообложение. 2014. № 10. С. 889-893.

[112]. Убайдуллоев Ф.К. Распределительные экономические отношения и категория «справедливость» в воззрениях таджикских мыслителей средневековья / Ф.К. Убайдуллоев. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 224с.

[113]. Улугходжаева Х.Р., Джураева М.Н. Проблемы совершенствования системы налогообложения в Республике Таджикистан / Х.Р. Улугходжаева, М.Н. Джураева // Вестник Таджикского национального Университета. -Душанбе, -2010. -№6 (62).- С. 31

[114]. Ҳусейнов, У.С. Самтҳои асосии такмил додани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №1(35). - С. 279-286.

[115]. Ҳусейнов, У.С. Таҷрибаи идоракунии низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва имконияти истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Низоми нави ҷаҳонӣ". – Душанбе. - 2021. - С.119-13

[116]. Ҷумабоев, Х.Қ., Маъмуров А.М. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андозӣ дар сатҳи минтақа //Паёми молия ва иқтисод. -№4 (28). -2021.-с216 С 91-101.

[117]. Ҷумъабоев Х.Қ. Низоми андозбандии миллӣ ва аҳмияти он дар ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ [Матн] / Х.Қ. Ҷумъабоев., Д. Бегмуродов маводи конфронс // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ

дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-карзии байналхалқӣ». 26 ноябри соли 2021. Душанбе: матб. ДДМИТ, – С. 349-353.

[118]. Юсупова Н. Государственная поддержка малого бизнеса в США /Н.Юсупова // Менеджмент в России и за рубежом. -1999. -№5. С.115

[119]. Юсупова Н.// Материалы республиканский научно-практической конференции «Развитие финансовых услуг в условиях интеграции мирового хозяйства». -Душанбе - 2017. -С.28-35.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

[120]. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. Дисс. д.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (соҳаи хизматрасонӣ). – Душанбе 2020.-С. 39-40

[121]. Давлатов Д. С. Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар мисоли маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ). Дисс. аз аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, гардиши пул ва қарз. Душанбе, 2021. 203- С. 46 – 49.

[122]. Давлатов Д.С. Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ). Автореф. дисс. аз рӯйи ихт. 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. - Душанбе, 2021.- С. 9 - 10

[123]. Иброхимов И.Р. Налогово-бюджетное регулирование экономики Таджикистана / И.Р. Иброхимов/ Автореферат дис. -Душанбе, 2006. -24с.

[124]. Саидова Ҳ.М. Ҷанбаъҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ. Дис. н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ. – Душанбе, 2021.-С.110

[125]. Убайдуллоев Ф.К. Категория «справедливость» в системе распределительных экономических отношений в воззрениях таджикских мыслителей средневековья / Ф.К. Убайдуллоев. Дисс. на соис. уч.ст. к.э.н по спец: 08.00.01 – Экономическая теория (История экономической мысли). - Душанбе, 2019. 186 с.

[126]. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ (назария, методология, амалия) / Ш.Қ. Хайрзода – дис... д.и.и. аз рӯйи ихтисоси: 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз. – Душанбе, 2021. – С. 15

[127]. Халифазода С. Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе, 2022. -22 – С.15 – 22 - 133

[128]. Хамидова С.Х. Современное состояние и оптимизация уровня налоговой нагрузки в Республике Таджикистан. Дисс. соиск. уч. доктора философии (PhD)-доктора по специальности 6D050900 – Финансы (6D050901 – Финансы, денежное обращение и кредит). Душанбе – 2023, - С.152.

[129]. Хамидова С.Х. Современное состояние и оптимизация уровня налоговой нагрузки в Республике Таджикистан. Автореф. дисс. соиск. уч. доктора философии (PhD)-доктора по специальности 6D050900 – Финансы (6D050901 – Финансы, денежное обращение и кредит). Душанбе – 2023, 64с.

[130]. Юркова М.Р. Развитие налогообложения государственных учреждений в сфере высшего образования. Дисс. к.э.н. по Спец: 08.00.10. Москва – 2014.-С. 44

## Рӯхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Маҳмаризозода Б.М. Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2025. -№ 1 (56) 1/2025 С.230-235. ISSN 2308-054X.

[2-М]. Маҳмаризозода Б.М. Баҳодиҳии ҳолати иқтисодии муассисаҳои ғайрибуҷетии соҳаи маориф ва тақвият ёфтани он тавассути дасгирии давлатӣ [Матн] / З.С Султонов Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№ 4/1 (54). С.317-323. ISSN 2308-054X.

[3-М]. Маҳмаризозода Б.М. Тартиби пардохтҳои ҳатмӣ ва андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№ 4/1 (54). С.192- 197. ISSN 2308-054X.

[4-М]. Маҳмаризозода Б.М. Тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /З.С Султонов Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№4/ (59). 2024 С.197-200. ISSN 2707-8000

[5-М]. Қурбонов Б.М. Асосҳои назариявии андозбандии муассисаҳои олии таълимӣ дар шароити муосир [Матн] /Ғ Д Ашуров А Р Қурбонов Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№2/1 (46).С.52-55. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Қурбонов Б.М. Вазъи муосири андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили он дар Ҷумҳурии Таҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№4/2 (50).С.195-202. ISSN 2308-054X.

[7-М]. Қурбонов Б.М. Мушкилоти танзим ва маъмурияти андоз дар муасисаҳои олии касбӣ [Матн] / Ғ Д Ашуров Б.М. Қурбонов // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- «Дониш» Душанбе, 2023. -№3,2023 (272).С.137-144.

[8-М]. Қурбонов Б.М. Андозбандии муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2022. -№ 2 (14).С.61-64. ISSN 2707-9996.

[9-М]. Қурбонов Б.М. Чанд тавсия оид ба рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/2 (39).С.92-95. ISSN 2308-054X.

[10-М]. Қурбонов Б.М. Таҷрибаи хориҷии андозбандии низоми маориф [Матн] / Ғ Д Ашуров Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/1 (38). С.125-127. ISSN 2308-054X.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[11-М]. Қурбонов Б.М. Тартиби андозбандии муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Маводи конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди техналогияҳои рақамӣ дар шароити муосир». -Душанбе, 2023. -С. 132-135.

[12-М]. Қурбонов Б.М. Мавқеи андозбандӣ низоми муносибатҳои тақсимотии арзиш [9-М]. А.Р Қурбонов., Н.Д. Максумова., Б.М. Қурбонов / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инновасионнӣ». -Душанбе, 2021. -С. 211-216.

[13-М]. Қурбонов Б.М. Фалсафаи андоз ва андозбандӣ [Матн] / Қурбонов. А.Р., Қурбонов Б.М. // Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир. -Душанбе, 2019. -С. 56-63.

[14-М]. Қурбонов Б.М. Хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / А.Р Қурбонов, Б.М. Қурбонов [Матн] / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи – Таджикистан и соврменный мир: Актуальные проблемы развития инновационной экономики. – ш. Душанбе 2018. - С. 339-342.

**ЗАМИМАИ 1**

# МЕЪЁРҲОИ ХАВФИ АНДОЗӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ САЙЁРИ АНДОЗӢ ВА ТАВСИФИ ОНҲО

| № Р/Т | Меъёрҳои арзёбии хавфҳо барои гузаронидани санҷишҳои сайёри андоз | Тавсифи меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Сарбории андозии ин андозсупоранда барои субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи мушаххас (намуди фаъолияти иқтисодӣ) аз сатҳи миёнаи он пасттар аст | Сарбории андоз ҳамчун таносуби маблағи андозҳо тибқи ҳисоботи мақомоти андоз пардохташуда ва гардиши (даромади) ташкилотҳо тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ ҳисоб карда мешавад. |
| 2 | Инъикоси талафот дар баҳисобгирии муҳосибӣ ё ҳисоботи андоз дар якчанд давраи андоз | Ташкилот фаъолияти молиявию хоҷагиро дар давоми 2 соли таквимӣ ва зиёда аз он бо зиён анҷом медиҳад. |
| 3 | Дар ҳисоботи андоз инъикос намудани миқдори зиёди тарҳҳои андоз барои давраи муайян | Ҳиссаи тарҳҳо барои андоз аз арзиши иловашуда аз маблағи андозе, ки аз манбаи андоз ҳисоб карда шудааст, ба 78% дар давраи 12 моҳ баробар ё бештар аз он аст. |
| 4 | Суръати афзоиши хароҷот назар ба суръати афзоиши даромад аз фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ) | Тафовут байни суръати афзоиши хароҷот нисбат ба суръати афзоиши даромад аз руи ҳисоботи андоз ва суръати афзоиши хароҷот нисбат ба суръати афзоиши даромади дар ҳисоботи молияви инъикосёфта. |
| 5 | Пардохти музди миёнаи якмоҳаи як корманд аз сатҳи миёна аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар субъект | Маълумотро дар бораи нишондиҳандаҳои омории сатҳи миёнаи музди меҳнат аз рӯи намуди фаъолият аз манбаъҳои зерин гирифтан мумкин аст:<br>Агентии омори назди Президенти ҶТ;<br>Вазорати маориф ва илми ҶТ |
| 6 | Такроран наздик шудан ба ҳадди ниҳоии нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз, ки ба андозсупорандагон ҳуқуқи истифодаи низомҳои махсуси андозро медиҳад. | Дар шароити низоми соддакардашудаи андозбандӣ муносибати такрорӣ ба арзишҳои имтиёзнок барои татбиқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ зарурӣ ба назар гирифта мешаванд. |
| 7 | Ташаккули фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ дар асоси бастани шартномаҳо бо контрагент – фурӯшандагон ё миёнаравҳо («занҷири контрагентҳо») бе сабабҳои узрноки иқтисодӣ ё дигар сабабҳо (мақсади | Дар мавриде, ки андозсупоранда имтиёзи беасос гирифтааст |

| | | |
|---|---|---|
| | тиҷоратӣ) | |
| 8 | Ба таври назаррас дуршавии сатҳи даромаднокӣ аз рӯи маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ аз сатҳи даромаднокии соҳаи муайяни фаъолият аз рӯи маълумоти оморӣ | Дуршавии сатҳи даромаднокӣ аз рӯи маълумоти баҳисобгирии андозсупоранда аз нишондиҳандаи даромаднокии миёнаи соҳа барои як намуди фаъолият аз рӯи маълумоти оморӣ 10 фоиз ва бештар аз он. |
| 9 | Гузаронидани фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ бо хавфи баланди андозӣ | Ҳангоми арзёбии хавфҳои андоз, ки метавонад бо хусусияти муносибатҳо бо контрагентҳои алоҳида алоқаманд бошад, ба андозсупоранда тавсия дода мешавад, ки аломатҳои зеринро тафтиш кунад:<br>– набудани робитаҳои шахсии роҳбарияти (шахсони ваколатдори) ширкати маҳсулоттайёркунанда ва роҳбарияти (шахсони ваколатдори) ширкати харидор ҳангоми муҳокимаи шартҳои таҳвил, инчунин ҳангоми бастани шартномаҳо;<br>- набудани далелҳои ҳуҷҷатии ваколати роҳбари ширкати контрагент, нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ӯ;<br>- мавҷуд набудани далелҳои ҳуҷҷатии ваколатҳои намояндаи контрагент, нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ӯ;<br>- набудани маълумот дар бораи ҷойгиршавии воқеии контрагент, инчунин ҷойгиршавии анбор ва/ё майдони истеҳсолӣ ва / ё савдои чакана;<br>– надоштани маълумот дар бораи бакайдгирии давлатии контрагент |

**ЗАМИМАИ 2**

## Ҳавасмандкунии андозсупоранда тариқи тарҳи андозӣ дар таҷрибаи Федератсияи Россия

Қисман баргаштани маблағи андози пардохтшударо тарҳи андозӣ меноманд, ки аз ду шакл: стандартӣ ва иҷтимоӣ иборат буда, ин шакли имтиёзро танҳо он андозсупоранда, шахси воқеие дорад, ки расман корманди доимӣ мебошад ва андозҳои муқарраршударо саривақт пардохт намудааст.

Тарҳи андозии стандартӣ (моддаи 218 Кодекси андози Федератсияи Россия (Минбаъд КАФР) доираи васеъи андозсупорандагони имтиёздор ва шахсонеро дарбар мегирад, ки дар тарбияи онҳо фарзандон қарор доранд, даромади солонаи онҳо то 350 ҳазор рубл дар давраи андозӣ мебошад ва мо танҳо он бандҳоеро дарҷ менамоем, ки фарогири ҳамаи андозсупорандагони андози даромад мебошад. Масалан, дар банди чаҳоруми моддаи мазкур омадааст, ки: “... тарҳи андозии зерин барои ҳар як моҳи давраи андозӣ ба он волидайне татбиқ мегардад, ки дар парасториашон фарзандон доранд: а) 1400 рубл барои як ё ду фарзанд; б) 3000 рубл барои зиёда аз се фарзанд; в) 12000 рубл барои фарзанди маъюб то синни 18 сола, донишҷӯёни маъюб то синни 24 солагӣ.

Тарҳи андозии иҷтимоӣ дар чунин ҳолатҳо амалӣ мешавад: таҳсилоти пулакӣ ё шартномавӣ, барои табобат, хариди амвол ва пардохти фоизи қарзи ипотекӣ (гаравӣ).

*<u>Таҳсилоти шартномавӣ</u>*. Давлат ба волидайни толибилм имконият медиҳад, ки бо риояи маҳдудияти синну сол маблағи таҳсили тавассути шартнома пардохтшудаи фарзандонро қисман баргардонад. Дар ин ҳолат тарҳи андозии максималӣ барои таҳсилоти шартномавӣ чунин аст: аз ҳисоби маблағи 50 ҳазор рубл (6500 баргарданда – 13%) нисбати ҳар як таҳсилкунанда; аз ҳисоби маблағи 120 ҳазор рубл (15600 баргарданда) дар сурати харҷ нисбат ба худи андозсупоранда ва ё хоҳару додари он.

Чунин имконниятҳоро то расидани фарзандон ба синни 24 солагӣ ва таҳсил дар гурӯҳҳои рӯзона барои ҳар як соли таҳсил дастрасӣ намудан мумкин аст.

*<u>Бо мақсади табобат.</u>* Ҳаҷми маблағе, ки барои табобат аз тарафи давлат баргардонида мешавад аз 120 000 рубл 13% он, яъне 15600 рублро ташкил медиҳад. Маблағи 120 ҳазор андозаи ниҳоӣ буда, дар сурат харҷи

ками табобат ҳиссаи фоизи он кам мешавад ва ҳангоми барзиёдии маблағи хароҷот аз ин меъёр танҳо ҳамон андозаи муқарраршуда (13%) баргардонида мешавад. Чунин имкониятро андозсупоранда метавонад нисбати волидайн, додару хоҳар, ҳамсар ва фарзандони худ ҳангоми пешниҳод намудани эъломия ба расмият дарорад.

*Хариди амвол.* Тарҳи амволӣ дар ҳолатҳои зерин ба расмият даровarда мешавад: ҳангоми хариди хона, ҳуҷра, қитъаи замин ва ё бустонсарой ва бунёди амволи ғайриманқул.

Ҳангоми харид ва ё бунёди хона, ҳуҷра, бустонсарой маблағи тарҳи андозӣ аз 2 млн. рубл бо меъёри 13 % (260 000 рубл) баргардонида мешавад. Дар ин маврид ҳаҷми музди меҳнат асос шуда метавонад, яъне музди меҳнати зиёд – тарҳи андозии бештареро муҳайё менамояд. Асос барои тарҳи андозӣ ин аризаи андозсупоранда, эъломия, маълумотномаи анлозҳои пардохтшуда ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хароҷот шуда метавонанд.

*Пардохти фоизи қарзи ипотекӣ.* Ҳангоми хариди хона, манзил тариқи қарзи ипотекӣ як андозаи маблағи хона ва фоизи қарз аз тарафи давлат баргардонида мешавад. Дар ин ҳолат маблағи максималӣ 3 млн. рубл буда, аз ин 390 000 рубл ба буҷети хонавода баргардонида мешавад.

Аз нигоҳи мо, чунин тарҳҳои андозӣ барои андозсупорандагони соҳаҳои афзалиятнокӣ ҷумҳурӣ, ки дастгирии давлатии онҳо барои рушди устувори соҳавӣ, беҳдошти сатҳу сифати зиндагии шоиста ва дар маҷмӯъ барои рушди иқтсодиёт шароит фароҳам меоварад, зарурати ҳамаҷониба дорад. Имтиёзҳои мазкур барои кормандони соҳаҳои маориф, мудофиа, амният, тиб ниҳоятан афзалият доранд.